ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис



ВБД: 891.550 + 070 (76.01 (2 Т))

СУҲРОБИ МИРЗОАЛӢ

ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ТОҶИК: МАХСУСИЯТ, РАВАНДҲО ВА ДУРНАМО

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ

аз руйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ

Мушовири илмӣ:

доктори илмҳои филологӣ, профессор

Муқимов Муҳамадӣ Аминович

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....4

МУҚАДДИМА.....5-23

БОБИ I. ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ: ШИНОХТ, МУШКИЛОТ ВА РАВАНДҲОИ МУОСИРИ ОН……...24-90

1.1. Шинохт ва моҳияти журналистикаи байналхалқӣ……..24-49

1.2. Таҳаввулот дар журналистикаи байналхалқӣ…….....49-70

1.3. Проблемаҳои муосири журналистикаи байналхалқӣ…….....70-90

БОБИ II. ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ……..……..91-148

2.1. Таърихи пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқӣ…….....91-107

2.2. Журналистикаи байналхалқии тоҷик ва марҳилаҳои ташаккули он.....107-129

2.3. Ҷаҳонишавии ахбори байналхалқӣ ва марҳилаҳои он……129-148

БОБИ 3. НАҚШИ ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ИМИҶИ МУСБАТИ ДАВЛАТ.....……....149-221

3.1. Имиҷсозӣ дар журналистикаи байналхалқӣ……...149-165

3.2. Симои Тоҷикистон дар ВАО-и байналхалқӣ..…….……..165-193

3.3. Муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар ВАО-и байналхалқӣ……..193-221

БОБИ 4. БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МИЛЛӢ ДАР ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ.....222-273

4.1. Журналистикаи байналхалқӣ ва масъалаҳои миллӣ……...…222-236

4.2. Набардҳои иттилоотӣ дар журналистикаи байналхалқӣ……236-259

4.3. Нақши ВАО-и байналхалқӣ дар равобити байналхалқӣ.....259-273

БОБИ 5. ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МУОСИРИ ТОҶИК: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО.....274-333

5.1. Радиоҳои байналхалқӣ барои форсизабонон ва тоҷикон.....274-296

5.2. Журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо…….296-314

5.3. Махсусиятҳои инъикос ва таҳлили авзои олам барои аудиторияи тоҷик.....314-333

ХУЛОСА.....334-341

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....342-345

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....346-412

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АМИТ «Ховар» – Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар»

АПН – Агентство печатных новостей (Агентии навигариҳои матбуот)

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ВКХ – Вазорати корҳои хориҷӣ

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ШБТР «МИР» - «Ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои «Мир»

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

НАТО – North Atlantic Treaty Organization (Паймони ҳарбии Атлантикаи Шимолӣ)

НТВ – Новое телевидение

РИА «Новости» – Российский информационный агентство «Новости» (Агентии иттилоотии Русия «Новости»)

СММ – Созмони милали муттаҳид

СССР – Союз Советских Социалистических Республик (Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ)

ТАСС – Телеграфное агентство Советского Союза (Агентии телеграфии Иттифоқи Шуравӣ)

ЮНЕСКО – Созмони омӯзишӣ, илмӣ ва фарҳангии Милали Муттаҳид

ВВС (Би-Би-Си) – Ширкати радишунавонии Британия

CNN (Си-Эн-Эн) – Кейбл нюс нетворк

ИРНА (IRNA) – Хабаргузории Ҷумҳурии Исломии Эрон

TRT – Телевизиони байналмилалии Туркия

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар ҷаҳони муосир мақоми журналистикаи байналхалқӣ боло рафта, ВАО-и байналхалқӣ дар равобити умумиҷаҳонӣ нақши муҳим пайдо намуда, набзи ҳаёти байналхалқиро ба одамон ошкор мекунад. Ҳамчунин дар муаррифии миллатҳо ва кишварҳо нақши журналистикаи байналхалқӣ бузург буда, ташаккули имиҷи кишварҳо, таваҷҷуҳи сайёҳон, сармоягузорон ва дар маҷмуъ густариши равобити ҷаҳонӣ ба маводди паҳннамудаи ВАО-и байналхалқӣ низ вобастагӣ дорад. «Журналистикаи муосир, аз ҷумла, журналистикаи байналхалқӣ аз ҷиҳати мазмуни худ гуногунҷабҳа буда, тамоми паҳлуҳои ҳаёти байналхалқӣ, байнидавлатӣ, байни тамаддуни ҷомеаи башарро фаро мегирад» [44, с. 320]. Дар баробари ин дар расонаҳои байналхалқӣ иттилооти нодуруст, ғаразнок, таҳрифгардида ва ё буҳтон нисбат ба кишваре, миллате ва ё шахсиятҳои машҳур паҳн мегардад, ки он ҷузъе аз набардҳои иттилоотӣ аст. Ҳамин аст, ки масъалаи паҳншавии иттилоот ва муқобилият намудан ба иттилооти нодуруст ҳамчун яке аз муҳимтарин масъалаҳои журналистика буда, давлатҳоро водор менамояд, ки ВАО-и байналхалқии худро таъсис диҳанд. Маврид ба зикр аст, ки масъалаи инъикоси равобити байналхалқӣ, муаррифии миллатҳо ва кишварҳо, муборизаҳои иттилоотӣ тавассути расонаҳо аз давраи пайдоиши журналистика вуҷуд дошт ва ин масоил дар сад соли охир бештар мавриди баррасии олимон ва алоқамандони мавзуъ қарор гирифта истодааст, ки ин ҳама баёнгари мубрамият ва аҳаммиятнокии он аст.

Журналистикаи байналхалқӣ дар раванди ҷаҳонишавии ахбор саҳми муҳим дорад ва дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ низ яке аз бозингарони асосӣ боқӣ мондааст. Ба қавли муҳаққиқи рус Я. Н. Засурский «Журналистикаи байналхалқӣ на танҳо ахбор дар бораи воқеаҳои имрӯз аст, балки қисми муҳимми тасавуроти мо доир ба ҷаҳон мебошад» [252, с. 6]. Кишварҳои абарқудрат ва давлатҳои қудратталаб аз тавоноии ВАО-и байналхалқӣ ва имкониятҳои ҷаҳонишавӣ суйистифода намуда, фарҳанг ва анъанаҳои миллии худро ҳамчун

фарҳанги ҷаҳонӣ тарғиб мекунанд, ки дар натиҷа масъалаи бархурди фарҳангҳо ба вуҷуд омад. Чунин вазъият барои кишварҳои дар ҳоли рушд мушкилии ҳифзи анъана ва фарҳанги миллиро на танҳо дар сарзамини худ, балки нигоҳдошти ҳувияти миллии ҳаммиллатонро дар саросари олам ба миён овард.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба маблағгузории созмонҳо, ҳаракатҳо, ширкатҳо, кишварҳо ва афроди алоҳида пойбанд гардидани расонаҳои байналхалқӣ баъзан сабабгори нашри маводди таҳрифшуда, овозаи бардурӯғ, буҳтон, ахбори нодуруст дар бораи миллатҳо, кишварҳо ва ҳаёти байналмилалӣ гардида, моҳияти рисолати воқеии журналистикаи байналмилалиро зери суол бурдааст. Аз ин ҷо масъалаи ташкили ВАО-и байналхалқӣ ва тақвияти фаъолияти расонаҳои миллӣ барои кишварҳо ба яке аз масъалаҳои мубрами онҳо табдил меёбад.

Пас аз соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии навтаъсис зарурати бештар ба муаррифӣ пайдо кард, ки дар ибтидо аз тариқи идораи барномаҳои бурунмарзии «Радиои Тоҷикистон», баъдан тавассути ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқии муқими ҷумҳурӣ роҳандозӣ гардид. На ҳамеша иттилооти расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ бозгӯкунандаи вазъияти кишваранд ва дар замоне ки ҳанӯз расонаҳои миллӣ ба интернет ва пахши моҳворавӣ дастрасӣ надоштанд, ҷаҳон дар асоси маводди расонаҳои бегона кишварро мешинохт. Фаъол гардидани ҷумҳурӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, густариши робитаҳо бо олами беруна дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ, роҳандозии сиёсати дарҳои боз дар равобити байналхалқӣ ва ташаббусҳои байналхалқии кишвар боиси афзудани таваҷҷуҳи расонаҳо ба кишвар гардид ва аз ҷониби дигар таҳаввулоти геополитикии олам ва афзоиши тарғиботи расонаҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ ба минтақа зарурат ба журналистикаи байналхалқиро барои ҷумҳурӣ муҳимтар гардонид, ки таҳқиқи ҳолат ва дурнамои он ба манфиати кишвар аст.

Ҷиҳати дигаре, ки мубрамии мавзуи таҳқиқро собит менамояд, марбут ба таҳқиқи фаъолияти расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар Тоҷикистон, муайян намудани ҳолат ва дурнамои журналистикаи байналхалқии тоҷик ва баррасии чигунагии таҳлили авзои олам барои аудиторияи тоҷик аст. Он масъалаест, ки

зарурати баррасӣ гардиданаш вуҷуд дорад. Ҳамчунин зарурати омӯзиш ва коркарди назариявӣ ва амалии журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистонро ҳанӯз соли 2018 профессор А. Нуралиев дар мақолаи илмии худ баён намуда, таъкид доштааст, ки он «ба низомдарории мушаххасро талаб менамояд» [340, с. 293].

Бозтоб ва баррасии ҳаёти байналхалқӣ, саҳми ВАО-и байналхалқӣ дар муаррифии сарзаминҳо ва фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ дар фазои иттилоотии муосири дунё аз масоили муҳими журналистикаи байналхалқии муосир ба ҳисоб мераванд, зеро замони муосир чунин муносибатро талаб менамояд. Аз ин рӯ, мақсади таҳқиқи мазкур таваҷҷуҳ ба масъалаи пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқӣ ва махсусан, журналистикаи байналхалқии тоҷик мебошад.

Муайян намудани махсусият, марҳилаҳо ва ояндаи журналистикаи тоҷик дар шароити глобализатсия, ҳолати журналистикаи байналхалқии тоҷик дар марҳилаи тараққиёти технологияҳои иртиботӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ, баррасии баҳсҳо доир ба нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи мусбати давлат, инъикоси масъалаҳои миллӣ ва равобити байналхалқӣ дар журналистикаи байналхалқӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо бо мақсади мушаххас сохтани он ки то кучо радиоҳои байналхалқӣ барои форсизабонон ва тоҷикон тарғибот мебаранд, бахши дигари мақсади таҳқиқ аст. Ҳамчунин, таваҷҷуҳ ба масъалаҳои муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон ва симои он дар ВАО-и байналхалқӣ аз ҳадафҳои дигари таҳқиқ аст. Баррасии таҳаввулот ва мушкилоти муосири журналистикаи байналхалқӣ низ ҳадафи таҳқиқ ба шумор меравад.

Дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ. Мавзуи журналистикаи байналхалқӣ дар илми журналистикаи тоҷик ҳамчун объекти таҳқиқот масъалаи нав мебошад, аммо ҳамчун як соҳаи журналистика дар асарҳо ва мақолаҳои муҳаққиқони соҳаи журналистика ба таври умумӣ баррасӣ шудааст. Мавзуи журналистикаи байналхалқӣ дар ҳавзаи илмии кишварҳои пасошуравӣ аз соли 1991 инҷониб ба сифати як соҳаи алоҳидаи журналистика дар алоқамандӣ бо журналистикаи

ҷаҳонӣ аз тарафи олимони рус ва белорус бештар таҳқиқ гардида, якчанд рисола, асарҳои таълимӣ ва силсилаи мақолаҳои илмӣ чоп шуданд.

Омӯзиши адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳо далолат медиҳанд, ки аз замони пайдоиши журналистикаи байналхалқӣ то ҳол бархе аз муҳаққиқон ба ин масъала ба таври умумӣ ва бархе аз муҳаққиқон дар алоҳидагӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Ингуна таҳқиқро мо ба 4 гурӯҳ ҷудо кардем:

Ба гурӯҳи аввал китоб, дастур, васоити таълимӣ ва мақолаҳои илмие дохил мешаванд, ки ба таърих, назария ва амалияи журналистика бахшида шуда, дар онҳо доир ба пайдоиш, фаъолияти ВАО-и байналхалқӣ ва мушкилоти фазои иттилоотии ҷаҳон ишораҳо ҷой дорад. Муҳаққиқони рус А.Г. Беспалова [13], Е.П.Прохоров [94; 95], В.В. Ворошилов [17; 18], С.Г. Корконосенко [56], С.А.Михайлов [65; 66; 67] дар асраҳои худ дар баробари назарияи журналистика доир ба ҳолати фазои иттилоотии олам, таърихи пайдоиши журналистика низ таҳқиқот бурдаанд ва дар асарҳои худ фаъолияти ВАО-и байналхалқиро шарҳ додаанд. Дар ин радиф асарҳои олимони тоҷик И.К. Усмонов [121; 122; 130], Д. Давронов [122], А. Нуралиев [86; 87], А. Саъдуллоев [114; 115], М.Муродӣ [83], А. Азимов [5], Н.Н. Салихов [108], Қ. Шарифзода [136; 138], Ш. Муллоев [81], С. Гулов [21; 23], Б. Ҳошимзода (А. Қудбиддинов) [58] ва дигаронро метавон номбар кард, ки дар баробари таҳқиқи таърих, назария, амалияи журналистикаи тоҷик, ба масъалаҳои матбуоти умумиформсӣ, вазъи журналистикаи муосир, фазои иттилоотӣ ва масъалаҳои этикаи касбиро таҳқиқ намуданд. Аз ҷумла, профессор И.К. Усмонов дар асари «Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [124] масъалаи нақши расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар муаррифии кишвар ва ҷойгоҳи онҳо дар фазои иттилоотии Тоҷикистон таҳқиқ намудааст.

Қисми сеюми асари муҳаққиқ И.К. Усмонов «Журналистика» [128], маҷмуаи мақолаҳо, табрикот, баҳсҳо ва мусоҳибаҳояшро дар бар мегирад ва аз он ҷумла, масъалаҳои таъсиси матбуоти умумиформсӣ, публитсистикаи устод С. Айнӣ, мушкилоти фазои иттилоотии Тоҷикистон, нигоҳи ВАО ба сиёсати хориҷӣ, шинохти Би-Би-Си, масъалаи озодии сухан ва дигар проблемаҳои

журналистикаи тоҷик баррасӣ шудааст. Дар қисми чоруми асари «Журналистика» [129]-и профессор И. Усмонов асари олимон С. Фред, Сиберт, Вилбур Шрамм, Теодор Питерсон доир ба чор назарияи матбуотро тарҷума шудааст. Асари мазкур масъалаи пайдоиши журналистика, хусусиятҳои журналистикаи кишварҳо ва журналистикаи байналхалқиро фаро гирифтааст.

Дар таҳқиқоти профессор А. Нуралиев таърихи пайдоиш ва ташаккули журналистика, ВАО-и байналхалқӣ, равандҳои журналистикаи ҷаҳонӣ, таҳсилоти журналистӣ дар кишварҳо ва дигар паҳлуҳои журналистикаи ҷаҳонӣ дар баробари таърихи журналистикаи кишварҳои алоҳида таҳқиқ шудааст. Дар ин самт асари «Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ» [86; 87] дар ду нашр гувоҳи мукамал аст.

Омӯзиш ва таҳқиқи журналистикаи хориҷӣ ва равандҳои журналистикаи ҷаҳонӣ барои мактаби илмии профессор А. Саъдуллоев бегона нест. Натиҷаи он дар асарҳои илмӣ ва таълимии профессор А. Саъдуллоев ҷой дода шудааст. Воситаи таълимии «Асосҳои журналистикаи телевизион»-и муҳаққиқон А.Саъдуллоев ва М.Шоев [114] ба журналистикаи телевизионӣ бахшида шуда, дар он махсусият ва фаъолияти телевизионҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ, коммуникатсияи оммавӣ ва авзои ВАО-и кишварҳо баррасӣ гардидааст. Инчунин доир ба журналистикаи қавмӣ низ як мавзуи алоҳида дар ин асар дарҷ шудааст, ки имрӯз ВАО-и қавмӣ як ҷузъи рушдёбандаи журналистикаи байналхалқӣ аст.

Дар асарҳо ва мақолаҳои илмии профессорон А. Азимов [213], Ш. Муллоев [81; 328], муҳаққиқон П. Гулмуродзода [239; 240], Қ. Шарифзода [136; 138], С. Гулов [242; 243; 246; 248] ва дигарон масоили таърихии журналистика, этикаи касбӣ, авзои журналистикаи муосир таҳқиқ шудааст. Паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии журналист, усулҳои таҳқиқи журналистика, омилҳои пайдоиши рӯзномаи «Бухорои шариф» ва дигар масъалаҳои касбӣ дар осори профессор М. Муродӣ таҳқиқ гардиданд, ки ба рисолаи таҳқиқшаванда алоқамандӣ доранд.

Ба гурӯҳи дуюм китобу воситаҳои таълимӣ доир ба шинохти журналистикаи байналхалқӣ шомил мегардад, ки он дар навбати худ ба ду зергурӯҳ ҷудо мешавад:

А) адабиёти хориҷӣ

Доир ба журналистикаи байналхалқӣ муҳаққиқони зиёде дар Амрико, Аврупо ва дигар кишварҳо таҳқиқот анҷом доданд. Аз ҷумла, муҳаққиқ В. Кевин [157] дар асари худ таърихи пайдоиш, ташаккул ва махсусиятҳои журналистикаи байналхалқиро пажуҳиш кардааст. Муҳаққиқ Р. Замит [174] бештар консепсияҳо, мушкилот ва равандҳои журналистикаи байналхалқӣ ва вазъияти журналистикаи кишварҳои алоҳида ва минтақаҳои оламро таҳлил намуда, пешрафт, мушкилот ва дурнамои ВАО-и глобалиро баррасӣ намудааст. Инчунин дар асарҳои муҳаққиқони зерин баъзе аз масъалаҳои мавриди таҳқиқ баррасӣ шудааст: P. Arblaster [144], L. Brown [147], J. Hohenberg [156], I. Mandaza [158], M. Palmer [159], J. Pietilainen [160], T. Rantanen [161], D. Read [162], A. Smith [165; 166; 167], M. Stephens [168], J. Sutherland [169], J. Tunstall [171].

Аз таҳқиқ маълум гардид, ки пажуҳиши масъалаҳои журналистикаи байналхалқӣ дар ҳавзаи илмии кишварҳои пасошуравӣ нисбат ба ИМА ва Аврупо дертар оғоз гаштааст. Олимон В.В. Орлова [89], А.С. Пую, А.С. Смолярова, Е.С. Георгиева, А.Ю. Быков, Н.С. Лабуш, С.Б. Никонов, Ю.В. Куришева, Ю.С. Данилова, Р.В. Бекуров [60] ва олимони белорус Б.Л. Залесский [44], Е.Ф. Конев [53] дар таҳқиқоти худ ба моҳияти илмии журналистикаи байналхалқӣ таваҷҷуҳ намуда, дар китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ паҳлуҳои гуногуни журналистикаи байналхалқӣ, назария ва амалияи онро баррасӣ намуданд. Аз ҷумла, дар маҷмуи лексияҳои профессор С.А. Михайлов [92].

Асари муҳаққиқ Б. Л. Залесский «Белорусская международная журналистика: особенности, тенденции, перспективы» [44] яке аз дастурҳои таълимӣ дар Белорусия доир ба журналистикаи байналхалқӣ аст. Муаллиф дар асари мазкур мавқеи журналистикаро дар ҷомеаи глобалӣ, фазои иттилоотии Белорусия, ҳамкориҳои ин кишвар бо дигар давлатҳо ва инъикоси онҳо дар

расонаҳоро таҳлил намуда, моҳият ва таъиноти журналистикаи байналхалқӣ, ҷойгоҳи он дар фазои иттилоотии олам, махсусиятҳои журналистикаи байналхалқии Белорусия ва талабот барои омодасозии журналистони байналхалқии белорусро баррасӣ намудааст. Арзёбии журналистикаи байналхалқӣ дар ин асар бештар аз мавқеи миллӣ ба журналистикаи байналхалқӣ сурат гирифта, муаллиф вазифаи журналистикаи байналхалқии белорусро дар муаррифии кишвар, густариши равобити хориҷӣ, ба хусус ҳамкориҳои иқтисодӣ ва савдои беруна медонад.

Е.Ф. Конев дар ҳаммуаллифӣ бо И. И. Саченко китоби «Международная журналистика. Введение в специальность» [52] навишта, дар он махсусияти ҷамъоварӣ ва паҳннамоии ахбор дар журналистикаи хориҷӣ, ВАО ҳамчун шакли муассири таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар кишварҳои пешрафта ва рӯ ба инкишоф, талаботи фаъолияти иттилоотӣ дар журналистикаи кишварҳои хориҷӣ ва махсусияти кор дар матбуоти хориҷиро баррасӣ намудааст. Е. Ф. Конев дар асари таълимии «Международная журналистика. Введение в специальность» [53] хусусиятҳои телевизион ва радиошунавонии муосири хориҷӣ, фаъолияти журналистони хориҷӣ дар расонаҳои хориҷиро баррасӣ намуда, бештар ба журналистикаи хориҷии ИМА ва Аврупо таваҷҷуҳ кардааст. Дар асари «Теория и практика зарубежной журналистики» [54] Е.Ф. Конев хусусиятҳои хосси омодагии назариявии журналистони хориҷӣ, инчунин малакаҳои амалӣ, қоидаҳо ва усулҳои фаъолияти мухбирони хориҷиро шарҳ додааст. Е.Ф. Конев ва ҳаммуаллифони китобҳояш миёни журналистикаи хориҷӣ ва журналистикаи байналхалқӣ фарқ намегузоранд ва онро як мешуморанд, ки чунин мавқеъ дуруст нест.

Б) адабиёти ватанӣ

Асарҳои профессор М.Муқимов (Ҷовид Муқим) аксарият пурра ба журналистикаи байналхалқӣ бахшида шуда, таърихи пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқӣ, фаъолияти намояндагиҳои расонаҳои байналхалқӣ дар Тоҷикистон ва инъикоси воқеияти кишвар дар онҳо, мушкилоти журналистикаи байналхалқии муосир, баррасии масъалаҳои актуалии замон дар

расонаҳои байналхалқӣ, ҷанги иттилоотӣ, саводи расонаӣ, журналистикаи чандрасонаӣ ва таъсири он ба ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқиро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, асарҳои «Радио «Свобода»: ложь и правда» [71], «Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ» [72], «Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз» [73], «Расонаҳои ҷаҳонии тарғиботии ИМА» [78] ва дигар китобу мақолаҳои алоҳидаи ин муҳаққиқ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ маълумоти фаровон вуҷуд дорад. Аз ҷумла, дар масъалаҳои таҳриф намудани ҳақиқат, сохтакорӣ ва тарғиботи расонаҳои байналхалқии ИМА ва Британияи Кабир, ҷангҳои иттилоотии муосир ва таҳаввулот дар расонаҳои байналхалқӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми журналистикаи тоҷикро низ баррасӣ намудааст. Пажуҳиши ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ дар мактаби илмии профессор М.А. Муқимов яке аз самтҳои асосии таҳқиқот буда, беш аз 10 муҳаққиқи ватанӣ ва хориҷӣ рисолаи номзадӣ ва докторӣ ҳимоя намуданд.

Дар китоби муҳаққиқ С. Гулов «Амвоҷи сухан» [21] маводди ВАО таҳлил гашта, дар баробари масъалаи риоя нагардидани меъёрҳои асосии этикаи касбӣ, ба масъалаи беэҳтиромии журналист нисбат ба аудитория дар шарҳу тафсири масъалаҳои байналхалқӣ муайян шудааст. Муҳаққиқ Гулов С. дар асари «Истиқлолият ва журналистикаи тоҷик» [23] таҳаввулоти журналистикаи тоҷик, нақши ВАО дар муборизаҳои иттилоотӣ, ВАО-и Тоҷикистон ва робитаҳои минтақавӣ, пажуҳиши илми журналистика дар Тоҷикистон, мактабҳои илмии журналистикаи тоҷик ва дигар масъалаҳои мубрами журналистикаи тоҷикро таҳқиқ намудааст ва доир ба таҳқиқи журналистикаи байналхалқӣ қайдҳо ҷой дорад.

Дар асарҳои илмии муҳаққиқ Б. Ҳошимзода масъалаҳои гуногуни журналистикаи байналхалқӣ, фазои иттилоотӣ, набардҳои иттилоотӣ, инъикоси авзои ҷаҳон дар расонаҳо, ба хусус матбуоти маҳаллӣ таҳлилҳои илмӣ ҷой доранд.

Бояд қайд намуд, ки мавзуи таҳқиқи рӯзномаи «Бухорои шариф» дар миёни асарҳои таҳқиқии муҳаққиқ Қироншоҳ Шарифзода мавқеи намоёнро касб

менамояд. Асари «Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ» [136] маълумоти муфидро доир ба рӯзномаи «Бухорои шариф» фаро гирифтааст.

Китоби дигаре, ки ба сифати сарчашмаи муҳим ба забони тоҷикӣ доир ба таърихи журналистикаи хориҷӣ ва байналхалқӣ дониста мешавад, «Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ» [130] мебошад, ки аз ҷониби устодони кафедраи журналистикаи байналхалқӣ таҳия шудааст.

Дар асари Эдуард Полетаев – «Рӯзноманигории байналхалқӣ» [91] бештар ба журналистикаи амалӣ такя шуда, назарияи журналистикаи байналхалқӣ аз мадди назари муаллиф канор мондааст. Сарфи назар аз ин китоб сарчашмае доир ба санадҳо, меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқи касбӣ аст.

Дар асари Дебора Поттер – «Рӯзноманигории мустақил» [93] дар баробари таҳияи хабар, ҷамъоварии мавод ва дигар равандҳои фаъолияти эҷодии журналисти мустақил, инчунин доир ба меъёрҳои ахлоқӣ ва қонунгузорӣ дар фаъолияти журналистӣ маълумоти зарурӣ пешниҳод шудааст. Аҳаммияти асари мазкур барои таҳқиқи мо дар он аст, ки бештар назария ва амалияи журналистони амрикоиро шарҳ медиҳад ва аксарияти расонаҳои байналхалқӣ ба мактаби журналистии амрикоӣ пайравӣ менамоянд.

Китоби «Журналистика дар Тоҷикистон» [41] нашри муштараки Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагии «Интернюс Нетуорк» дар Тоҷикистон ва Институт оид ба Тавзеҳи Ҷанг ва Сулҳ (IWPR) буда, маълумотномаи касбӣ барои журналистон аст. Дар асари мазкур стандартҳои байналхалқӣ дар фаъолияти эҷодии журналист, кодексҳои ахлоқии журналистии кишварҳои гуногун, усулҳои омодасозии мавод барои матбуот, радио ва телевизион барои журналистони тоҷик пешниҳод гардидааст, ки бештар аз таҷрибаи ВАО-и байналхалқӣ, аз ҷумла, Би-Би-Си нақл менамоянд. Инчунин як бахши китоб ба Конститутсия ва дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дахлдори байналхалқӣ бахшида шудааст.

Доир ба мавзуи рисола васоити таълимии «Журналистикаи байналхалқӣ дар замони муосир» [63]-ро ба табъ расондидем, ки дар таҳқиқи журналистикаи байналхалқӣ, шинохти фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ ва вижагиҳои

инъикоси ахбори байналхалқӣ дар расонаҳои миллӣ ба муҳаққиқон кумак расонда метавонад.

Гурӯҳи сеюми адабиётро монография ва рисолаҳои илмӣ, аз ҷумла диссертатсияҳо ва авторефератҳо ташкил медиҳанд:

А) муҳаққиқони хориҷӣ

Рисолаҳои илмии муҳаққиқон В.Г. Колесниченко [187], Е. А. Ларионов [190], Ю.Е. Афанасев [177], П.И. Муминова [195], А. Талхобӣ [204], Н. Искандарӣ [184], А. Сано [200] ва М.А. Анҷум [175], ба таҳқиқи журналистикаи байналхалқӣ ва ВАО-и байналхалқӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, П.И. Муминова соли 2002 рисолаи доктори худро бо унвони «Журналистикаи байналхалқии муосир: равандҳо, мушкилот ва дурнамо» (Современная международная журналистика: тенденции, проблемы и перспективы: (концептуально-функциональный анализ)) дар Донишкадаи забон ва адабиёти ба номи А. Навоии Ҷуҳурии Ӯзбекистон ҳимоя намуд. Дар ин таҳқиқот муаллиф таърихи пайдоиши журналистика, ҳолат, мушкилот ва дурнамои журналистикаи ИМА, кишварҳои аврупоӣ, журналистикаи ИДМ ва Ӯзбекистонро таҳқиқ намуда, бештар ба ваъияти журналистика аз соли 1991 то 2001 таваҷҷуҳ намудааст. Муҳаққиқ журналистикаи имрӯзаро ба журналистикаи замони Шуравӣ муқоиса намуда, дар баробари бартариҳо ҷиҳатҳои манфии ҷаҳонишавиро ошкор намудааст. Инчунин ӯ таъкид менамояд, ки журналистикаи кишварҳои узви ИДМ дар солҳои аввали пас аз фурӯпошии Шуравӣ вазъияти ягона доштанд. Масалан, «ВАО-и ӯзбек дар хориҷа намояндагӣ ва мухбири хориҷии доимӣ надоштанд» [195]. Воқеан ҳам журналистикаи кишварҳои ИДМ ба истиснои Русия вазъияти ба ҳам монанд доштанд. Муҳаққиқ П.И. Муминова инчунин дар хусуси афзоиши таваҷҷуҳ ба мушкилоти глобалӣ ва истифодаи маводди расонаҳои хориҷӣ дар ВАО-и миллӣ таҳқиқ намуда бошад ҳам, ба моҳият, хусусиятҳо ва ҷанбаҳои назарии журналистикаи байналхалқӣ назар накардааст.

Муҳаққиқи эронӣ А. Талхобӣ рисоли номзадии худро дар мавзуи «Ҳуҷуми иттилоотии расонаҳои байналмилалии форсизабон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон

(дар мисоли «Садои Амрико», радиои «Фардо» ва Би-Би-Си)» соли 2013 ҳимоя намуд. Илова бар ин монографияи ӯ таҳти унвони «Тактикаҳои хабарӣ дар ҳуҷуми иттилоотӣ нисбати Эрон» [119] нашр гашт ва муҳаққиқ дар баробари таҳлили ҷангҳои иттилоотии расонаҳои байналхалқӣ ба муқобили Эрон, инчунин тактикаҳои муборизаҳои иттилоотии онҳоро бо мисолҳо ошкор намудааст.

Муҳаққиқ Н. Искандарӣ монографияи худ «Нақши расонаҳо дар ҷалби сайёҳон» [49]-ро дар асоси рисолаи илмиаш таҳия намудааст. Дар ин асар соҳаи туризм, роҳу усулҳои ҷалби сайёҳон, таърихи сайёҳӣ дар Эрон ва нақши ВАО дар таблиғи сайёҳӣ таҳқиқ шуда, ба масъалаи рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ намудааст. Зимни таҳқиқи ҷойгоҳи расонаҳои байналхалқӣ дар муаррифи имконоти сайёҳии Тоҷикистон ва баррасии вижагиҳои журналистикаи сайёҳӣ асари мазкур роҳнамои мо гардид.

Б) муҳаққиқони ватанӣ

Доир ба фаъолияти намояндагиҳои ВАО-и хориҷӣ, байналхалқӣ, байнидавлатӣ ва дигар паҳлуҳои журналистика, ки ба журналистикаи байналхалқӣ бештар рабт доранд, муҳаққиқони зерин дар Тоҷикистон таҳқиқот анҷом доданд: М. Муқимов [193; 194], Ҷ. Саъдуллоев [198], С. Мирзоалӣ [191], Ш. Соибназарова [199], Ф. Ғоибова [180; 181], Х. Сафаров [202], Ф. Мирзоева [192], Ф. Исмоилова [185], М. Баҳромзода [179], Б. Соҳибова [203], М.Усмонов [205], Б. Зоириён [183], Ҷ. Яқубов [176], А. Сабуров [197]. Илова бар ин диссертатсияҳои М. Атоев [176] ва И. Баротов [178] баъзе масъала ва мавзуъҳоеро фаро гирифтаанд, ки ба таҳқиқи мо алоқамандӣ доранд.

Нахустин таҳқиқ доир ба журналистикаи байналхалқӣ дар муҳити илмии Тоҷикистон рисолаи номзадии М.А. Муқимов – «Таърихи пайдоиш ва ташаккули радиои «Озодӣ» [193] мебошад, ки соли 2003 ҳимоя шудааст. Муҳаққиқ дар ин замина таҳқиқи худро васеъ намуда, рисолаи докториашро таҳти унвони «Воқеияти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои инъикоси он дар васоити электронии ахбори хориҷӣ (дар мисоли бахши тоҷикии радиои «Озодӣ» ва бахши форсии Би-Би-Си)» [194] соли 2006 дифоъ намуд.

Сипас дар ин самт аз ҷониби мо рисолаи номзадӣ таҳти унвони «Фаъолияти хабаргузориҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон (Дар мисоли ИРНА ва РИА «Новости»)» [191] 13 ноябри соли 2007 ҳимоя гардид ва аз натиҷаи таҳқиқоти мазкур соли 2009 монографияи «Хабар: аз Машриқ то ба Мағриб» нашр гашт.

Рисолаи доктории муҳаққиқи тоҷик Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович дар мавзуи «Ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои «Мир» ҳамчун типи нави ВАО-и байнидавлатӣ дар доираи равандҳои ҳамгироии ИДМ» [198] аз чор фасл иборат буда, таҳқиқоти мукаммал доир ба фаъолияти ШБТР «Мир» мебошад. Дар рисола заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти ШБТР «Мир», махсусияти он ҳамчун расонаи байнидавлатӣ, сохтори ширкат ва фаъолияти шуъба ва намояндагиҳои он ва стратегияи рушди ШБТР «Мир» таҳқиқ шудааст.

Гурӯҳи чоруми адабиёт иборат аз мақолаҳои илмӣ аст, ки дар онҳо олимон масъалаҳои журналистикаи байналхалқиро баррасӣ намуданд ва чунин мавод дар маҷмуаи конфронсҳои илмӣ, маводди семинарҳои илмию амалӣ ва маҷаллаҳои илмӣ нашр шуданд. Масалан, натиҷаи ҳамоиши илмии устодони кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург бо номи «Международная журналистика» [60] нашр шудааст, ки он мақолаҳои устодони кафедраи мазкурро доир ба паҳлуҳои гуногуни журналистикаи байналхалқӣ фаро гирифтааст. Илова бар ин мақолаҳои муҳаққиқон Я. Н. Засурский [252] ва А. Нуралиевро [340] метавон номбар кард.

Дар маҷмуаи мақолаҳои кафедраи журналистикаи байналхалқии ДМТ, ки зери унвони «Журналистикаи байналхалқӣ» аз соли 2008 иҷониб дар 14 қисм ба табъ расидааст, паҳлуҳои гуногуни журналистикаи байналхалқӣ баррасӣ гардиданд, ки аксари мақолаҳо ба қалами устодон ва унвонҷӯёну аспирантони кафедра тааллуқ доранд. Як қисми таҳқиқоти доир ба журналистикаи байналхалқӣ анҷомдодаи мо аввалан дар шумораҳои маҷмуаи мазкур ба табъ расиданд.

Дар баробари асарҳои илмӣ, таълимӣ, санадҳои соҳавӣ, ки дар робита ба муҳиммияташон қисман қайд шуданд, ҳамчун сарчашма маводди ВАО ва сомонаҳои интернетиро метавон қайд намуд, ки вобаста ба мавзуъ маводди зарурӣ доранд.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шуда, ба масъалаи асосии илмии он – «Омӯзиш ва тадқиқи назария, амалия ва таърихи журналистикаи байналхалқӣ ва намояндагиҳои воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ дар Тоҷикистон» мутобиқат менамояд. Таҳқиқ ба ҳадафҳои «Барномаи давлатии рушди телевизион ва радио дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020, №429 тасдиқ гардидааст) ва «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2025, №461 тасдиқ гардидааст) мувофиқат мекунад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Ҳадафи асосии диссертатсияро таҳқиқи заминаҳои пайдоиш, ташаккул ва махсусиятҳои журналистикаи байналхалқии тоҷик ташкил медиҳад. Вобаста ба ин проблемаҳо, равандҳо, саҳми журналистикаи байналмилалӣ дар ташаккули имиҷи давлат, мақоми расонаҳои байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, вазъият ва дурнамои журналистикаи байналмилалии тоҷик муайян карда шуда, усулҳои бозтоби ахбори байналмилалӣ дар ВАО-и ватанӣ баррасӣ мегардад.

Вазифаҳои таҳқиқ аз баррасии масъалаҳои зерин иборат аст:

– омӯзиши масъалаҳои назариявии пажуҳиши журналистикаи байналхалқӣ;

– таҳлил ва баррасии вазъият ва марҳилаҳои журналистикаи байналхалқӣ;

– маълум намудани мушкилоти муосири журналистикаи байналхалқӣ, пажуҳиши мақоми журналистикаи байналхалқӣ дар замони муосир;

– пажуҳиш омилҳои пайдоиш ва инкишофи журналистикаи байналхалқӣ;

– муайян кардани таърихи пайдоиш ва инкишофи журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистон;

– баррасӣ ва омӯзиши нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи давлат;

– назорати талошҳо дар самти ташаккули имиҷ ва симои Тоҷикистон дар расонаҳои байналхалқӣ;

– пажуҳиши ҷойгоҳи ВАО-и байналхалқӣ дар набардҳои иттилоотӣ;

– муайян намудани мақоми журналистикаи байналхалқӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ;

– таҳлил ва ташреҳи вижагиҳои радиоҳои байналхалқӣ барои тоҷикон, форсизабонон ва даризабонон;

– таҳқиқи фаъолияти намояндагиҳои ВАО-и байналхалқӣ дар Тоҷикистон ва муайян кардани вижагиҳо, марҳилаҳо ва ояндаи журналистикаи байналхалқии тоҷик;

– пажуҳиши махсусияти бозтоб ва баррасии набзи ҳаёти байналхалқӣ дар расонаҳои тоҷик.

Объекти таҳқиқи кори диссертатсиониро журналистикаи байналхалқии тоҷик ва фаъолияти ВАО-и байналхалқӣ дар фазои иттилоотии кишвар ташкил медиҳанд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқ. Махсусиятҳо, равандҳо ва дурнамои журналистикаи байналхалқии тоҷик ва нақши он дар муаррифӣ ва ташаккули имиҷи кишвар предмети кори диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Асосҳои назарии таҳқиқ ба равишу усулҳои пажуҳиши олимони ватанию хориҷӣ, чун А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И.Усмонов, М.Муқимов, М.Муродӣ, Ҷ. Саъдуллоев, М. Абдуллозода, А. Азимов, Ш. Муллоев, З. Муъминҷонов, М. Б. Ҳошимзода (А.Қудбиддинов), Н. Бозорзода, Қ.Мухторӣ, С. Гулов, Қ. Шарифзода, А. Г. Беспалова, Е. П. Прохоров, В. В. Ворошилов, С. Г. Корконосенко, С. А. Михайлов, Я. Н. Засурский, В. В. Орлова, А. С. Пую, С. Б. Никонов, Б. Л. Залесский, Е. Ф. Конев, В. Кевин, Р. Замит ва дигарон такя мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқ. Мавзуи мавриди назар ҳамчун объекти таҳқиқот нав мебошад, зеро мушаххасан дар ин самт пажуҳиши илмие дар Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Пажуҳиши пайдоиш ва инкишофи журналистикаи байналхалқии тоҷик, таснифоти давраҳои инкишофи он, баррасии тағйирот ва

мушкилоти журналистикаи байналхалқии муосир, муайяннамоии мақоми журналистикаи байналхалқӣ дар инкишофи имиҷи мусбати давлат ва миллат, муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар ВАО-и байналхалқӣ, таҳқиқи вазъият ва ояндаи журналистикаи байналхалқии тоҷик, ҳолати журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистон ва вижагиҳои бозтоб ва таҳлили авзои ҷаҳон барои аудиторияи тоҷик аз ҷумлаи масоили сершумори пажуҳиши мазкур мебошанд, ки ҳамагӣ самтҳои нави таҳқиқи журналистикаи байналхалқиро муаррифӣ намуда, арзиши пажуҳиши бисёрҷонибаро ба хубӣ инъикос менамоянд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Пажуҳиш маълум намуд, ки рӯзномаи «Бухорои шариф» аввалин минбари муаррифии ҳаёти байналхалқӣ барои аудиторияи тоҷик аз Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт.

2. Муайян карда шуд, ки проблемаҳои журналистикаи байналхалқии муосир ба сиёсати давлатҳои ҷудогона, вазъияти байналхалқӣ, дараҷаи тараққиёти кишварҳо рабт дошта, корбурди васеи расонаҳои байналхалқӣ дар набардҳои иттилоотӣ, коҳишёбии касбият дар журналистикаи байналхалқӣ, баррасии яктарафаи масоили глобалӣ аз ҷамъи онҳо мебошанд.

3. Баррасӣ муайян кард, ки имиҷсозӣ дар журналистикаи байналхалқӣ яке аз самтҳои асосии фаъолият буда, бо истифодаи имконоти ВАО-и байналхалқӣ ва таваҷҷуҳ ба журналистикаи сайёҳӣ давлатҳо ба беҳбуд бахшидани имиҷи байналхалқии худ ва рушди сайёҳӣ талош доранд ва дар ин масъала Тоҷикистон дар канор намондааст.

4. Маълум гардид, ки Ютуб дар набардҳои иттилоотӣ метавонад рақиб ва ё шарики ВАО-и байналхалқӣ бошад ва он ба як майдони нави бархурдҳо табдил ёфтааст, ки Тоҷикистон ва миллати тоҷик низ аз ҷангҳои иттилоотӣ дар ин погоҳи интернетӣ зарари маънавии зиёд диданд.

5. Таҳлилу баррасиҳо муайян намуд, ки инъикос ва тарғиби равобити кишварҳо ва миллатҳо яке аз самтҳои дигари фаъолияти журналистони

байналхалқӣ мебошад ва радиои «Овози тоҷик» яке аз расонаҳои муваффақи ватанӣ дар ин самт мебошад.

6. Маълум карда шуд, ки рақобат барои фатҳи шуури форсизабонон дар замони муосир, аз он ҷумла тоҷикон бештар густариш пайдо карда, ба ҷузъи муҳимтарини бахши тарғиботи байналхалқии кишварҳои абарқудрат, баъзе давлатҳо ва созмонҳо табдил шуда, давлатҳои Исроил ва Туркия ба мисли ИМА дар ин самт бештар фаъол гаштаанд.

7. Аз пажуҳиш ошкор гардид, ки журналистикаи байналхалқии кишварҳо ба сиёсати хориҷӣ ва доктринаи ҳарбии онҳо алоқамандии зиёд дорад ва журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон ба муаррифии кишвар ва ташаббусҳои байналхалқии он ба ҷаҳон ва баръакс муаррифии олам ба тоҷикистониён нигаронида шудааст.

8. Натиҷаи таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд, ки дурнамои тараққиёти журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистон ба тайёрнамоии мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори ҷаҳонии меҳнат, такмил додан ва бозсозии ВАО-и байналхалқии Тоҷикистон, истифода аз технологияи иттилоотии замонавӣ ва таҷрибаи ВАО-и байналхалқӣ вобастагии бузург дорад.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Таҳқиқоти мазкур дидгоҳи тозаеро ба журналистикаи байналхалқӣ боз мекунад. Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми журналистикаи тоҷик омӯзиши комплексии журналистикаи байналхалқии тоҷик ба вуҷуд оварда шуд. Натиҷаи илмии таҳқиқи мазкур дар ҳалли як қатор масъалаҳои назарии соҳа мусоидат мекунад. Арзиши назарии таҳқиқи мазкур инчунин дар он ифода меёбад, ки дастовардҳои илмии онро ҳангоми таҳқиқи минбаъдаи проблемаҳои журналистикаи байналхалқӣ ва барои ба даст овардани маълумоти иловагӣ доир ба шинохти ВАО-и байналхалқӣ истифода бурдан мумкин аст, зеро ҳар як фасли рисола метавонад, яке аз самтҳои таҳқиқи журналистикаи байналхалқӣ гардад. Маводди диссертатсия ҳамчунин ҳангоми таҳқиқотҳои илмӣ доир ба марҳилаҳои ояндаи ташаккули журналистикаи байналхалқӣ ва махсусиятҳои журналистикаи байналхалқии тоҷик қобили истифода буда метавонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои онро ҳангоми таълими фанҳои тахассуси журналистикаи байналхалқӣ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин маводди дар натиҷаи таҳқиқи мазкур ба даст омада метавонад дар таълифи монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастури таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, такмили барномаҳои таълимию илмӣ ва мукамалсозии нақшаҳои илмии кафедраи журналистикаи байналхалқӣ истифода гардад. Қисматҳои алоҳидаи рисоларо ҳамчун маводди боэътимод ҳангоми хондани курсҳои интихобӣ ва модулҳо доир ба проблемаҳои журналистикаи байналхалқӣ, трэвел-журналистика, муборизаҳои иттилоотӣ дар шуъбаҳо ва ихтисосҳои журналистикаи байналхалқии муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурдан мумкин аст.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ мутобиқат мекунад. Дар доираи ихтисоси мазкур масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтанд, ки ба бандҳои 1, 3, 4, 8 ва 10-и «Соҳаи таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмӣ алоқамандӣ доранд:

- шинохт, моҳият, таъинот, мушкилот ва равандҳои журналистикаи байналхалқии тоҷик;
- таърихи пайдоиш ва ташаккули ВАО-и байналхалқӣ;
- мақоми журналистикаи байналхалқӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва муаррифии миллату давлатҳо;
- нақши ВАО-и байналхалқӣ дар равобити кишварҳо, ҷангҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ;
- таҳаввулоти сохторӣ ва мундариҷавии журналистикаи байналхалқии муосири тоҷик;
- ҳолат ва дурнамои журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистон;
- вижагиҳои инъикос ва таҳлили вазъияти дунё дар расонаҳои миллӣ ва байналхалқӣ.

Диссертатсия бахусус ба таҳқиқи чунин масоил бахшида шуда, бевосита ба доираи пажуҳиши пешбинишудаи шиносномаи ихтисоси илмии номбурда ворид мегардад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи довталаб дар мақолаҳои илмӣ, маърузҳо дар семинарҳои илмӣ, конференсияҳо ва инчунин дар рисолаи илмӣ инъикос ёфтанд. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи журналистикаи байналхалқии тоҷик ва таҳлили махсусият, равандҳо ва дурнамои он зоҳир мегардад. Дар доираи таҳқиқ заминаҳои пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқии тоҷик, таҳаввулот ва проблемаҳои журналистикаи байналхалқӣ, масъалаҳои имиҷсозӣ, муаррифии миллат ва кишварҳо дар ВАО-и байналхалқӣ, набардҳои иттилоотӣ ва нақши журналистикаи байналхалқӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, ҳолат ва дурнамои журналистикаи байналхалқии тоҷик, масъалаи инъикоси навигариҳои олам ва шарҳу таҳлили ҳаёти байналхалқӣ дар расонаҳои Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Масъалаҳои назарии гуногуни марбут ба журналистикаи байналхалқӣ дар конфронсҳои байналхалқию ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар конференсияҳои солонаи ҳафтаи илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, солҳои 2008-2025) дар шакли маърузаҳо баён шуданд. Маъруза дар 7 конференсияи байналхалқӣ: «Илм ва маорифи муосир: мушкилот ва дурнамо» (Душанбе, ДДМТ, 24-25. 10. 2008), «Замони муосир ва журналистика: проблемаҳои ҳуқуқ ва озодии сухан (Душанбе, ДМТ, 29-30.10. 2010), «Нақши ВАО дар ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ» (Душанбе, ДМТ, 19-20. 05. 2016), «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (Душанбе, ДМТ, 22-23.10. 2020), «Стратегия ва майлонҳои рушди журналистика, филология ва лингводидактика» (Душанбе, ДСРТ, 24. 10. 2024), «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва барҳӯрди фарҳангу тамаддунҳо»-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав (Бохтар, 11-12. 04. 2025), «Перспективы развития филологии, журналистики и психолого-педагогических наук» Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон (Душанбе, РТСУ, 24.10. 2025),

Маърузаҳо дар зиёда аз 10 конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ: «Фаъолияти ВАО дар пасманзари муборизаҳои геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ» (Душанбе, ДМТ, 25-26. 11. 2016), «Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ» ба муносибати 140-солагии Садриддин Айнӣ (Душанбе, ДМТ, 13. 04. 2018), «Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ» (Душанбе, ДМТ, 25-26. 11. 2019), «Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад» дар мавзуи (Душанбе, ДМТ, 18.03.2022), «Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (Хуҷанд, 7.04.2023), «Васоити электронии ахбор дар шароити вусъатёбии муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ» (Душанбе, ДМТ, 2.10.2024), «Масъалаҳои рушди журналистикаи муосир: муаммо ва дурнамо»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (Хуҷанд, 4.04.2025), «Масъалаҳои назарӣ ва амалии публитсистика тоҷик дар замони муосир» (Душанбе, ДМТ, 1.05.2025), «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи ВАО ва омӯзиш дар замони муосир»-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Кӯлоб, 3.05.2025), «Равандҳои муосири журналистикаи байналхалқӣ мушкилот ва дурнамо» (Душанбе, ДМТ, 7.10.2025).

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи № 6 аз 22.01.2026) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 1 монография ва 37 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмии Русия ва 14 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ва маводди конфронсҳо ба чоп расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, понздаҳ фасл, хулосаву рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, он дар ҳаҷми 412 саҳифаи чопи компютерӣ омода шудааст.

БОБИ I
ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ: ШИНОХТ, МУШКИЛОТ ВА РАВАНДҲОИ МУОСИРИ ОН

1.1. Шинохт ва моҳияти журналистикаи байналхалқӣ

Журналистикаи байналхалқӣ фаъолияти байналмилалии журналистон ва ВАО, муайяннамоии нақши онҳо дар равобити байналхалқӣ, инъикоси авзои ҷаҳонро дар бар гирифта, он як бахши журналистика мебошад, ки ба «фаъолияти созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ бо риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии ҷамъоварӣ, коркард, нигаҳдорӣ ва паҳннамоии иттилоот тавассути ВАО» [44, с. 337] нигаронида шудааст.

Журналистикаи байналхалқӣ аз журналистикаи одӣ чӣ фарқ дорад? Таваҷҷуҳ ба он аз кадом зовия сурат мегирад? Масъалаҳое ҳастанд, ки бо вуҷуди борҳо аз назари муҳаққиқон таҳқиқ гаштан, то ҳанӯз қисман норавшананд ва ё бо гузашти замон ва тағйироти ҷомеа муносибат ба онҳо дигар мегардад. Журналистика дар баробари касб боз илми алоҳида аст. Ба назари муҳаққиқ Усмонов И. К.: «Илм барои он аст, ки роҳҳои он эҷодро меомӯзонад, таърихи онро таҳқиқ ва нақл мекунад, таҷрибаи дигаронро мисол мегирад, шарҳ медиҳад, сабақ медиҳад. Ҳамчун илм соҳаҳо дорад, сабкҳои вижаеро бархурдор аст» [123, с. 12]. Журналистика мафҳуми умумӣ буда, доираи он фарохтар аст, вале журналистикаи байналхалқӣ як шохаи он ба ҳисоб меравад.

Назарҳо ба журналистикаи байналхалқӣ гуногун аст ва ин омилҳои худро дорад. Котиби генералии Федератсияи журналистони Америкаи Лотинӣ Нелсон Дел Кастилло Марторелл се ҷиҳати асосии тасаввурот дар бораи журналистикаи байналхалқиро дар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ муайян намудааст: «Якум, дар анъанаи Америкаи Лотинӣ журналисти байналхалқӣ пеш аз ҳама мутахассисест, ки аз ҳодисаҳо ва навигариҳои дар хориҷа рӯйдода гузориш медиҳад. Ин ба ин маъно аст, ки вазифаи журналистикаи байналхалқӣ ва хабарнигори хориҷӣ амалан такрор мешавад. Дуюм, бартарии журналистони

байналхалқии Америкаи Лотинӣ нисбат ба дигар намояндагони ҷомеаи касбӣ бисёрзабонӣ, яъне қобилияти омода кардани мавод ба ду ё зиёда забонҳо мебошад. Консепсияи сеюми журналистикаи байналхалқии Америкаи Лотинӣ инъикоси воқеаҳои ҷаҳонро дар алоқамандии зич ба равандҳое ки дар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ба амал меоянд, дар назар доранд» [60, с. 7].

Дар масъалаи шарҳи мафҳуми журналистикаи байналхалқӣ назарҳои гуногун мавҷуданд ва аз он ҷумла муҳаққиқ Байчик Анна Виталевна чунин мешуморад, ки «моҳияти касби журналистикаи байналхалқӣ бо мурури замон танҳо аз ҷиҳати технологӣ тағйир меёбад» [60, с. 5]. Ҳамзамон ӯ журналисти байналхалқиро пеш аз ҳама ҳамчун журналисти универсал мешиносад, ки маҳорати омода кардани мавод дар формати гуногунро доир ба рӯйдодҳои актуалии замон дорад.

Яке аз масъалаҳои баҳсбарангез дар журналистикаи муосир наздикии мафҳуми «журналистикаи байналхалқӣ» бо мафҳумҳои «журналистикаи хориҷӣ», «журналистикаи глобалӣ» ва «журналистикаи умумиҷаҳонӣ» мебошад. Муҳаққиқ Ю. К. Биков ба ин назар аст, ки «аз ҷиҳати маъноии мафҳумҳои номбаршуда то андозае хусусияти муродифро ба худ касб карда, баъзан бо ҳамдигар бо мафҳумҳои «ҷаҳонӣ», «байналмилалӣ» ва «интернатсионалӣ» омехта карда мешаванд, ки дар асл ҳар яке мафҳуми мустақил буда, падидаи мушаххас ё соҳаи фаъолияти касбиро нишон медиҳанд. Дар амал истилоҳоти мазкур аксар вақт ба ҷойи ҳамдигар истифода мешаванд, ки ин комилан дуруст нест» [228, с. 18].

Истилоҳи «байналмилалӣ» ба руйдодҳо ва равандҳое рабт дорад, ки ба равобити миёни миллатҳо, давлатҳо, муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо, ба чизҳое ки миёни халқҳо паҳн мегардад, дахл дорад. Ҳамзамон он маънои ба сиёсати хориҷии як давлат марбут буданро низ дорад.

Пажуҳишгарон, устодони соҳа ва рӯзноманигорон дар хусуси дарки мафҳуми журналистикаи хориҷию байналхалқӣ ва глобалӣ назари ягона надоранд. Одатан дар зери мафҳуми «журналистикаи хориҷӣ» журналистикаи кишварҳои хориҷӣ дар назар дошта мешавад, ки ҳар яке аз онҳо таърихи

пайдоиш, ташаккул ё таназзул ва махсусиятҳои миллии ВАО-и худро дошта, дар заминаи қонунҳои ҳамон давлатҳо, фарҳангҳо ва арзишҳои миллиашон фаъолият доранд.

«Журналистикаи байналхалқӣ фаъолияти байналхалқии журналистика, стандартҳои байналхалқии фаъолияти журналистӣ, моделҳои минтақавии журналистика, бозори минтақавии ВАО-ро меомӯзад. Вақте ки паёмҳои иттилоотӣ воқеаҳоеро тасвир менамоянд, ки манфиатҳои ду ё зиёда кишварҳоро инъикос менамояд, он ба журналистикаи байналхалқӣ дахл дорад. Имрӯз муҳаққиқони ВАО ба ақидае майл доранд, ки журналистикаи муосир танҳо байналхалқӣ аст» [238, с. 11].

Ин ақида бо он асоснок карда мешавад, ки бештари тадқиқотҳои муосири журналистӣ хусусияти байналмилалӣ дошта, рӯзноманигорони байналмилалӣ дар таҳия ва интишори онҳо саҳми бузург доранд. Дарки маънои журналистикаи байналмилалӣ аз қудрати расонаҳои байналмилалӣ низ бармеояд. Бештари расонаҳои бузург ва пурнуфуз аз ҳудуди марзҳои миллӣ фаро рафтаанд ва фаъолияти онҳо дар шароитҳои гуногуни иқтисодию сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, дар доираи мавзуҳои омӯзиш идома пайдо карда, онҳо бахшҳои соҳаи васеъи журналистикаи байналхалқиро ташкил медиҳанд. Дар робита ба фаъолияти ширкатҳои фаромилии ВАО-и глобалӣ бояд қайд кард, ки рӯзноманигории байналхалқӣ дар чорроҳа қарор дорад, зеро дар атрофи мафҳуми журналистикаи ҷаҳонӣ (глобалӣ) баҳсҳо зиёданд. Муҳаққиқ Е. С. Георгиева чунин мешуморад, ки журналистикаи глобалӣ (ҷаҳонӣ) журналистикаи кишварҳо ва минтақаҳои гуногунро ҳамчун як они воҳид меомӯзад ва он бо рушди платформаҳои рақамӣ ва ВАО-и онлайнӣ ба вуҷуд омадааст. «Пайдоиши мафҳуми «журналистикаи глобалӣ» бешубҳа бо рушди технология ва дар натиҷаи дастрасии иттилоот алоқаманд аст» [238, с.11]. Аммо, технология ҳанӯз ин журналистика нест. Бе ягон шубҳа метавон гуфт, ки имрӯз расонаҳои глобалӣ вуҷуд доранд. Аммо оё журналистикаи глобалӣ вуҷуд дорад? Бо рушди интернет сарҳадҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот нопадид мегарданд, иттилоот тезтар паҳн мегардад, дар ВАО-и кишварҳои алоҳида мавзуъҳои умумӣ пайдо мешаванд (терроризм, масоили

экологӣ, ҳуқуқи инсон, мушкилоти паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва ғайраҳо), усулҳои нави кор бо иттилоот ба вуҷуд меоянд. Журналистикаи глобалӣ як навъ падидаи устувор ва доимӣ нест, балки бештар динамикӣ ва рушдёбанда аст. Баръакс инҳо равишҳои глобалӣ мебошанд, ки аз ҷониби ҷомеаи байналхалқии касбӣ ҳангоми инъикоси мавзуъҳои аҳаммияти ҷаҳонидошта истифода мегарданд. Масъалаҳои умумиҷаҳонии густариши терроризм, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, мушкилоти норасоии об дар дунё, зиёдшавии партоби газҳои гулхонаӣ, биёбоншавии заминҳо, тағйирёбии иқлим, нестшавии пиряхҳо ва афзоиши ҷангҳо дар кураи Замин аз мавзуъҳои асосии расонаҳои муосир гардидааст.

Ҷараёнҳои глобалистӣ дар дигар соҳаҳои ҳаёт пештар пайдо шуда буданд ва пайравони ин ҷараён масъалаеро дар саргаҳи фаъолияти худ худ қарор дода, мавқеи худро дар миёни давлатҳо, минтақаи муайян ва ё тамоми ҷаҳон паҳн намуда, тарафдорони худро пайдо карда, ҷиҳати амалисозии аҳдофи худ талош мекунанд. Дар масъалаи экологӣ ҳаракати «сабзҳо», хонандаи мактаб ва фаъоли экологии швед Гретта Тунберг ва дигарҳо мисол шуда метавонанд. Дар асри XXI муаммоҳои экологӣ «дар меҳвари таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор доранд» [143, с. 25].

Ба андешаи профессори Донишгоҳи Техас Остин Стивен Риз: «журналистикаи глобалӣ низоми ҷамъоварӣ, коркард ва паҳн намудани иттилоот аст, ки ба сарҳадҳои миллӣ ва минтақавӣ маҳдуд намешаванд» [60, с. 15].

Бояд қайд кард, ки ҷамъоварӣ, коркард ва паҳн намудани иттилоот асоси фаъолияти рӯзноманигоронро ташкил медиҳад. «Сифатҳои байналхалқӣ, глобалӣ ва хориҷӣ маънои гуногунии журналистикаро ҳамчун як намуди фаъолият мефаҳмонад» [279, с. 25]. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки профессор Н.С. Лабуш журналистикаи байналхалқиро ҳамчун як намуди фаъолияти журналистӣ медонад.

Профессор Н.С. Лабуш тақсимбандии журналистика ба намудҳоро аз меъёрҳои зерин вобаста донистааст: «геополитикӣ ва тахассус ба соҳа ва ё фаъолияти инъикосшаванда» [279, с. 25]. Доир ба меъёри аввал аз рӯйи ҳудуди

фаъолият ба журналистикаи миллӣ ва хориҷӣ ҷудо намудааст. Дар доираи меъёри дуюм журналистика ба тахассуси соҳа ва ё фаъолияти инъикосшаванда рабт дошта, он сиёсӣ, варзишӣ ва ғайра шуда метавонад.

Дар такя ба меъёрҳои болоӣ профессор Н.С. Лабуш зарур медонад, ки журналистикаи глобалиро аз миёни мафҳумҳои журналистикаи хориҷӣ ва байналмилалӣ ҳазф намудан мантиқан дуруст аст. Пеш аз ҳама барои он ки сифати «журналистикаи глобалӣ» маънои журналистикаи ҷаҳонро ифода менамояд ва аз ин рӯ, дар пайравӣ ба адабиёти ҷаҳонӣ онро «журналистикаи ҷаҳонӣ» [279, с. 25] номидан дурустар аст. Агар аз рӯйи меъёри дуюм, яъне соҳаи фаъолият дар бораи журналистикаи глобалӣ назар намоем, ки бо мушкилоти глобалии замон сару кор дорад, пас онро журналистикаи глобалистӣ номидан бамаврид аст.

Журналистикаи хориҷӣ тамоми журналистикаи берун аз ҳудуди миллиро бо ҳамаи намудҳо, жанрҳо, услубҳо ва қолабҳо фаро мегирад. Дар хусуси шинохти журналистикаи байналхалқӣ аз ҷониби профессор Н.С. Лабуш тафсири зерин мавҷуд аст: «Мафҳуми журналистикаи байналхалқӣ ба маънои васеъ бояд ҳамчун журналистикаи ватанӣ (миллӣ) эътироф намуд, ки объекти инъикоси он равандҳо ва падидаҳои кишварҳои хориҷа фаҳмида шавад. Аз ин ҷиҳат журналистикаи байналхалқӣ бо журналистикаи хориҷӣ монанд мешавад. Ба маънои маҳдуд журналистикаи байналхалқӣ ин журналистикаи миллӣ аст, ки ба инъикоси масъалаҳои байналхалқӣ тахассус дода шудааст. Аз он ҷумла, масъалаҳои равобити мамлакати худ бо дигар мамлакатҳо ва муносибатҳои миёни мамлакатҳоро фаро мегирад» [279, с. 26]. Ба назари мо журналистикаи байналхалқӣ ба маънои васеъ бояд ба инъикос ва тафсири равандҳо ва падидаҳои кишвар ба ҷаҳон бошад, яъне ВАО-и байналхалқии кишвар муаррифгари давлат ва миллати худ бошад.

Дар масъалаи фарқият байни мафҳумҳои «журналистикаи байналхалқӣ», «журналистикаи хориҷӣ» ва «журналистикаи глобалӣ» муҳаққиқ Ю.В. Куришева мегӯяд, ки «бо мафҳуми «марз» алоқамандӣ дорад» [270, с.30]. Яъне сарҳади журналистика аз марзҳои ҷуғрофӣ, давлатӣ, идеологӣ, фарҳангӣ, забонӣ

ва ҳуқуқӣ иборат аст. Журналистикаи байналхалқӣ, журналистикаи глобалӣ ва журналистикаи хориҷиро аввалан дар доираи марзҳои фаъолият баррасӣ намуд. Омилҳои зиёде вуҷуд дорад, ки журналистика аз марзҳои фарогири худ вобастагии зиёд ё кам доранд.

Ба назари муҳаққиқ Робертсон журналистикаи хориҷӣ журналистикаест, ки дар хориҷи кишвар, яъне берун аз ҳудуди давлате, ки аз нигоҳи он хориҷӣ ҳисобида мешавад, сурат мегирад. Ӯ журналистикаи байналхалқиро журналистикае медонад, ки аз ҳудуди як давлат мегузарад ва байни халқҳои гуногун сурат мегирад. Муҳаққиқи мазкур чунин мешуморад, ки журналистикаи глобалӣ аз лиҳози этимологӣ аз вожаи глобалӣ, яъне умумиҷаҳонӣ гирифта шуда, бояд дар тамоми ҷаҳон паҳн гашта, «фазои иттилоотии ҷаҳонро ҳамчун як воҳиди ягона фаро гирад, ки дар он ягон иштирокчӣ дар канор наменомонад» [163, с. 78].

Муҳаққиқ Ю.В. Куришева ба назари муҳаққиқ Робертсон ҳамфикр буда, чунин мешуморад, ки журналистикаи хориҷӣ дар ҳудуди давлати хориҷӣ вуҷуд дорад ва жрналистикаи байналхалқӣ сарҳадҳоро убур мекунад. «Барои журналистикаи глобалӣ мафҳуми марзи давлатӣ набояд вуҷуд дошта бошад» [270, с. 31].

Шояд сабаби дигари бахши алоҳида ҳисоб намудани журналистикаи глобалӣ ба муносибати ИМА ба расонаҳои худ бошад? Зеро ИМА расонаҳои тарғиботии худ барои дигар кишварҳоро зери қаноти созмони «Расонаҳои глобалии ИМА» сарҷамъ овардааст. Дар ин ҳолат журналистикаи глобалиро ҳамчун бахши созмондодаи кишварҳои дар тамоми ҷаҳон манфиатхоҳ эътироф кардан мумкин аст.

Бо андак дигаргунӣ бахши нави журналистика, жанри нав ва ё формати нави ВАО эътироф намуданҳо, ба дарки журналистика, шинохти жанрҳо ва фаҳми соҳа аз тарафи на танҳо донишҷӯёни бахши журналистика, балки ҳатто муҳаққиқону соҳибкасбон нофаҳмиҳо ва муаммоҳоро ба вуҷуд оварда метавонад. Аз ин рӯ, қазоват дар мавриди журналистикаи глобалӣ ҳанӯз барвақт аст ва гузашти замон баҳои воқеии онро муайян менамояд.

Муҳаққиқ Анатолий Степанович Пую муайян намудааст, ки журналисти байналхалқӣ пеш аз ҳама барои аудиторияи давлати худ мавод омода мекунад ва ҷанбаи муайянкунандаи фаъолияти журналистони байналхалқӣ гуногунҷабҳа будани онҳо ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати забон ва воситаҳои омодасозии маводди ВАО мебошад. Муҳаққиқи мазкур «омодасозии журналистони байналхалқии оянда аз рӯйи минтақаҳо» [60, с. 7]-ро афзалтар медонад, яъне ки ба роҳ мондани омӯзиши фарҳанг, таърих ва дигар соҳаҳои минтақае, ки журналисти байналхалқии оянда барои фаъолият фиристода мешавад

Р.В. Бекуров, Ю.С. Данилова баҳси журналистикаи байналхалқӣ, глобалӣ ва ҷаҳониро ба лухтаки «матрешкаи сесатҳа» [226, с. 22] ташбеҳ намуданд. Яъне лухтаки аз ҳама бузург – журналистикаи глобалӣ, каме хурд – журналистикаи хориҷӣ ва аз ҳама хурдӣ – журналистикаи байналхалқӣ.

Аз ҷанбаи миллӣ ва ё умумиҷаҳонӣ ба вазифаи журналистикаи байналхалқӣ назар намудан мумкин аст. Бояд қайд кард, ки таваҷҷуҳ ба ҷанбаи миллии вазифаи журналистикаи байналхалқӣ дар асарҳои пажуҳишгарони рус С.Б. Никонов ва С.А Михайлов зиёдтар ба назар мерасад ва ба назари онҳо «давлат бояд мутахассисонеро омода намояд, ки амнияти иттилоотии давлат, имиҷи мусбати давлати ҳуқуқбунёдро ҳамчун субъекти мустақили қабули қарор дар дохили кишвар ва хориҷ, инчунин дар робита бо дигар кишварҳо ва ташкилотҳои ҷаҳонӣ созмон дода тавонанд. Ҳамзамон шароити мусоидро барои фаъолияти нухбагони сиёсии миллӣ ва хориҷиро фароҳам оварда, дар паҳн намудани тасавуроти дуруст дар бобати асолати таърихии миллат» [69, с. 9] мусоидат намуда тавонанд.

Ахбор доир ба рӯйдодҳои гуногун аз гӯшаҳои мухталифи ҷаҳон ҷамъоварӣ, коркард ва тавассути расонаҳо, бахусус расонаҳои байналхалқӣ паҳн карда мешавад. ВАО-и байналхалқӣ ба инъикоси ахбори сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, навигариҳои ҳарбӣ аз нуқтаҳои доғ ва дигар иттилоот машғул аст, ки ба равобити байналхалқӣ таъсири худро расонида метавонад. Ба андешаи профессор А. Нуралиев: «Журналистикаи байналхалқӣ ҳамчун як соҳаи фаъолияти иттилоотӣ барои мо як соҳаи навест, ки дар ҳоли ташаккул аст ва дар

бораи мавҷудияти мустақили он баҳсҳои зиёде мавҷуданд» [340, с. 292]. Воқеан ҳам журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон ба таври мустақил аз замони Истиқлолияти кишвар ба фаъолият шуруъ карда, домани баҳсҳо атрофи он зиёданд.

Муҳаққиқ Е.П. Прохоров вазифаҳои зерини журналистикаро муайян намудааст: «коммуникативӣ, созмондиҳӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ, таблиғотӣ, маълумотномадиҳӣ ва фароғатӣ» [95, с. 77]. Вазифаҳои мазкур ба журналистикаи байналхалқӣ низ рабт дорад.

Журналисти байналхалқӣ пеш аз ҳама журналист аст ва ҳамзамон мутахассиси муносибатҳои байналхалқӣ, таърих, сотсиология ва дипломатия мебошад. Инчунин журналисти байналхалқӣ бояд қобилияти омӯзиши кишвари фаъолияткунандаи худ, мутобиқшавӣ ба шароити маҳали сафари хидматӣ ва дарки паёмади маводди худро дошта бошад, то ки худ азоб накашад ва дигарон низ аз маводди ӯ зарар набинанд. Донишҳои васеи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, адабӣ, ҷуғрофӣ ва кишваршиносию дипломатӣ ба журналисти байналхалқӣ имкон медиҳад, ки маводди хубро офарад. Масалан, Валерий Коновалов собиқ корманди радиои «Озодӣ» дар хусуси ҷуғрофидонии Ҳерриг Краус корманди шуъбаи таҳқиқотии «Бойгонии сурх»-и радиои «Озодӣ» чунин нақл менамояд: «Маълумотномаҳои худи Краус ҳамеша бениҳоят дақиқ буданд ва дар масъалаҳои сохтори маъмурӣ -ҳудудии СССР касе ба ӯ баробар набуд» [55, с. 23].

Фаъолияти журналисти байналхалқӣ ба се самт тақсим мешавад:

1. Фаъолияти журналисти байналхалқӣ дар хориҷа. Ин марҳилаеро дар бар мегирад, ки журналисти байналхалқӣ ҳамчун мухбири ВАО дар хориҷа фаъолият намуда, аудиторияро аз авзои кишвари ҳузурдоштааш огоҳ менамояд.

2. Журналисти байналхалқӣ муносибатҳои байнидавлатиро таҳқиқ ва баррасӣ менамояд. Мушкилот ва рӯйдодҳои муносибатҳои байнидавлатиро шарҳ медиҳад, таҳқиқ мекунад ва дар ВАО инъикос менамояд.

3. Журналисти байналхалқӣ ба тарғиботи сиёсати хориҷӣ машғул мегардад. Тарғиботи сиёсати хориҷӣ ин дастгоҳи фаҳмондадиҳии сиёсати хориҷӣ ва ҳаёти ин ё он давлат барои аудиторияи хориҷӣ аст.

Дар ҳамаи ин се самт субъекти журналистикаи байналхалқӣ давлат ба ҳисоб меравад. Талаботҳои асосии журналисти байналхалқӣ:

– Омодагӣ дар сатҳи баланди умумикасбӣ

– Донистан ва риоя намудани қонунҳо ва анъанаҳои давлати сафаркунанда

– Доштани дониши хуб доир ба муносибатҳои байналхалқӣ

– Огоҳии хуб доштан доир ба авзои сиёсии дохили кишвари сафаркунанда [290, с. 29].

Ба дӯши намояндаи ҳар як касбу ҳунар вазифаи муайяне афтодааст ва журналисти байналхалқӣ аз дигарон истисно нест. Журналисти байналхалқӣ дар баробари вазифаҳои маъмулии журналистӣ боз вазифаҳои ба худ хос дорад ва мо шартан онҳоро ба 5 намуд тақсим намудем.

Вазифаҳои журналисти байналхалқӣ инҳоянд:

1) Огоҳ намудани аудитория аз рӯйдоди хориҷи кишвар;

Вазифаи мазкур бо ду тарз аз ҷониби журналистони байналхалқӣ амалӣ мегардад, ки яке бевосита ва дигаре бавосита мебошад.

– журналист бевосита аз ҷойи воқеа ба кишвари худ ахборро мефиристад;

– журналист бо истифода аз маводди ВАО-и дигар аз рӯйдоди ягон кишвар ахбор таҳия менамояд.

2) Огоҳ намудани хориҷиён аз ахбори дохили кишвар;

Ин вазифа аз ҷониби ду гурӯҳи журналистон ба амал бароварда мешавад:

а) Журналистони ВАО-и ватанӣ. Ҷаҳониён ва ё як қисми онҳо тавассути ВАО-и ватанӣ аз навигариҳои кишвар огоҳӣ пайдо менамоянд.

б) Журналистони ВАО-и хориҷӣ ва ё байналхалқӣ. Журналистон ва гурӯҳи эҷодии намояндаи ВАО-и хориҷию байналхалқии муқими кишвар ҷаҳониёнро аз рӯйдодҳои кишвар бохабар менамоянд.

3) Таҳлили авзои кишвар, муаррифии он дар хориҷа ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи байналхалқӣ;

Вазифаи мазкур аз се бахш иборат буда, иҷрои ҳар яке аз журналисти байналхалқӣ дониш, таҷрибаи ғанӣ ва ҷасоратро талаб мекунад.

– Таҳлили авзои кишвар;

– муаррифии авзои кишвар дар хориҷа;

– ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи байналхалқӣ;

4) Таҳлили авзои олам ва ҳамоҳанг намудани он ба дид ва мавқеи сиёсии кишвар.

Ин вазифаи журналисти байналхалқӣ аз ду бахши муҳим иборат буда, аз журналисти байналхалқӣ талаб менамояд, ки вазъи сиёсию ҳарбӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ, варзишӣ, равобити байналхалқӣ, мушкилоти умумиҷаҳонӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми дунёро дуруст дарк намуда, дар асоси ахбори пешин ва имрӯз вазъиятро таҳлил карда, аудиторияро аз равандҳои эҳтимолии ҳаёти байналхалқӣ огоҳ намуда, ояндаи равобити кишварҳо ва ҷараёни рӯйдодҳои байналхалқиро мувофиқ ба сиёсати хориҷии кишвар таҳия ва пешниҳоди аудитория гардонад. Журналисти байналхалқӣ барои омода намудани чунин мавод метавонад аз кишварҳои дигар бевосита худ мавод ҷамъоварӣ намуда, маводдро омода намояд ва ҳам метавонад ба дигар кишварҳо сафар накарда, дар асоси маводди дигар ВАО маводди таҳлилии худро анҷом диҳад.

Вазифаи мазкури журналистикаи байналхалқӣ ба ташаккули афкори омма бештар нигаронида шудааст. Дар шароите ки ВАО-и давлатҳои алоҳида мехоҳанд тамоми рӯйдодҳои олам дар ҳамбастагӣ бо сиёсати хориҷии кишварҳои онҳо муаррифӣ гашта, мавқеи онҳо ҷаҳонӣ шавад, омодасозии маводди бетарафона ва мувофиқ ба сиёсати хориҷии кишвари худ барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ созгор аст. Дар ҳамин маврид муҳаққиқ А.С. Пую таъкид менамояд, ки «журналисти байналхалқӣ пеш аз ҳама барои аудиторияи кишвари худ мавод омода менамояд» [347, с. 7]. Дар асоси факт ва далелҳои ВАО-и хориҷӣ ва мувофиқ ба сиёсати давлати худ омода кардани маводдро бумисозии хабар меноманд. Дар сурати риоя нашудани бумисозии хабар дар масъалаҳои муносибатҳои хориҷӣ интишори чунин мавод метавонад ба равобити кишварҳо

зарбаи шадид занад. Дар чунин ҳолат номаи эътирозии сафоратхонаҳои хориҷӣ ба Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳуриро метавон интизор шуд.

5) Инъикоси проблемаҳои муҳимми умумиҷаҳонӣ ва ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли масъалаҳои мазкур.

Вазифаи панҷуми журналисти байналхалқӣ аз ду бахш иборат аст:

– инъикоси проблемаҳои муҳимми умумиҷаҳонӣ

– ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли масъалаҳои умумиҷаҳонӣ [63, с. 78].

Журналистони байналхалқӣ проблемаҳои муҳимми на танҳо кишварҳои алоҳида ва минтақа, балки мушкилоти тамоми ҷаҳонро баррасӣ намуда, таваҷҷуҳи аҳли сайёраи Заминро барои ҳалли ин гуна масоил ҷалб менамоянд. Ба қавли муҳаққиқи тоҷик Ҷ.Н. Яқубов: «Имрӯз қариб дар ҳамаи нашрияҳо, чи нашрияҳои умумиҷумҳуриявӣ, чи ноҳиявӣ, чи нашрияҳои донишгоҳӣ ва чи байналхалқӣ ба инъикоси масъалаҳои асосии муҳити зист диққати ҷиддӣ дода мешавад» [208, с. 154]. Доир ба масоили глобалӣ расонаҳои байналхалқӣ аз гузоришҳо ва тадқиқотҳои созмонҳои байналхалқӣ, минтақавӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва маълумотномаҳои кишварҳо васеъ истифода намоянд ҳам, дар навбати худ аз тарафи идораҳои ВАО-и байналхалқӣ ва журналистони байналхалқӣ низ чунин таҳқиқотҳо гузаронида мешавад. Ҷиҳати иҷрои ин вазифа «журналистикаи байналхалқӣ сарҳадҳоро убур мекунад» [269].

Ҳамчунин вазифаҳои журналистикаи байналхалқӣ ба ҳар як вазифаҳои дар пеши ВАО гузошташуда сахт пайвандӣ дорад, ки риояи онҳо боиси рушди босуботи журналистикаи байналхалқӣ мегардад. Дар ин замина риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва стандартҳои байналхалқии журналистика аз ҷониби журналистони байналхалқӣ низ бояд ба эътибор гирифта шавад. Дар ҷаҳони имрӯзаи иттилоотӣ «воситаҳои ахбор имконияти фаровон доранд ва дар самти таҳким ва густариши муносибатҳои байнидавлатӣ нақши муҳим бозида метавонанд» [271, с. 252].

Дар журналистикаи байналхалқии босифат ҳамеша нуқтаи назари муайян вуҷуд дорад, аммо дар баробари он ҳамеша ақидаи алтернативӣ мавҷуд аст. Ба андешаи муҳаққиқ Я.Н. Засурский «дар нашрияи «The Economist» на танҳо

назари ду ҷониб оварда мешавад, балки назари ҷониби сеюм низ ҷой дода мешавад» [422].

Заминаҳои пайдоиши журналистикаи байналхалқӣ ҳанӯз дар замони зуҳури журналистика гузошта шуда буд, матбуоти аввалин ва баъдӣ аз иттилооти хориҷӣ холӣ набуданд. Навиштаҳои зерини муҳаққиқ В. Кевин далели қайди мазкур аст: «журналистикаи байналхалқӣ ба фаъолияти хабарнигори хориҷӣ хеле наздикӣ дорад» [157, с. 12].

Журналистикаи байналхалқӣ ҳамчун як соҳаи фаъолияти ҷамъиятӣ дар назди ҷомеа уҳдадориҳои муайянро дорад, ки он бо ҳудуди имрӯзаи як давлати миллӣ маҳдуд намегардад. Ҷонибдорони ин назария чунин меҳисобанд, ки ба сиёсати хориҷии давлат дар баробари сиёсати дохилӣ таваҷҷуҳи махсус додан мумкин аст. Инчунин ҳангоми инъикоси амали давлати дигар набояд бо баррасии оқибатҳо ба аудиторияи маҳаллӣ маҳдуд гашт, балки манфиатҳои дигар давлат ва вазъияти дохилии ҳамон кишварро ҳаматарафа таҳлил кард. «Муҳим он аст, ки мувозинатро ба даст оварда шавад ва «низоъҳои ноаён»-ро ошкор сохта, ҷомеаро дар бораи мушкилоти ҷаҳонии башарият огоҳӣ ва маърифатнок карда, дар ташаккули афкори умумиҷаҳонӣ саҳм гузорад» [282].

Инчунин ҳангоми таҳияи мавод барои ВАО-и байналхалқӣ талаботҳои зеринро низ бояд ба назар гирифт:

– талаботи забоншиносӣ;

– баҳисобгирии психологияи қавмӣ;

– омода кардани мавод дар сабкҳои муосир.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳияи мавод ба аудиторияи байналхалқӣ инҳоянд:

– роҳандозии иртибот бо онҳо;

– муаррифии кишвари худ;

– ширкат кардани дар ҳаёти ҷамъиятии кишварҳои дигар;

– вазифаҳои вижа. Яке аз вазифаҳои вижаи расонаҳои байналхалқӣ иштирок дар ҷангҳои иттилоотӣ аст. «Дар замони муосир ҷанги иттилоотиро асосан кишварҳои абарқудрат барои амалисозии ҳадафҳои геополитикии худ мебаранд» [313, с. 268].

Бояд қайд кард, ки тарғиби сиёсати хориҷӣ фаъолияти мақсадноке мебошад, ки аз тарафи давлатҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ширкатҳо, созмонҳои ҷамъиятии байниҳукуматӣ ва байналхалқӣ тавасути ВАО ва воситаҳои муосири коммуникатсионӣ бо мақсади паҳн намудани ахбори онҳо дар арсаи байналхалқӣ тадбиқ карда мешаванд. Мақсад аз баргузории чунин маъракаҳои иттилоотӣ тарғиби назарҳо, ғояҳо ва дастурҳои барномавии онҳо, таъмини амалигардии манфиатҳои сиёсати берунӣ, оммавӣ гардонидани тарзи ҳаёт, ҳамзамон безарар гардонидани фаъолияти тарғиботии рақибони сиёсии ин ё он давлат, ҳаракати сиёсӣ ва ё ҷамъиятӣ мебошад, ки дар маҷмуъ онро метавон фаъолияти зиддитарғиботӣ, яъне контрпропаганда ҳисоб намуд. Истифода аз ВАО-и байналхалқӣ ҳамчун дастгоҳи тарғиботӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ хеле маъмул гаштааст ва давлатҳои абарқудрат дар ин самт таҷрибаи бештар доранд. Ба андешаи муҳаққиқ М.А. Муқимов «ИМА аз ҷумлаи кишварҳоест, ки тавассути дастгоҳҳои тарғиботии ҷаҳониаш ба мисли телевизион ва радиои «Садои Амрико», Телевизиони «Ал-Ҳурра», радиои «Сава», радио ва телевизиони Мартӣ, радиои «Аврупои озод/Радиои «Озодӣ», радиои «Осиёи озод», ки зертобеи Оҷонси глобалӣ (USAGM) мебошанд, ба 61 забони миллӣ ва ба 125 кишвари дунё ҷанги иттилоотии густурда мебарад» [321, с. 244].

Пажуҳиши амиқи равандҳои асосии инкишофи журналистикаи байналхалқии муосир на танҳо вазифаи ҷиддии илмӣ мебошад, балки натиҷаи муҳими амалӣ низ дорад, зеро ин ба мо имкон медиҳад, ки дар ташаккули журналистикаи байналхалқии ватанӣ саҳмгузор бошем. Дар журналистикаи байналхалқии амалӣ ҷиҳати таҳияи мавод журналистони байналхалқӣ чандин марҳилаи эҷодиро тай менамояд. «Ҳангоми ҷустуҷӯйи мавзуи муҳим ва хуб рӯзноманигори байналхалқӣ бояд маълумотро дар манобеи мухталифи байналхалқӣ дастрас намояд» [92].

Манобеи зерин сарчашмаҳои ахбори байналхалқианд:

– сарчашмаҳои расмӣ: намояндагони расмии кишварҳо, вазорати корҳои хориҷӣ, намояндагиҳои дипломатӣ;

– ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ: СММ, ЮНИСЕФ – Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид, ЮНЕСКО, ИДМ, СҲШ –Созмони ҳамкориҳои Шанхай, СПАД – Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ, НАТО, ФИФА –Федератсияи байналмилалии ассосиатсияҳои футбол, Шурои Аврупо ва ғайра;

– созмонҳои коршиносӣ ва ҷамъиятӣ: Кумитаи байналмилалии салиби сурх ва ҳилоли аҳмар, Гузоришгарони бидуни марз, Табибони бидуни марз ва ғайраҳо;

– Пажуҳишгоҳҳои махсусгардонидашуда, академияҳо ва марказҳои тадқиқоти сотсиологӣ;

– ВАО-и байналхалқӣ (Франс Пресс, «Ассошиэйтед пресс», Рейтер, ТАСС, Синхуа, РИА «Новости», Дойче пресс агентур, Хадамоти Ҷаҳонии Би-Би-Си, Садои Амрико, Раша Тудей, СНН, Евронюс ва ғайра).

Ба ғайр аз сарчашмаҳои маъмулии иттилоот ВАО-и байналхалқӣ таҷрибаи истифода аз маводди шабакаҳои иҷтимоиро низ доранд ва баъзе коршиносон шабакаҳои иҷтимоиро ҳам ба монанди сарчашмаи иттилоот қабул доранд. Ин амалро бо он асоснок менамоянд, ки маълумотро аз дасти аввал, аз ҷумла видео, аудио ва сурат ба таври фаврӣ ва аксаран ройгон ба даст меоранд. Инчунин дастрасӣ ба иттилоот аз шабакаҳои иҷтимоӣ аз масофаи ҷуғрофӣ вобаста нест. Ҳамзамон дастрасӣ ба қиссаҳои иҷтимоӣ (ҷустуҷӯи қаҳрамонҳо, қобилияти иқтибос овардани изҳороти хусусӣ) бо истифода аз имконияти шабакаҳои иҷтимоӣ барои журналистони байналхалқӣ дар саросари ҷаҳон осон ва қулай гардидааст.

Вақте ки дастрасӣ ба сарчашмаҳои расмии иттилоот дар баъзе кишварҳо маҳдуд мегардад, журналистони байналхалқӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун сарчашмаи алтернативӣ барои дарёфти қаҳрамон ва ҳамчунин пайдо намудани факту далелҳо истифода менамоянд, вале маводди шабакаҳои иҷтимоӣ пурра воқеӣ нестанд. Сарфи назар аз ин журналистони байналхалқӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ низ истифода мебаранд. Масалан, хабарнигори радиои «Озодӣ» дар Вашингтон Гулнор Исфандиёрӣ бо истифода аз маводди шабакаҳои иҷтимоӣ доир ба авзои Эрон ва сокинони он иттилоотро барои маводди худ ҷамъоварӣ

намуд. Инчунин аз таҳқиқи назарҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва блогҳо ӯ чандин маводди худро омода намуд. Нашрияи «The Guardian» маълум намудааст, ки саҳифаи Твиттери Гулнор Исфандиёрӣ яке аз 10 саҳифаи беҳтарини Твиттерӣ (Х) марбут ба Эрон аст. «Ба журналисти байналмиллалӣ на танҳо барои фавран интишор кардани ахбор, балки барои беҳтар фаҳмидани вазъи номуайян, пайдо кардани қадамҳои минбаъдаи ҷустуҷӯи иттилоот ва баррасии масъала бо дигар коршиносон маълумот лозим аст» [345].

Барои омода кардани маводди баландсифат журналисти байналмилалӣ бояд пойгоҳи сарчашмаҳои иттилоотро ташкил намуда, онҳоро омӯхта таҳлил намояд. Қимати ҳар як рӯзноманигори байналмилалӣ бештар аз рӯйи миқдор ва сифати робитаҳои ӯ муайян мешавад. Барои журналистони байналмиллалӣ дар шароити кунунӣ муошират бо одамони воқеии рӯйи Замин беҳтар аст, ҳол он ки дар аксари мавридҳо аз манобеи интернетӣ маълумот мегиранд. Аз ҷараёни хабарҳо низ журналистони байналхалқӣ метавонанд сайтҳои ҷолибро интихоб намоянд, онҳоро аз рӯи мавҷудияти мундариҷаи аслӣ ҷудо кунанд, вале ин кори душворест, ки ҳеҷ гоҳ қатъ намешавад.

Барои ҳар як мавзуъ ё минтақа бояд як манбаъҳои қавӣ интихоб карда шавад, ки ба онҳо бештар бовар кардан мумкин аст. Инчунин нашрияҳои маҳаллӣ, блогҳои мавзуиро низ ба феҳристи сарчашмаҳои худ ворид намудан мумкин аст, зеро онҳо метавонанд аввалин шуда дар бораи рӯйдод хабар диҳанд ё тафсилоти ҷолиб ва гузоришҳои шоҳидони айниро нашр кунанд. Хабар бояд аз ҷониби якчанд манбаъҳои мустақил тасдиқ карда шавад, ки ин меъёри журналистикаи байналхалқии баландсифат аст.

Таҳлил ва муқоисаи ин сарчашмаҳо, эҷод кардани феҳристи истинодҳо дар браузер ё созмон додани махзани писандидаҳои худ, ки бо тегҳо ишора гаштаанд, барои осон гаштани ҷустуҷӯйи онҳо ба журналистони байналхалқӣ хеле муфид хоҳад буд.

Зимни интихоби сарчашмаҳо меъёрҳои зеринро метавонанд журналистони байналхалқӣ ба эътибор бигиранд:

1. Эътимоднокии сарчашма ва наздикии он ба маҳали воқеа;

2. Дараҷаи таҳлили мавод ва огоҳии сарчашма аз рӯйдод;
3. Даврият дар навсозии мавод ва самаранокии фаъолияти сарчашма;
4. Мавқеаи идеологии сарчашма, наздикии он ба ҳокимият ё рақибон, дараҷаи беғаразии дар маводди он;
5. Дараҷаи таъсирнокии маводди сарчашма, шуҳратмандии он дар кишвари мавриди назар ва ё минтақаи муайян.

Чунин махзани маълумот ҳангоми сафарҳои корӣ хеле муфид хоҳад буд ва бажурналисти байналхалқӣ танҳо лозим аст, ки линкҳои писандаи браузери худро ба флеши USB ҷойгир намояд ё паёмҳои хонандаашро ба файли xml содир кунад.

Журналисти байналхалқӣ бояд ҳатман аз сарчашмаҳои аслӣ истифода намояд, зеро такя ба сарчашмаҳои номаълум ва шубҳаовар боиси кам гаштани эътибори ӯ ва идораи ВАО дар назди аудитория мегардад.

Журналистони байналхалқие, ки махзани сарчашмаҳои иттилоотии худро ташаккул додаанд, аз аксарияти ҳамкасбоне, ки чунин пойгоҳ надоранд ва танҳо аз манобеъи маъруф истифода мекунанд, фарқ мекунанд.

Журналисти байналхалқӣ пас аз ошноӣ бо манобеи маҳаллӣ метавонад ба рӯйдод бо чашми афроде, ки аз ин ҳодиса мустақиман осеб дидаанд, назар кунад. Ин барои пешгирӣ кардани таҳрифи иттилоот ва пешниҳоди он аз мавқеи қудратҳо ёрӣ медиҳад ва журналисти байналхалқӣ ба ёддоштҳои эътирозии сафоратхонаҳо дучор намешавад, зеро ки одатан пресс атташеҳои сафоратҳо мақолаҳо ва хабарҳоро дар бораи кишварҳои худ назорат мекунанд.

Журналисти байналхалқӣ набояд паёмҳои дигаронро такрор кунад. Роҳи осонтарини муаррифии рӯйдодҳои байналмилалӣ ин мутолиаи манбаъҳо ва тарҷумаи онҳо бо суханони худ мебошад. Хабарнигоре, ки бо сиёсатмадорони маҳаллӣ кор мекунад, аз онҳо интиқод мекунад ва мефаҳмад, ки нобоварӣ дар суханони онҳо аксар вақт вуҷуд дорад ва бояд дар паҳннамоии иттилоот боэҳтиёт буд. Эътимод ба сиёсатмадорони хориҷӣ ва шахсиятҳои маъруфи дигар дар миқёси ҷаҳонӣ бештар аст. Аммо нисбат ба онҳо боз ҳам бештар назари интиқодӣ дошт, зеро барои онҳо талабот аз ин ҳам зиёдтар аст.

Онҳо таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро бо суханҳои пурэҳсоси худ ба дигар самт равона намуда, аз пайи амалисозии нақшаҳои худ ҳастанд ва аз ин рӯ, ҷустуҷӯйи маънои аслии суханҳои сиёсатмадорони ҷаҳонӣ бояд боз ҳам амиқтар бошад. Журналисти байналхалқии хуб аз ҳамкасби ноуҳдабарои худ бо он фарқ мекунад, ки вай тағйироти геополитикии дунёро бештар аз оне мефаҳмад, ки ба мардуми оддӣ тафсир намуданд. Журналисти байналхалқӣ таҳлилгар низ ҳаст ва ӯ вазъиятро хуб дарк менамояд ва медонад, ки сиёсатмадорон аз рӯи кадом нақша амал доранд ва дар кадом ҳолат нақшаи дигарро ба кор мебаранд.

Журналисти байналхалқӣ бе донистани забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ мутахассиси хуб шуда наметавонад. Инчунин донистани дигар забонҳои муошират байналхалқӣ дар сатҳи миёна ба журналисти байналхалқӣ хеле муфид аст. Донистани забонҳои фаронсавӣ ва олмонӣ ба журналисти байналхалқӣ имкон медиҳад, ки на танҳо бо сиёсатмадорони кишварҳои аврупоӣ муошират намоянд, балки дар сарзаминҳое, ки ин забонҳо нуфуз доранд, озодона фаъолият кунанд. Инчунин азбар намудани забонҳои чинӣ, испанӣ ва арабӣ низ барои журналистони байналхалқӣ муфид аст.

Донистани забонҳои зиёд ба манфиати журналисти байналхалқӣ аст, аммо ин вақт ва меҳнати зиёдро талаб менамояд. Омӯхтани забонҳои камнуфуз миёни журналистони байналхалқӣ он қадар талабгори зиёд надорад ва одатан дар чунин кишварҳо онҳо аз хидмати тарҷумонҳо истифода менамоянд, вале имрӯзҳо таҷҳизот ва замимаҳои зиёде мавҷуданд, ки аз як забон ба чандин забон тарҷума менамоянд. Аз ҷумла, сомона ва замимаи мобилии Google барои тарҷумаи забонҳои ношинос ба журналисти байналхалқӣ хеле қулай аст. Ҳарчанд сатҳи чунин тарҷумаҳо хуб набошад ҳам, барои гирифтани тасаввуроти умумӣ дар бораи мундариҷаи матн ва ё сухан кифоя аст. Барои ташаккули сатҳи забондонии журналисти байналхалқӣ хондани китобҳои англисӣ, тамошои филмҳои дорои субтитрҳо бо забони асл, шунидани пайвастаи хабарҳои расмӣ аз радио хеле муфид хоҳад буд.

Барои журналисти байналхалқӣ бо сафоратхонаҳо дар тамос будан аз манфиат холӣ нест. Ҳамзамон ӯ бояд ба брифингҳои Вазорати корҳои хориҷӣ

равад, ҳарчанд чунин мусоҳибаҳо дилгиркунанда буда метавонанд, вале дар чунин ҷамъомад журналисти байналхалқӣ метавонад бо сафирон, вазири корҳои хориҷӣ ва ё дигар масъулон вохӯрад ва аз онҳо иттилооти ба фаъолияти касбии худ заруриро ба даст орад.

Доштани ҳамкории дарозмуддат ва муваффақ бо Вазорати корҳои хориҷӣ, маркази матбуотии он ва намояндагиҳои дипломатӣ ба журналисти байналхалқӣ имкон медиҳад, ки аз ёрии онҳо барои дарёфти раводид ва ё иҷозати кор дар хориҷа баҳравар гардад. Вазорати корҳои хориҷӣ мақоми роҳбарикунандаи сафоратхонаҳо мебошад ва бо дастгирии он ва ё ниҳодҳои зертобеаш журналисти байналхалқӣ метавонад иттилооти заруриро пайдо намояд. Ҳамзамон онҳо метавонанд барои дарёфти шахси ба журналисти байналхалқӣ зарур ёрӣ диҳанд ва ба ташкили сафари ӯ дар саросари кишвари худ мусоидат намоянд.

Сафирони кишварҳои хориҷӣ мувофиқи дархости журналисти байналхалқӣ метавонанд дар хусуси рӯйдоди мушаххас мавқеи расмии давлати худро баён намоянд, иттилооти заруриро пешниҳод кунанд ва ё ба сарчашмаҳои иловагии ахбор роҳнамоӣ намоянд.

Журналисти байналхалқӣ ҳангоми фаъолият дар кишвари дигар бояд ба сафирони кишвари худ доир ба макони будубоши худ хабар диҳанд, махсусан агар фаъолияти ӯ дар кишварҳои ноором бошад. Доштани тамос ба сафоратхонаи кишвари худ ба журналисти байналхалқӣ ҳатто дар кишварҳои ором низ имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои ногаҳонӣ, фалокатҳо, ошӯбҳо аз мадади онҳо баҳравар гардад. Баъзан ҳолате рӯй медиҳад, ки сафире барои журналисти байналхалқӣ аз меъёр зиёд ғамхорӣ менамояд, вале дар паси он ғамхорӣ манфиате буда метавонад. Аз он ҷумла, кӯшиш карда мешавад, ки журналисти байналхалқӣ бо эҷоди маводди пиар доир ба фаъолияти сафир машғул шавад ва ҳамзамон сафир аз мусоҳиба ба ӯ нафъе бардорад. Дар чунин шароит бояд худи журналисти байналхалқӣ муайян намояд, ки ин ба ӯ зарур аст ё не. Журналисти байналхалқӣ бояд ҳамеша кӯшиш намояд, ки ба чунин вазъияти вобаста наафтад, то ки барои

иҷрои вазифаи асосии худ имкон дошта бошад. Одатан ҳамкорӣ бо сафоратхона аз монеаҳо дида метавонад нафъи бештар орад.

Ба почтаи электронии мақомоти расмии давлатҳо, сафоратхонаҳо ва созмонҳои байналхалқӣ обуна шудани журналисти байналхалқӣ аз манфиат холӣ нест. Ҳарчанд на ҳамаи маълумоти онҳо зарур мешаванд, вале аз онҳо метавон барои таҳияи хабар, гузориш, мусоҳиба ва мақола мавзуъ ва ё иттилооти заруриро пайдо кард. Доштани чунин сарчашмаҳои иттилоот ба журналисти байналхалқӣ имкон медиҳад, ки мавзуъро дар сатҳи журналистони New York Times баррасӣ намояд, баръакси ҳол журналисти байналхалқии ақибмонда танҳо пас аз мутолиаи тарҷумаи маводди расонаҳои байналхалқӣ ба чунин мавзуъҳо рӯ меорад ва маводди он аксаран тарҷума ба забони миллиаш ва ё маводди таҳияшуда аз чанд расонаи байналхалқӣ мегардад.

Дар соли аввали фаъолият ба журналисти байналхалқӣ мушкил аст, ки тамоми ҷанбаҳои сиёсиву иқтисодии ҷаҳонро донад. Аз ин рӯ, ба журналисти байналхалқии навкор зарур аст, ки ихтисосро аз рӯи минтақаи фаъолият (Осиё, Амрико, Аврупо, Ховари миёна, Шарқ ва ё кишварҳои пасошуравӣ ва ғайра) ё мавзуъҳо (сиёсат, иқтисод, фарҳанг, варзиш, моҷароҳои байналхалқӣ, масоили глобалӣ) интихоб кунад. Маъмулан дар ВАО-и байналхалқӣ аз журналистони байналхалқӣ талаб менамоянд, ки ҳамаи рӯйдодҳои муҳими дунёро бозтоб намояд, вале ҳангоми таҳияи маводди таҳлилӣ бояд танҳо аз ҳама муҳимтарини онҳо интихоб шавад ва омодасозии чунин мавод ба зиммаи журналистони таҳлилгар гузошта шавад. Айнан чунин принсипи корӣ дар бештари идораи расонаҳои байналхалқӣ роиҷ аст.

Ба зимаи журналисти байналхалқӣ танҳо омодасозии ахбори ҷорӣ гузошта нашудааст, балки ӯ вазифадор аст, ки таърих, анъана ва фарҳанги кишвари мизбони худро омӯзад ва донишҳои ҷуғрофӣ ва мардумшиносии худро васеъ намояд. Дар бисёр маврид ҳодисаҳои имрӯза идомаи равандҳои чандинсола ва баъзан асрҳои пеш буда метавонад ва дар ин гуна ҳолат ҳамон донишҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва мардумшиносии журналисти байналхалқӣ ба кор мераванд ва имкон медиҳанд, ки ӯ маводди беҳтаринро омода созад. Огоҳӣ аз гузаштаи

ҳодиса ба журналисти байналхалқӣ имкон медиҳад, ки ба кадом самт ҷараён гирифтани рӯйдодро пешгӯӣ намояд ва дар атрофи ҳодиса хулосаҳои дуруст барорад. Аммо журналисти байналхалқии камкор ва камҳавсала танҳо ба инъикоси воқеаҳо ва такрори ҳарфи дигарон қаноат менамояд ва ахборро интиқол медиҳад, вале ба аудитория барои дарки асли ҳодисаҳо ва маълум намудани ҳақиқати таърихӣ ёрӣ дода наметавонад.

Шинохти хислатҳо, махсусиятҳои фарҳангию равонии миллатҳо ва аҳолии давлатҳои мизбон ба журналисти байналхалқӣ имкон медиҳад, ки бо онҳо ба осонӣ забон ёбад, худро ҳамчун як узви ҳамон ҷомеа нишон диҳад, эътимоди онҳоро ба даст орад ва ба ин васила ахбори лозим ва қаҳрамонҳои навбатии асарҳои худро пайдо намояд. Ҳамзамон дар шинохти онҳо таҷриба андӯхта, сабабҳои рафтори онҳоро мефаҳмад ва муайян карда метавонад, ки чаро як ҳодисаи дар як кишвари дигар рӯйдода, дар кишварҳои ҳамсояи он ба тарври дигар фаҳмида мешавад. «Ҳангоми сафари хизматӣ барои омода намудани беҳтарин мавод донистани таърих, анъанаҳо, меъёрҳои ахлоқӣ ва забон мадад менамояд ва баъзан журналисти байналхалқиро аз мушкилоти ҷиддӣ наҷот медиҳад» [345].

Фаъолияти журналисти байналхалқӣ аз ду унсури муҳимми сохторӣ иборат аст. Ӯ, албатта, бояд журналист ва дар айни замон мутахассиси соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ бошад. Гузашта аз ин, шахсе, ки барои ин кор муроҷиат мекунад, бояд ба ҳарду қисмати тамоми касбии худ бо маҳорат ва эҳтироми баробар муносибат кунад.

Дар ҳама соҳа кор аз тарбия сар мешавад. Барои журналист ин қобилияти гӯш кардан, навиштан ва гуфтан аст. Ҳамаи ин ҳангоми муошират бо хориҷиён ғайриимкон аст, агар ӯ забони хориҷиро надонад. Гузашта аз ин, ҳар даҳсола, ҳар сол, талабот ба сатҳи дониш ва шумораи забонҳои омӯхташуда меафзояд, бахусус агар журналисти байналхалқӣ иддао дорад, ки дар Шарқ кор мекунад – бе донистани забони арабӣ ва ё яке аз забонҳои Шарқи Дур - Ҷопон ё Чин номумкин аст. Дар ин масъала дониши забони англисиро ҳатто номбар кардан

мумкин нест, зеро он кайҳо ба як навъи алифбои Морзе барои муошират байнишахсӣ, рамзи байналмилалӣ барои ҳама фаҳмо табдил ёфтааст.

Инъикоси моҷароҳои яроқнок як бахши доимии фаъолияти ВАО гардидааст ва ин масъала барои журналистони байналхалқӣ ба мавзуи асосии фаъолияташон табдил ёфтааст, зеро теъдоди чунин моҷароҳо торафт бештар ва печида гардидааст. Новобаста аз он ки фаъолияти журналистони байналхалқӣ дар «нуқтаҳои доғ» хеле душвор аст, «шарти асосӣ дар инъикоси ҷангҳо пешниҳоди иттилооти дақиқ ва беғаразона мебошад» [222, с. 268].

Омода ва нашр кардани ахбор дар бораи амалиёти террористӣ, ҷангҳо миёни давлатҳо, ҷангҳои гибридӣ, тазоҳурот, нооромиҳо ва дигар ҳолатҳои ногувор дар арсаи ҷаҳон яке аз самтҳои доимии фаъолияти журналистони байналхалқӣ гардидааст ва он аз майлу хоҳиши журналистони байналхалқӣ дида, бештар ба авзои замон вобастагии бештар дорад. Қоидаҳои ягонаи байналхалқии аз тарафи ҳамаи субъектҳои моҷароҳо қабулгардида вуҷуд надорад, ки ба фаъолияти озоди журналистони байналхалқӣ иҷозат диҳад. Ҳарчанд дар баъзе санадҳои байналхалқӣ ва кишварҳо, инчунин муоҳидаҳо бандҳо вобаста ба ин масъала ҷой дошта бошад ҳам, ягон давлат, созмони байналхалқӣ ва ё созмонҳои дигар амнияти фаъолияти журналистони байналхалқиро дар минтақаи хавфнок кафолат намедиҳанд. Махсусан агар фаъолияти журналист ба минтақаи амалиёти террористӣ рабт дошта бошад, вале баъзе дастурҳо ва тавсияномаҳо ҳамчун дастурамал барои фаъолият дар минтақаи амалҳои террористӣ вуҷуд доранд, ки бештар хусусияти тавсиявӣ доранд ва талаботи онҳо на ҳамеша ба воқеият ва ҳолати қарордоштаи журналистони байналхалқӣ мувофиқ меояд. Масалан, аз ҷониби Иттифоқи журналистони Русия 30 октябри соли 2001 «Принсипҳои ахлоқии рафтору муносибати касбии журналистоне, ки амалиёти террористӣ ва зиддитеррористиро ташреҳ медиҳанд» қабул гардид. Бояд қайд намуд, ки дастурамали мазкур бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, аз журналистон даъват менамояд, ки ҳангоми қарор доштан дар маҳалли амалиёти террористӣ амалҳоеро анҷом надиҳанд, ки ба зарардидагони амали террористӣ, гаравгонҳо ва ҷомеа хатар доранд. Инчунин тавсия дода шудааст, ки «… розигӣ

надодан барои ташкили мустақими мусоҳиба бо террористҳо, аз ҷумла ба сабаби он ки баргузор намудани чунин мусоҳиба аз ҷониби террористҳо барои интиқоли ишоратҳои рамзии махфӣ барои ҳампешагони онҳо, ки дар минтақаи берун аз амалиёти террористӣ қарор гирифтаанд, мавриди истифода қарор ёбад» [91, с. 25].

Ҳамзамон гирифтани мусоҳиба аз террористон тавсия дода нашудааст, аммо дар таҷрибаи журналистикаи ҷаҳонӣ ҳолатҳои баръакс низ ҷой дорад. Масалан, соли 2001 телевизиони Алҷазира бо намояндагони гурӯҳи террористии Алқоида дар Афғонистон мусоҳиба намуд. Дигар, ин ки шинохти терроризм аз ҷониби давлатҳо яксон нест, гурӯҳе аз ҷониби ИМА ва кишварҳои Аврупоӣ террористӣ шинохта мешаванд, вале назар ба онҳо дар Эрон, Русия, Чин ва дигар кишварҳо мусбат аст, инчунин ҳолати баръакс низ ҷой дорад. Дар чунин вазъият фаъолияти журналисти байналхалқӣ душвор мегардад, зеро дар ҳолати мусбат баҳо додан ба чунин гурӯҳҳо мавриди интиқоди давлатҳои рақиби онҳо қарор мегирад.

Вобаста ба чунин вазъият дар «Изҳороти байналхалқӣ дар бораи принсипҳои рафтори рӯзноманигорон», ки аз ҷониби Конгресси Федератсияи байналхалқии рӯзноманигорон соли 1954 қабул ва соли 1986 тағйирот ворид намуданд ва мувофиқи муқаррароти он рӯзноманигор дар ҳамаи даврaҳо уҳдадор аст, ки принсипҳои озодии гирд овардан ва чопи объективии ахбор, ҳамчунин «ҳуқуқи беғаразонаи шарҳу эзоҳ ва танқидро риоя намояд» [91, с. 27].

Журналистикаи байналхалқии муосирро бештар ҳамчун василаи амалигардонии сиёсати хориҷии давлат тафсир менамояд, ки чунин баррасиҳо қаблан дар пасманзари зиддиятҳои Ғарб ва Иттиҳоди Шуравӣ вуҷуд дошт ва ҳоло дар пайи муқовиматҳои навини ИМА ва кишварҳои Ғарб бо Чин, Русия, Эрон ва дигар давлатҳо маънидод мегардад.

Давраи гулгулшукуфоии журналистикаи байналхалқии собиқ Иттиҳоди Шуравиро ба замони «ҷанги сард» марбут медонанд, ки фаъолияти расонаҳои байналхалқии он яке аз муҳимтарин василаи таъсирасонии сиёсӣ буд. Бо анҷом ёфтани «ҷанги сард» ва фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ давраи таназзули журналистикаи байналхалқии шуравӣ оғоз шуд ва солҳои 90-уми асри гузашта

таваҷҷуҳи аудиторияи онҳо ба мушкилоти дохилии кишварҳои навтаъсис равона гардид.

Ҳоло баҳс дар бораи мавқеи журналистикаи байналмилалӣ дар фазои расонаҳои ҷаҳон ҷараён дорад. Рӯзномаи «The International Herald Tribune» 35 дафтар дар гӯшаҳои гуногуни олам дошта, дар зиёда аз 160 кишвари ҷаҳон паҳн мешавад. Ба назари ноширии рӯзномаи мазкур Стивен Данбар-Ҷонсон асрори муваффақияти он чунин аст: «Он ба журналистикаи баландсифати байналхалқӣ тамаркуз мекунад» [451]. Инчунин ӯ ба он назар аст, ки аудиторияи рӯзномаи The International Herald Tribune як қишри хонандагон ҳастанд, ки мехоҳанд журналистикаи мустақилро, ки дар ҳоли рушд аст, дурнамои байналмилалиро бубинанд, сайёра ба куҷо меравад, ҷаҳон чӣ гуна рушд мекунад. Рӯзномаи мазкур ҳамарӯза дар ҳаҷми 22 саҳифа навигариҳои ҷаҳонро нашр менамояд.

Дар солҳои 90-уми асри гузашта рейтинги журналистикаи байналхалқӣ дар байни аҳолӣ ба таври фалокатовар паст гардида буд. Айни замон ба сабаби ҷорӣ шудани таҳримҳо миёни ИМА, Русия, Чин, Эрон, тезутунд шудани муносибатҳои сиёсати хориҷӣ миёни бархе давлатҳо, рӯй додани моҷароҳои нав ва аз нав аланга задани оташи ҷангҳои хомӯшшуда дар ҷаҳон, бештар намудани боҷи гумрукии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба маҳсулоти давлатҳо таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба журналистикаи байналхалқӣ мунтазам афзун мекунад. Бояд қайд намуд, ки таҳаввулоти ҷаҳони муосир боиси он гардид, ки журналистикаи байналхалқӣ аз нав эҳё гардад ва аз он мақоме, ки дар замони «ҷанги сард» дошт, болотар равад.

Журналистикаи байналхалқӣ мушкилтарин бахши журналистика ба шумор меравад ва чунин менамояд, ки он бештар унсурҳои байнисоҳавӣ дорад. Ҳарчанд журналистикаи байналхалқӣ як соҳаи илмҳои филологӣ аст, вале сарфи назар аз ин он бо сиёсатшиносӣ, мардумшиносӣ, таърихнигорӣ, ҳуқуқи байналхалқӣ, психологияи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, дипломатия, фарҳангшиносӣ, варзиш, сайёҳӣ, иҷтисодиёт ва тиҷорати ҷаҳонӣ алоқамандии зич дорад. Аз ин ҷиҳат самти фаъолияти журналистони байналхалқӣ серсоҳа буда, доманаи мавзуъҳо барои онҳо фарохтар аст.

Дар замони муосир журналистикаи байналхалқӣ на танҳо ба марҳилаи мураккаби худ ворид гардида, доираи мушкилоти он афзуд, балки ҷамъият дигаргун шуд. Масъалаҳои амнияти миллӣ ва байналхалқӣ, рушди воситаҳои иртибот ва роҳёбии одамони оддӣ ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ба журналистикаи байналхалқӣ бетаъсир намонд. Тавассути интернет одамон аз муҳити хонаводагии худ ба фазои иттилоотии ҷаҳон ворид гардида, марзҳо миёни фазои шахсӣ ва ҷамъиятӣ нест шуд. Ҳаёти шахсии одамон, қиссаҳои рӯзгори онҳо ва ҳатто одитарин лаҳзаҳои рӯзгори одамон тавассути интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар саросари олам паҳн мегардад. Ҳамаи ин ба коҳишёбии аудиторияи ВАО-и байналхалқӣ низ таъсири худро мерасонад.

Таваҷҷуҳи доимии ҷомеа ба авзои олам, маводди таҳлилии расонаҳои байналхалқӣ дар хусуси дирӯз, имрӯз ва фардои давлатҳо, ҷараёнҳои нави ҷаҳонишавӣ, нуфуз пайдо намудани қутбҳои нави сиёсати ҷаҳонӣ, дурнамои рушди илму техника, коҳишёбӣ ва ё рушди иқтисодии давлатҳо, таҳаввулот дар раванди муҳоҷирати одамон, тағйирёбии иқлим, моҷароҳои байнидавлатӣ, қамбизоатӣ, рушди босуръати ин ё он гӯшаи олам ва дигар таҳаввулот боқӣ мемонад. Зеро қобилияти касбии инъикос ва таҳлили чунин равандҳоро на ҳамаи одамони дорои блог ва шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд. Албатта дар ин самт мақоми журналистони байналхалқиро блогерон ба пуррагӣ ғасб карда наметавонанд, вале ба зиммаи журналистони байналхалқӣ уҳдадориҳои муайян - беғаразона, вале дар айни замон равшан нишон додани тамоюлҳои мавҷударо гузошта шудааст. Ба ибораи дигар, аз як тараф журналисти байналхалқӣ бояд рӯйдодро беғаразона шарҳ диҳад ва аз ҷониби дигар масъулиятшинос бошад, ки иттилоотро мушаххас ва фаврӣ ба ҷомеа расонад.

Талабот ба журналисти байналхалқӣ ҳамчун мутахассис ҳамоно баланд аст, зеро ӯ дар баробари нозукиҳои касбӣ худ аз навигариҳо, ҳолат ва дурнамои дигар соҳаҳои ҳаёти байналхалқӣ огоҳ аст. Ҳамзамон дар баробари иқтисодчиён, сиёсатмадорон, фарҳангшиносон, таърихнигорон, сиёсатшиносон ва дигар коршиносон қобилияти таҳлил ва баррасии мушкилоти байналхалқиро дорад. Масалан, донистани методологияи сотсиологӣ ба журналисти байналхалқӣ

имкон медиҳад, ки тамоюлҳои умумии рушди ҷамъиятро дар марҳалаи ҳозира дарк карда, хатарҳо ва дурнамои таъсири ҷаҳонишавӣ ва дигар равандҳоро ба фазои иҷтимоию фарҳангии ҷаҳониро арзёбӣ намояд.

Бояд қайд намуд, ки журналистикаи муосири байналхалқӣ буҳрони солҳои 90-умро паси сар карда, ба давраи эҳё ворид шудааст. Рушди минбаъдаи он ба эҳтимоли зиёд бо ҳалли чунин мушкилот, аз қабили ташаккули шаффофияти инъикоси равандҳои сиёсии олам, баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум аз тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва паҳн намудани маводди таҳлилии беғаразона алоқаманд хоҳад буд. Нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ набояд истисно карда шавад, ки кайҳо бо ташаббуси роҳбарони давлатҳои абарқудрат ва давлатҳои қудратхоҳ оғоз шуда буд. Илова бар ин, зарурати тафсири муносиби ҷараёнҳои иттилоотӣ ва авзои олам аз ҷониби журналисти байналхалқӣ ба зиммаи ӯ на танҳо уҳдадориҳои касбӣ, балки вазифаи сирф ахлоқиро низ мегузорад.

Масъалаи паёмадҳои фаъолияти ғайрикасбии блогерон ва афроди алоҳида дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, пурзӯр шудани нақши блогосфера дар равандҳои иттилоотӣ ба фаъолияти журналистикаи байналхалқӣ бетаъсир наmemонад. Маъмулан на ҳамаи блогерон мутахассиси журналистика, сиёсатшиносӣ ва коршиноси масоили байналхалқӣ ҳастанд ва онҳо рӯйдодҳои дунёро дар доираи фаҳмиши худ ва ё фармоиши тарафе инъикос менамоянд. Аз ин ҷиҳат, шарҳи онҳо дар бораи авзои ҷаҳон ва ё ягон мавзуъ баъзан боиси сар задани ихтилоф на танҳо дар як кишвар, балки тамоми ҷаҳон шуда метавонад. Дар чунин шароит илова бар расонаҳои маъмулӣ маводди журналистони байналхалқӣ бояд дар интернет, блогҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои гуногун мунташир гардад. Ин амал боис мегардад, ки таъсири блогерони ғайрикасбӣ ба аудитория камтар мегардад. раҳо меёбанд

Барои журналистони байналхалқӣ дар асри XX донистани кишваршиносӣ дар баробари забони хориҷӣ хеле муҳим буд. Омӯзиши чуқури ҷуғрофияи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳаматарафа шинос шудан бо тамоми муҳити кишварҳо шарти асосӣ шуморида мешуд. Вале дар асри XXI дар баробари онҳо

истифода аз техника ва технологияи муосири ВАО, омодагии доимӣ ба сафарҳои ногаҳонӣ, маҳорати баланди журналистӣ аз шартҳои асосии журналистикаи байналхалқии муосир гардидаанд. Нақши журналистони байналмилалӣ дар ташаккули афкори ҷомеа оид ба масъалаҳои глобалӣ хеле бузург аст.

1.2. Таҳаввулот дар журналистикаи байналхалқӣ

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ВАО-и байналхалқӣ бештар маводди иттилоотӣ ва таҳлилиро пешниҳоди аудитория менамуд ва дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳамчунин таблиғот ва ташвиқот дар он афзоиш ёфт. Бештар намудани теъдоди забонҳои пахш ва васеъ гаштани ҳудуди паҳншавии маводди ВАО-и байналхалқӣ далели ин воқеият аст. Аз ҷумла, «дар охири соли 1943 Би-Би-Си ба 43 забони дунё барнома пахш мекард» [73, с. 12].

Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо дигаргун гардидани равобит миёни Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА як қатор дигаргуниҳо дар журналистикаи байналхалқӣ ба вуқуъ омад. Оғози «Ҷанги сард» ба фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ низ бетаъсир намонд, теъдоди пахши барномаҳои радиоӣ барои аудиторияи ҷаҳонӣ зиёд карда шуд, зеро ирсоли мавҷи радио нисбат ба паҳн кардани матбуот осонтар ва арзиши арон надошт. Ҳамкории ВАО-и ИМА ва Иттиҳоди Шуравӣ коста гардид ва ҳамзамон рақобат барои ғасби фазои иттилоотии олам пуршиддат гардида буд. Ҷанги иттилоотии ошкоро миёни давлатҳои сохти шуравӣ ва капиталистӣ авҷ гирифт. Дар ин давра касби журналисти байналхалқӣ хеле маълуму машҳур гардида, муаррифии кишварҳо, урфу одати халқҳои ҷаҳон, бозтоби авзои ҷаҳон ва таҳлили равобити байналхалқӣ ба уҳдаи онҳо гузошта шуда буд. Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон асосан моҷароҳои ҳарбии байнидавлатӣ ва дохилидавлатӣ рӯй доданд ва фаъолияти журналистони байналхалқӣ ба марҳилаи ҳассоси худ ворид гардид, вале ҳамзамон шӯҳратмандии онҳо бамаротиб афзуд. Ҷангҳои Ветнам, нимҷазираи Корея ва Афғонистон майдони обутоби журналистони байналхалқӣ гардида буд.

Замони коҳишёбии нуфузи як қисми ВАО-и байналхалқӣ ба давраи пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ рост меояд, зеро расонаҳои байналхалқии Шуравӣ заиф гаштанд ва ВАО-и байналхалқии кишварҳои Ғарбӣ яккатози фазои иттилоотии олам шуданд. Дар ҳамин ҳол таваҷҷуҳи аудиторияи ҷаҳонӣ ба навигариҳои байналхалқӣ коҳиш ёфт ва ихтисор намудани теъдоди мухбирони доимии байналхалқӣ ва намояндагиҳои ВАО-и байналхалқӣ ҷиҳати сарфаи буҷа ба амал омад. Ба андешаи муҳаққиқ Р. Замит: «Бо вуҷуди ин, онҳо унсурҳои муҳимми журналистикаи байналхалқӣ боқӣ монданд» [174, с.151]. Коҳишёбии таваҷҷуҳ ба журналистикаи байналхалқӣ ба аз байнравии зиддияти давлатҳои Шуравӣ ва Ғарб низ алоқаманд буд, вале авҷ гирифтани муборизаҳои геополитикӣ дар асри XXI таваҷҷуҳи аудитория ба ВАО-и байналхалқиро афзун намуд.

Тараққиёти техникаи коммуникатсионӣ ва оммавигардии истифодаи интернет ба густариши журналистикаи байналхалқӣ мусоидат намуд. Журналистикаи байналхалқӣ давраи онлайниро тай менамояд, ки «тавассути интернет истифодабаранда ахбори нашрияҳо, телевизионҳо, радиоҳо ва агентиҳои иттилоотиро дастрас карда метавонад» [89, с.12]. Дар ин марҳила вобаста ба талаботи журналистикаи интернетӣ дар журналистикаи байналхалқӣ на танҳо шакли иттилоърасонӣ ба аудитория дигаргун гашт, балки ташаккул ёфт ва равандҳои наверо оғоз намуд. Аммо дар робита ба ин масъала назари муҳаққиқон ягона нест ва муҳаққиқони тоҷик Асадулло Саъдуллоев ва Маҳмудхон Шоев қайд намуданд, ки «баъзеҳо ривоҷи бемисли журналистикаи электронӣ ва интернетро чун инқилоб маънидод мекунанд. Гурӯҳи дигар ақидаи мутафовут доранд» [116, с. 64]. Воқеан ҳам, равандҳои муосир, аз ҷумла ҷаҳонишавии ВАО пеш аз ҳама истифодаи васеи интернет сахт иртибот доранд, ки он ба ташаккули журналистикаи онлайнӣ, мултимедиавӣ, журналистикаи шаҳрвандӣ, ВАО-и фаромиллӣ ва блогнависӣ мусоидат намуд.

Бо рушди техника ва технологияи муосири иртиботӣ имкониятҳои журналистика хеле фарох гардид. Интернет на танҳо воситаи паёмрасонӣ ва иртибот аст, балки ҳамчун сарчашмаи иттилоот ва ё маълумот ба журналистон

хизмат мекунад. Ба назари муҳаққиқ М. Муқимов интернет дар як муддати кӯтоҳ тавонист, ки ба саноати табъу нашр таъсири амиқ гузошта, «боиси пайдоиши қаринаҳои электронии матбуот гардад» [75, с. 3]. Тавре маълум аст, журналистикаи чандрасонаӣ марҳилаи нави ташаккули журналистика аст ва аксари расонаҳои байналхалқӣ дар фаъолияти худ аз низоми чандрасонаӣ васеъ истифода менамоянд. Яке аз марҳилаҳои навини ташаккули журналистикаи байналхалқӣ ин густариш пайдо намудани журналистикаи шаҳрвандӣ мебошад, зеро акнун аудиторияи журналистикаи шаҳрвандӣ дар доираи як кишвар маҳдуд нест ва сомона ва блогҳои журналистони шаҳрвандӣ дар тамоми ҷаҳон муштарӣ дорад. Журналистони касбӣ акнун журналистони шаҳрвандиро «ҳамчун манбаи пайдоиши иттилооти иловагӣ» [77, с. 32] меҳисобанд. Аксҳо ва наворҳои видео аз ҷойи воқеа дар блогҳо, ютубканалҳо ва сомонаҳои журналистони шаҳрвандӣ гузошта мешаванд, ки чунин иттилооти нодир аз ҷониби ВАО-и байналхалқӣ истифода мегардад. Муҳаққиқон И. Ҳамидиён ва Ф. Низом доир ба ин масъала ба чунин назаранд, ки «на танҳо дар доираи кишварҳои алоҳида, балки хислати умумиҷаҳонӣ низ гирифт» [135, с. 73]. Аммо дар масъалаи касбияти журналистони шаҳрвандӣ баҳсҳо хеле зиёданд.

Муҳаққиқ А.П. Короченский чунин мешуморад, ки дар журналистикаи байналхалқӣ дигаргуниҳои муҳим ба амал омада истодааст, зеро журналистони шаҳрвандӣ ба таъмини иртиботи мустақими байни сокинони кишварҳои гуногуни ҷаҳон шуруъ намуданд. Ҳамзамон муҳаққиқи мазкур таъкид менамояд, ки нақши блогосфера дар рушди журналистикаи байналхалқӣ дар асри XXI «сазовори таваҷҷуҳи махсус аст» [267, с. 330]. Шахсоне, ки ба журналистикаи шаҳрвандӣ машғуланд, аз тариқи асбобҳои суратгирӣ, наворбардорӣ, телефони мобилӣ, планшет, соатҳои ҳушманд ва дастгоҳҳои сабт ва наворбардории пинҳонӣ навор ва аксҳоро омода намуда, онҳоро дар блогҳои шахсӣ ва саҳифаҳои худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷой медиҳанд. Андешаи он ки воситаиҳои ахбори омма «василаи бебадали иртиботи оммавӣ маҳсуб меёбанд» [140, с. 4] бо пайдоиши воситаҳои комуникатсионии муосири ба ҳама дастрас тағйир ёфт. Одамони одӣ дар баробари лаҳзаҳои ҳаёти шахсии худ, наворҳои

сабт намудаи худро аз ҷойи ҳодиса ва рӯйдод дар саҳифаҳои шахсиашон мегузоранд, ки миллионҳо нафар аз тамоми ҷаҳон тамошо менамоянд. Баъзе аз одамон блогҳои шахсии худро доранд, андешаҳои худро роҷеъ ба ягон мавзуъ ва масъала қайд менамоянд. Баъзан навор ва аксҳои журналистони шаҳрвандиро ВАО-и анъанавӣ низ истифода мебаранд, зеро баъзан чунин афрод шоҳиди ягон воқеа шуданд ва навор, акс ва матни худро дар бораи он воқеа дар интернет ҷой додаанд.

Ҳарчанд интернет ба ташаккули журналистикаи байналхалқӣ мусоидат намуда бошад ҳам, дар баробари ин теъдоди рақибони ВАО-и байналхалқиро бамаротиб афзоиш дод. Илова бар сомонаҳои расонаҳои миллӣ, блогҳо, ютубканалҳои расмии ВАО ва одамони алоҳида инчунин шабакаҳои иҷтимоии Фейсбук, Инстаграм, Вконтакте, Однокласники паёмрасонҳои Твиттер, Телеграм ва ғайраҳо ҳамчун манбаъҳои ғайримаъмулии иттилооот аудиторияро дар саросари олам ба худ ҷалб намуданд. Ба андешаи муҳаққиқ И. Ҳамидиён: «Муштариёни ВАО аз объекти иттилоотӣ ба субъекти таъсир ва продюсери фаъол табдил ёфтанд» [207, с. 201]. Дар чунин раванд сафи муаллифони интернетӣ ба миллионҳо нафар расид ва блогосфера ба як манбаи даромад табдил ёфтааст.

Агар то пайдоиши интернет ВАО-и байналхалқии давлатҳои қудратманд дар пахш намудани иттилоъ дар саросари олам ҳукмронӣ мекарданд, ҳоло давлатҳои заиф ва рӯ ба инкишоф низ дар шабакаи ҷаҳонии интернет саҳифаҳои ВАО-и худро боз намуданд. Шабакаҳои телевизионии бисёри ин давлатҳо ба моҳвора низ пайваст шуданд ва онҳо аз кишварҳои истифодабарандаи маводди ВАО-и байналхалқӣ ба истеҳсолкунанда табдил ёфта, дар муаррифии кишвари худ ва ҳимояи манфиатҳои миллиашон саҳм гузошта истодаанд [291, с. 185]. Акнун ВАО-и миллӣ низ ҳамчун яке аз паҳнкунандагони ахбор ба фазои иттилоотии ҷаҳон ворид шуданд. Дар хусуси тавоноии интернет муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва М. Шоев дуруст қайд намуданд, ки «интернет имкониятҳои беҳудуд медиҳад» [116, с. 57].

Яке аз маъмултарин ва беҳтарин роҳҳо боло бурдани имиҷи кишварҳо сайёҳӣ ба ҳисоб меравад ва дар ин самт Тоҷикистон солҳои охир хеле талошҳои судманд анҷом додааст. Аз ҷумла, барои муаррифии захираҳои сайёҳии мамлакат воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ ва хориҷиии зерин ҷалб гардиданд: Шабакаи якуми телевизиони Русия, телевизиони НТВ, телевизиони Қазоқистон, телевизионҳои байналхалқии «Евронюс, «Нейшнл ҷеографик», «Лонелу Планет», рӯзномаҳои «Зе телеграф» ва «Файненшл Таймс», маҷаллаи «Философия отдиха»-и Федератсияи Русия, агентиҳои иттилооти «Кабар»-и Қирғизистон, «УзА»-и Ӯзбекистон, ТАСС-и Федератсияи Русия, «Флай брозер»-и Амрико» ва ғайра.

Аз таҳқиқи боби сеюми рисола ба хулоса омадем, ки ВАО-и байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи мусбати давлат нақши муҳим дошта, имиҷсозӣ дар журналистикаи байналхалқӣ яке аз самтҳои асосии он ба шумор меравад. Инчунин муайян намудем, ки муаррифии Тоҷикистон ва имкониятҳои сайёҳии он дар расонаҳои байналхалқӣ аз масъалаҳои муҳим барои кишвар ба шумор меравад.

Дар баробари ҳамкорӣ бо ВАО-и байналхалқӣ ва хориҷӣ беҳтар намудани вазъи ВАО-и ватанӣ ва истифода аз имкониятҳои онҳо ҷиҳати муаррифии соҳаи сайёҳии кишвар ба забонҳои байналхалқӣ тариқи интернет роҳи хеле каммасраф мебошад. Ба рушди журналистикаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон иқдом намудан хеле амалӣ зарурӣ аст ва дар ин самт истифода аз имкониятҳои журналистикаи чандрасонаӣ ва ҳамкорӣ бо блогерони муваффақи ватанӣ низ аз манфиат холӣ нест.

БОБИ IV
БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МИЛЛӢ ДАР ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

4.1. Журналистикаи байналхалқӣ ва масъалаҳои миллӣ

Дар замони муосир журналистикаи байналхалқӣ дар баробари рушд боз мушкилоти ба худ хоссро низ дорад. Доираи ин мушкилот маҳдуд набуда, вобаста ба вазъияти расонаҳои байналхалқӣ, тағйирёбии равандҳои умумиҷаҳонӣ, ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои мусбат ва ё манфӣ дар фазои иттилоотии ҷаҳон теъдоди мушкилот кам ё зиёд мегардад. Пешниҳоди иттилооти саҳеҳ ва саривақтӣ доир ба авзои ҷаҳон аз уҳдадориҳои асосии журналистикаи байналхалқӣ мебошад. Инчунин риояи ҳуқуқи миллатҳо ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, фарҳанг, адабиёт, санъат ва маънавиёти ҷомеаҳоро метавонем уҳдадории дигар журналистикаи байналхалқӣ шуморем. Журналистикаи муосири байналхалқӣ бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯйи созишҳо бошад, ки он инъикоси дуруст ва беғаразонаи рӯйдодҳои олам, шарҳ, таҳлил ва баррасии объективонаи масоили миллӣ, минтақавӣ ва глобалиро дар бар мегирад. Ҳарчанд дар бархе аз расонаҳои байналхалқӣ таъкид менамоянд, ки онҳо иттилоотро беғаразона ва бидуни баёни ақидаи худ холисона пешниҳод менамоянд, вале аз миёни миллионҳо хабар интихоби рӯйдоде ва такроран ба аудитория пешниҳоди он, бартари додан ба мавқеи ҷонибе ин ҳама баёнгари мавқеи расона ва ҳамрайъии он аст. Андешаи зерини муҳаққиқон Асадулло Саъдуллоев ва Сангин Гулов: «яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи корманди ВАО дар атрофи мавзуи мавриди назар бавуҷуд овардани афкори умум» [113, с. 6] далели он аст, ки новобаста аз намуди ВАО вазифаи афкорсозии журналистика бетағйир мондааст.

Дигаргуниҳои олами муосир дар солҳои охир ва густариши бархӯрдҳои ҳарбӣ ба журналикаи байналхалқӣ низ таъсири худро расонд. Аз як тараф пешниҳоди иттилоот аз нуқтаҳои доғи олам таваҷҷуҳ ба ВАО-и байналхалқиро

бештар намуда, мақоми журналистикаи байналхалқиро боз боло бурда бошад ҳам, истифодаи ВАО-и байналхалқӣ ҳамчун дастгоҳи тарғиботии кишварҳо, созмонҳо ва доираҳои манфиатхоҳ ба имиҷи бархе аз расонаҳои байналхалқӣ зарба зад. Иддае аз расонаҳои байналхалқие, ки қаблан бо пешниҳоди иттилооти беғараз ва бетарафона аудиторияи зиёдро ба худ ҷалб намуда буданд, акнун вобаста ба мавқеи кишвар, созмонҳо ва ҷамъиятҳои гуногун иттилооти таҳрифнок ва ғаразнокро нашр менамоянд. Мисоли ин расонаи байналхалқии «Мавҷи Олмон» буда метавонад, ки қаблан «фаъолияташ эътимодбахш ва ба меъёрҳои этикӣ ҷавобгӯ» [219, с. 327] мешинохтанд. Аммо зимни баррасии ахбори марбут ба Русия ва Украина, Эрон ва Исроил дар барномаҳои он принсипҳои журналистикаи байналхалқӣ хеле кам риоя гардид. Аз ин ҷо чунин назар бармеояд, ки расонаҳои байналхалқӣ дар замони осишта бо пешниҳоди иттилооти бетарафона аудиторияи худро бештар намуда, дар шароити тағйирот дар сиёсати ҷаҳонӣ бо иштироки муассисонашон, онҳо иштирокчии фаъоли ҷангҳои иттилоотӣ мегарданд.

Муҳаққиқ Н.Н. Сангинов чунин мешуморад, ки «асоси «ҷангҳои иттилоотӣ»-ро иттилооти бардурӯғ ё «дезинформатсия» ташкил медиҳад» [356, с. 285]. Аммо таҷрибаи истифодаи иттилооти воқеӣ низ дар ҷангҳои иттилоотӣ вуҷуд дорад. Аз ҷумла, расонаҳои байналхалқӣ кӯшиш менамоянд, ҳақиқати рӯйдодҳои кишварҳоро ба сокинони он фавран маълум намоянд. Дар кишварҳое, ки воқеиятро аз мардум пинҳон медоранд, қисман иттилоъ медиҳанд ва ё бо гузашти замон бо таъхир аз воқеият хабар медиҳанд, майдони иттилоотиро ба бегонагон озод вомегузоранд. Расонаҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ ба он хотир навигариҳои дигар кишварҳоро ба сокинони ҳамон кишварҳо саривақт нашр менамоянд, ки онҳоро таҳти таъсири худ бигиранд, ба эътимоди онҳо сазовор гарданд ва баъдан идоракунии он ҷомеаро ба даст биёранд. Дар ҳолатҳои зарурӣ агар чунин расона иттилооти бардурӯғро ҳамчун ҳақиқат пешниҳод намояд ҳам, аудитория онро ҳақиқат қабул менамояд. Ҳол он ки ин гуна расонаҳо дар бораи кишвари худ хеле кам иттилоъ нашр менамоянд ва ҳатто ҳуқуқи нашр дар фазои иттилоотии кишвари худро надоранд. Мисоли ин расонаҳои тарғиботии ИМА,

аз ҷумла радиои «Озодӣ» шуда метавонад. Муҳаққиқ И.К. Усмонов воқеияти дигари расонаҳои абарқудратҳоро ошкор намудааст, ки «онҳо ба василаи воситаҳои ахбори омма ақидаи худро бар сари кишварҳои дигар бор мекунанд ва ҳатто ин ақида метавонад пурра бар хилофи ақидаҳои он кишвар бошад» [374, с. 5].

Имрӯз ҷаҳон дар марҳилаи бисёрқутбӣ қарор дорад ва чунин шароит кор кардани журналисти байналхалқӣ дар баробари душвор будан хеле масъулиятнок аст. Журналисти байналхалқӣ бояд вазъияти ҷаҳон ва минтақаи худро хуб дарк карда тавонад, қобилияти хуби таҳлилгарӣ дошта бошад ва дар баробари коршиносон аз дониши хуби минтақашиносӣ бархурдор бошад, зеро ҳангоми таҳлил ва баррасии масъалаҳои байналхалқӣ, минтақавӣ ва миллӣ вазъиятро дуруст ба аудитория шарҳ диҳад.

Журналисти муосири байналхалқӣ на танҳо қобилияти дарки равандҳои мураккаби байналхалқӣ, балки донандаи хуби масоили сиёсат, иқтисод, фарҳанг, дин ва мардумшиносӣ бошад, то ки ба аудиторияи худ рӯйдодро тафсир карда тавонад. Аммо на ҳамеша журналистон рисолати касбии худро беғаразона иҷро менамоянд ва амали кормандони маҷаллаи фаронсавии «Charlie Habdo» нисбат ба пайғамбари ислом намунаи барҷастаи он аст. Кормандони ин нашрия ба андешаи муҳаққиқ Х. Раҳимҷонов на танҳо меъёрҳои этикаи касбӣ, «балки арзишҳои умумиинсониро ба назар нагирифтанд» [96, с. 5]. Чунин назар воқеан ҳам дуруст аст, зеро як карикратура боиси сард гаштани равобити давлатҳои мусалмонӣ бо Фаронса ва бархурди пайравони динҳо дар чандин кишвар гардид.

Муҳаққиқ Б.С. Никонов чунин мешуморад, ки бо ёрии ВАО дар ҷомеа «партовҳои иттилоотӣ» [196, с. 82] амалӣ мегардад ва тавассути системаҳои иттилоотӣ бархурд ба онҳо назорат карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки «патровҳои иттилоотӣ» паҳнамоии иттилооте мебошанд, ки имконияти бавуҷуд овардани вокуниши ҷамъиятиро дорад ва чунин амал барқасдона истифода гардида, созмондиҳандагони он бо мақсади муайян онро ташкил менамоянд. Муҳаққиқон С. Гулов, Б. Қутбиддинов ва Ф. Ҳайдаров айнан чунин амалҳоро бо

ибораи «бомбаҳои иттилоотӣ» [134, с. 82] ифода намуданд, ки ба моҳияти масъала бештар наздикӣ дорад.

Ба монанди ҳама гуна санъат, журналистикаи байналхалқӣ аз мутахассиси соҳа фидокории беназирро талаб менамояд, зеро саҳлангорӣ дар ин соҳа боиси кандашавии эътимоди миллатҳо, гусасташавии равобити байналхалқӣ ва ҳатто хавфи сар задани моҷароҳо гашта метавонад. Аз ин рӯ, журналисти байналхалқӣ ҳуқуқи хато кардан надорад ва ӯро зарур аст, ки рӯйдодҳоро дар сатҳи баланди касбӣ дуруст инъикос намояд. Шояд мушкилии асосии журналистикаи байналхалқӣ ҳам дар ҳамин бошад. Фаъолияти журналисти байналхалқӣ ҳам ба монандӣ танзимгари маркази ярокҳои ҳастаӣ мебошад, ки иштибоҳи яке сабаби аз ҷанги иттилоотӣ ба ҷанги воқеӣ гузаштан шуда метавонаду иштибоҳи дигаре сабаби ҷанги ҳастаӣ мегардад. Муҳаққиқ А. Нуралиев мубрамияти ин масаъларо дарк намуда, чунин таъкид намуда аст: «Бояд кӯшиш кард, ки воситаҳои ахбори омма барои ваҳдату ҳамдигарфаҳмии тамоми башарият хизмат кунад» [86, с. 20].

Ҳарчанд журналистикаи байналхалқӣ дар баробари дигар соҳаҳо дар масъалаи таъмини сулҳу оромии дунё ва рушди бомароми он аз ҷиҳати иттилоотӣ ва маърифатӣ вазифадор аст, гоҳо ин рисолат содиқона амалӣ мегардад, зеро расонаҳои байналхалқӣ ва кормандони он на ҳамеша пойбанди қонун, санадҳои байналхалқӣ, маъёрҳои касбӣ ва ахлоқӣ ҳастанд. Дар ин хусус муҳаққиқон С. Гулов ва Х. Раҳимҷон чунин назар доранд: «рӯзноманигорон дар пайи як ҳангома (сенсатсия) аксар вақт меъёрҳои ахлоқиро фаромӯш мекунанд…» [249, с. 17]. Ин назари муҳаққиқон воқеият дорад, аммо ҳолатҳои қасдан риоя накардани қонунҳо ва меъёрҳои касбиву ахлоқӣ, ба хотири ғараз ва ё ичрои супорише дар таҷрибаи ВАО-и байналхалқӣ ҷой дорад.

ВАО-и байналхалқӣ ҳамонгуна, ки дар муаррифии миллатҳо ва ба ҳам наздик намудани миллатҳои гуногун мусоидат менамоянд, боз метавонанд дар барангехтани кинаю адоват миёни миллатҳо саҳм дошта бошад. Ба кадом ҳадаф истифода гардидани ВАО-и байналхалқӣ аз муассисон, сиёсати редаксионии онҳо ва ё дархости фармоишгарон вобастагии бузург дорад. «ВАО имкон дорад ҳам имиҷи манфӣ ва ҳам имиҷи мусбати давлатро ташаккул диҳад» [111, с. 39].

Истифодаи ВАО ҳамчун василаи пешбурди ҷанги иттилоотӣ миёни кишварҳои ба ҳам рақиб амали маъмулӣ ба шумор меравад ва дар сад соли охир ин раванд хеле авҷ гирифта, ба самти доимии фаъолияти бархе аз расонаҳо мубаддал гаштааст. Намунаи барҷастаи ин суханҳо истифодаи ВАО дар ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳонӣ, «ҷанги сард» ва марҳилаи муосири бархурди абарқудратҳо ва дигар давлатҳо мебошад. Инчунин ВАО-и бархе аз кишварҳо барои барангехтани бадбинӣ ва нифоқ миёни дигар кишварҳо метавонанд маъракаи иттилоотиро роҳандозӣ намоянд. «Яке аз механизмҳои кории маъракаҳои иттилоотӣ, ки ба ташаккули имиҷи давлат таъсир мерасонад, интишори мавод тавассути шабакаҳои телевизионии байналмилалӣ мебошад, ки дар миёни онҳо, албатта Си-Эн-Эн мақоми пешсафиро ишғол мекунад» [296, с. 234].

Моҳи январи соли 2025 дар сомонаи «CNN Travel», ки бахши сайёҳии телевизиони байналхалқии CNN аст, бо истифода аз маводди Маркази маданияти исломии Ӯзбекистон дар назди Девони вазирони Ӯзбекистон якчанд мавод нашр гардид, ки дар он асолати миллии донишмандони классики форсу тоҷикро ба дигар миллат рабт доданд. Аз он ки Ибни Синоро падари тибби олам телевизиони CNN номид, ягон ғалате нест, аммо муаррифии зерини ин шабакаи бонуфуз комилан таҳрифи таърих аст: «Дар олами илму тиб номи олими ӯзбек Ибни Сино чун ситораи раҳнамо, илҳомбахши наслҳои олимону табибон дурахшон аст» [547]. Ин амали CNN норозигии тоҷиконро дар Тоҷикистон ва берун аз он ба вуҷуд овард. Олимон, журналистон, табибон, афроди шинохтаи ҷомеа дар расонаҳои миллӣ ин амалро маҳкум намуданд, инчунин онҳо ва ҳатто одамони одӣ тавассути расонаҳо, Ютубканалҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ мавқеи худро дар ин хусус баён намуданд. Махсусан Ибни Синоро ӯзбек муаррифӣ намудани CNN баҳси ҳанӯз замони Шуравӣ хомӯшшударо аз нав эҳё намуд. Дар баробари назари олимон ва шахсиятҳои машҳури замон атрофи ӯзбек ё тоҷик будани Ибни Сино, мақолаҳои дар замони Шуравӣ интишоршуда ва назари олимони хориҷӣ ва ӯзбек дар хусуси тоҷик будани Ибни Сино дубора бознашр гардиданд. Нашри маводди CNN боиси ба вуҷуд омадани мубоҳисаҳо дар фазои маҷозӣ гардид. Дар рӯзҳои нахустини мубоҳисаҳо муҳаққиқон Абдунабӣ

Сатторзода, Субҳон Аъзамзод, Рустам Ваҳҳоб, Сайфулло Муллоҷонов ва баъдан дигар муҳаққиқон далелҳои муътамад пешниҳод намуданд. Муҳаққиқ Субҳон Аъзамзод дар баробари ибрози андешаҳояш тавассути ВАО ва фейсбук, боз мақолаҳои журналистон, назари дигарон дар хусуси бузургони тоҷик ва мақолаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷиро дар саҳифаи фейсбукии худ доимо ҷой медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки ба эҳтироми Ибни Сино дар Тоҷикистон ноҳия, донишгоҳ ва ҷоизаи давлатӣ дар соҳаи илм ва техника таъсис дода шудааст. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари худ «Чеҳраҳои мондагор» хидматҳои Абуалӣ ибни Синоро таҳлил намуда, чунин таъкид менамояд: «Ибни Сино парчамбардори бедории афкори миллӣ ва бунёдгузори пойдевори илми ҳазорсолаи мост» [99, с. 239].

Бахтовар Шарифӣ корманди радиои «Овози тоҷик» дар мавриди амали CNN бо пажуҳишгар Яъқуби Ясно мусоҳиба намуда, бо саволҳои зерин ба ӯ мурочиат кард: «Чаро ҷавҳари таърих таҳриф мешавад ва ин навбат фаротар аз марзи минтақа ва дар як расонаи ҷаҳонӣ. Паёму паёмади чунин афкорсозӣ ба кадом авомил рабт дорад? Чаро баъзеҳо далелҳои таърихиро нодида мегиранд? Далели интишори чунин матолиб тавассути як расонаи муътабари амрикоӣ чист?» [449]. Пажуҳишгар Яъқуби Ясно бо ҷавобҳои саҳеҳ далели ин амали расонаи амрикоиро шарҳ дод.

Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён дар нишасти матбуотӣ гузориши CNN-ро таҳрифи далелҳо унвон карда, онро «изҳороти расмии давлати ҳамсоя нест ва худи мавод таҳрифи воқеият аст» [430] баён намуда бошад ҳам, аммо баъзе афрод ва баъзе аз мақомоти ҳамсоякишвар онро ҷонибдорӣ менамоянд. Масалан, дар сомона ва «саҳифаи фейсбукии сафоратхонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Миср» [462] маводди CNN бознашр гаштааст.

Пас аз вокунишҳо ба маводди CNN дар Тоҷикистон сару садоҳо дар Ӯзбекистон ҳам боло шуд. Сомонаи ««The Times of Central Asia»», ки худро нахустин нашрияи минтақавии англисзабон дар Осиёи Марказӣ эълон

намудааст, дар ин хусус маводди «Гузориши CNN дар бораи Ибни Сино баҳси миллатҳои Осиёи Марказиро барангехт»-ро нашр намудааст. Аз ҷумла, дар мавод оварда шудааст, ки дар Ӯзбекистон вокуниш ба ин баҳс гуногун буд. Шерзодхон Қудратхӯҷа, ректори Донишгоҳи рӯзноманигорӣ ва коммуникатсияи оммавӣ, таърихи муштараки Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро эътироф карда, хостори эътидол гардид: «Дар ҳоле ки Осиёи Марказӣ ваҳдати худро мустаҳкам мекунад, ҳамаи мо бояд ба чунин масъалаҳо бодиққат муносибат кунем» [535]. Инчунин ӯ таъкид намудааст, ки Ибни Сино маъмулан ҳамчун донишманди зодаи Бухоро, минтақае, ки ҳоло дар марзи Ӯзбекистон аст, тавсиф мешавад, аммо пешниҳод кард, ки ӯро ҳамчун як шахсияти намояндагӣ аз тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ баррасӣ кунанд.

Дар маводди мазкур назари Азамат Зиёев, директори Пажуҳишгоҳи таърихи Академияи илмҳои Ӯзбекистон низ ҷой дода шуд. Ӯ ҳарчанд дар хусуси ваҳдати минтақа сухан ронда бошад ҳам, вале даъво менамояд, ки дар бораи миллати бисёре аз шахсиятҳои таърихии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ибни Сино далели хаттӣ мавҷуд нест. Ба назари ӯ «муҳим он аст, ки саҳми онҳо дар илму башарият аст, на миллаташон» [535]. Агар миллат муҳим набуда, ваҳдати минтақа дар мадди аввал мебуд, вақте ки Маркази маданияти исломии Ӯзбекистон тариқи расонаҳои ҷаҳонӣ миллати Ибни Сино ва алломаҳои тоҷикро ӯзбек муаррифӣ намуд, бояд вокуниш нишон медод.

Садоқат Ҷалолова муаллифи маводди мазкур боз назари якчанд нафари дигар аз Ӯзбекистонро оварда, дар ин мавзуъ назари олимони тоҷик ва ё хориҷиро ҷой надодааст. Дар мавод масъала яктарафа баҳогузорӣ шуда, принсипи бетарафии журналистикаи байналхалқӣ риоя нагардидааст, инчунин «воқеънигорӣ» [310, с. 325], сареҳияти ахбор ва принсипи беғаразиро нигоҳ надоштааст. Ҳарчанд сомонаи «The Times of Central Asia» худро муаррифгари ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, масоили иҷтимоӣ ва равобити хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дорандаи шабакаи хабарнигорон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ эълон намудааст, хабарнигорони тоҷикистонии худро барои таҳияи маводди мазкур ҷалб накардааст ва маълум нест, киҳоянд хабарнигорони

тоҷикистонии он. Аз ҳайати 30 нафараи ин нашрия танҳо 9 нафар ном ва насаби осиёимиёнагӣ доранд ва аз миёни 9 нафари мазкур портрети 3 нафар - Алия Ҳайдар, Евгений Раҳимҷонов ва Вагит Исмаилов [539] дар сомона ҷой дода нашудааст. Ҳайати боқимондаи нашрияро амрикоиву аврупоиён ва як турк ташкил медиҳанд.

Нашрияи ««The Times of Central Asia»» бинобар маълумоти сомонаи мазкур «соли 1999 дар Бишкек аз ҷониби Ҷорҷио Фиаккони таъсис ёфтааст, ки 15 сол ба ҳайси нахустин консули фахрии Итолиё дар Қирғизистон фаъолият дошт» [524]. Дар атрофи нашрияи мазкур ва фаъолияти он саволҳое ба миён омад: Чаро нашрия дар Бишкек таъсис ёфтааст, вале нишонии қароргоҳи он шаҳри Ню-Йорки ИМА нишон дода шудааст? Чаро аксари ҳайати эҷодии онро хориҷиён ташкил медиҳанд? Барои чӣ муаллифони маҳаллӣ аксаран турктабор ҳастанд? Оё ин нашрия ҷузъе аз лоиҳаҳои тарғиботии ИМА дар муқобил ба тоҷикон аст? Новобаста ба он ки ба кӣ ё кадом сохтор мансуб ҳастанд, маълум мегардад, ки фаъолияти онҳо ба нафъи тоҷикон нест.

Дар робита ба баҳси Ибни Сино бояд қайд намуд, ки дар Фаронса «Боғи ӯзбекӣ» ва муҷассамаи Абуалӣ ибни Синоро 22 апрели соли 2019 дар ҷараёни сафари Президенти Ӯзбекистон Шавқат Мирзиёев боз намуда буданд ва он замон ба масъалаи миллати Ибни Сино дахл накарданд. Ин нукта аз лавҳаи дар пояи муҷассама насбгардида маълум мегардад: «Олим, энсиклопедист, табиб, файласуф Абуалӣ ибни Сино (980-1037) дар Бухоро таваллуд шудааст. Аз Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон, апрел 2019 сол» [503].

Ҳарчанд сомонаи «Sputnik Тоҷикистон», ки бахше аз расонаи байналхалқии Русия «Sputnik» аст, аз баҳси ӯзбек номидани шахсиятҳои маъруфи илмӣ, аз ҷумла Абуалӣ Ибни Сино, Аҳмади Фарғонӣ, Муҳаммад Хоразмӣ ва Абурайҳони Берунӣ маводди «Ибни Сино аз кист?: Вокуниши вазорати фарҳанг ба шабакаи телевизионии CNN» нашр карда бошад ҳам, дар мавод тоҷик ё ӯзбек будани ин шахсиятҳои машҳурро ишора накардааст, зеро намехоҳанд ин мавқеъгириашон боиси малоли хотири ҷонибе гардад: «Ҳамин тариқ, дар достони CNN як зумра олимони барҷастаи Шарқи асримиёнагӣ, аз ҷумла табиби маъруф Ибни Сино ва

ситорашинос А. Берунӣ ҳамчун олимони ӯзбек ном бурда мешаванд» [425]. Ба қавли муҳаққиқ Ҷовид Муқим як рӯйдодро дар як вақт қариб ҳамаи расонаҳои иттилоотии бузурги олам хабар медиҳанд, вале тафсири он рӯйдод аз ҳар яки ин расонаҳо гуногун хоҳад буд: «Ҳар яке аз дидгоҳи худ ва пеш аз ҳама вобаста ба сиёсати давлати худ ба ин ҳодиса баҳо хоҳад дод» [73, с. 5].

Дар қисми болои маводди ба Ӯзбекистон бахшидашуда CNN ба муаллифи силсиламавод чунин ишора намудааст: «Ⓘ content by CISC» – яъне Маркази маданияти исломии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (СМ). Вақте ба аломати Ⓘ наздик овардани тирчаи мушаки компютер навиштае пайдо мешавад, ки мазмуни он чунин аст: «Контент аз ҷониби рекламадиҳанда маблағгузорӣ гардида, бренд-студияи контентии ширкати мо омода намудааст. Хабарнигорон ва ҳайати шахсии CNN дар таҳияи он иштирок накардаанд» [547].

Амали CNN дар атрофи олимони тоҷик амали тасодуфӣ ва онро сирф амали тиҷоратӣ шуморидан чандон дуруст нест. Ҳарчанд онҳо саҳеҳияти маводро ба дӯши фармоишгар бо ишораҳои мазкур ҳавола намоянд ҳам, нашри чунин мавод худ нишони ҳамрайъӣ ва ҷонибдорӣ аз мавқеи зидди форсу тоҷикӣ мебошад. Дар ин маврид назари зерини муҳаққиқ Д.В. Неренс мувофиқ аст: «Дар ВАО-и амрикоӣ фирори барқасдона аз таърих ҷой дорад» [339]. Бояд қайд намуд, ки чунин амал дар шабакаи телевизионии CNN маротибаи аввал нест. Пешниҳоди иваз намудани номи Халиҷи Форс ба Халиҷи Араб борҳо аз тариқи CNN, «Нешнал ҷеографик» ва дигар расонаҳои ИМА садо додааст. Муҳаққиқ Н.Л. Феднева шабакаи телевизионии Алҷазираро нусхаи арабии CNN-и амрикоӣ медонад. Зеро дар миёнаҳои солҳои 90-уми асри гузашта нуфузи ин шабака дар олам коҳиш ёфта, муқобилият ба тарғиботи амрикоӣ бештар гардид. «Роҳбарияти шабакаро лозим омад, ки сиёсати иттилоотиро тағйир диҳанд, шабакаҳоро вобаста ба маҳалли пахш дигаргун намуда, журналистони намояндаи миллатҳои гуногунро ба кор ҷалб намоянд» [376].

Муҳаққиқи рус Е.А. Ларионов дар таҳқиқоти худ оид ба нақши расонаҳои хабарӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ муайян кардааст, ки CNN ҳарчанд муассисаи ғайридавлатӣ ба шумор равад ҳам, «ба тасвир ва тафсири мушаххаси

рӯйдод мусоидат менамояд, ки ба мавқеи ҳукумати ИМА мувофиқат мекунад» [190, с. 9]. CNN аз ибтидо ҳамчун телевизиони ахборӣ арзи ҳастӣ намуд ва дар он ба фаврияти иттилоот назар ба воқеият бештар аҳаммият медоданд. Ба таври фаврӣ аз ҷойи ҳодиса ва майдонҳои ҷанг навор пахш намудан ба принсипи кории ин шабака табдилёфта, таваҷҷуҳи миллионҳо нафарро натанҳо дар ИМА, балки берун аз онро ҷалб кард. CNN ба як шабакаи телевизионии ҷаҳонӣ табдил ёфт ва ахбори он на танҳо ба аудиторияи бузурги ҷаҳонӣ таъсирбахш гардид, балки ба доираҳои ҳукмрон ва нухбагони кишварҳо дар қабули қарор таъсиргузор шуд. Ин қобилияти таъсир расонидан ба қабули қарорҳои сиёсӣ бо воситаи иттилоот ба худ номи «эффекти CNN» [229] гирифтааст. Бояд қайд намуд, ки ин мафҳум соли 1991 пас аз ҷанги Халиҷи Форс пайдо шуда буд. «Он замон шабакаи телевизионии CNN воситаи иртибот миёни Ҳукуматҳои ИМА ва Ироқ гардида буд ва таъсирнокии намоиши ҷанги воқеӣ ба ҷомеаи байналмилалӣ хеле бузург буд» [89, с. 124].

Ба андешаи Т.Мейсан таҳриф ва баъзан иттилооти бардурӯғ аз ҷониби CNN нашр мегардад. Ба унвони мисол ӯ воқеаи соли 1990 ёдовар шудааст, ки котиби давлатии ҳамонвақтаи ИМА Ҷеймс Бейкер ҷомеаро ба зарурати ҷанг дар Ироқ бовар кунонд. «Дар он вақт Агентии робита бо ҷомеаи «Hill & Knowlton» овоза паҳн кард, ки гӯё сарбозони ироқӣ аз таваллудхонаи Кувайт инкубаторҳо барои тифлони норасидро дуздиданд ва дар натиҷа 300 кӯдак ҳалок шуданд» [283]. Овозаи мазкурро созмони «Авфи байналмилал» бо гузориш тасдиқ кард. Пас аз ин CNN ҷараёни бозпурсиҳо дар Конгресси ИМА-ро дар пахши мустақим пешниҳоди ҷаҳон намуд. Як ҳамшираи шафқати ҷавон гиряолуд дар хусуси ин ҷиноят шоҳидӣ дод. Баъд аз ҷанг маълум шуд, ки ҳама иттиҳомот нисбати сарбозони ироқӣ дурӯғ буда, шоҳид духтари як дипломати кувайтӣ будаст. Дар натиҷа як дурӯғи агентӣ ба маъмурияти Буш имкон дод, ки ба шарофати «эффектҳои CNN» на танҳо порлумонро, балки ҷомеаи ҷаҳониро низ фиреб диҳад. Дар фаъолияти CNN чунин ҳолат кам нест. Масалан, рӯзи 11 сентябри соли 2001 шабакаи мазкур чандин иттилооти нодуруст ва носанҷидаро дар робита ба амали террористӣ нашр намуд. Аз ҷумла, соати 10-и субҳ CNN

гузориш медиҳад, ки натиҷаи ду таркиш дар Пентагон 7 нафар ҳалок шудааст. Пас аз як соат ин шабака хабар медиҳад, ки ҳавопаймои рабудашуда ба сӯйи Пентагон парвоз мекунад. Тақрибан нисфирӯзӣ ин шабака хабар медиҳад, ки ба гуфтаи Виктория Кларк, як ҳавопаймо ба бинои Пентагон бархӯрдааст. «Шабакаҳои саросари ҷаҳон бехабар аз номутобиқатии хронология гузоришҳои CNN-ро дақиқа ба дақиқа дубора пахш мекунанд» [283]». Бинобар сабаби расонаи машҳур будани CNN боварии одамон дар саросари олам хеле бузург аст ва барои ба даст овардани чунин эътимоди аудитория телевизиони мазкур аввал иттилооти дуруст ва воқеиро нашр намуда, дар вазъияти барои ИМА зарурӣ ба таҳрифи иттилоот роҳ додааст. Ба назари муҳаққиқ Г.Ж. Ибраева: «масъулияти ахлоқӣ нисбати гузоришгарони ҳарбӣ хеле бузург аст» [47, с. 115]. Бояд ёдовар шуд, ки дар сарнагун кардани ҳукумати Либия ва қатли Муамар Қаззофӣ низ коршиносон CNN ва Алҷазираро ҳамдаст медонанд, зеро дар асоси гузоришҳои шабакаҳои мазкур ИМА ва иттифоқчиёнаш ба амалиёти ҳарбӣ дар ин кишвар оғоз намуда буданд. Ба андешаи муҳаққиқ Л.В. Мрочко «таваҷҷуҳи аудитория аввалан ба сарчашма ва баъдан ба худи ахбор равона мегардад» [70, с. 149]. Аз ин ҷо бармеояд, ки имиҷи расона дар қабули иттилоот аз тарафи аудитория нақши бузург дорад ва шуҳратмандии CNN имкон медиҳад, ки дар маъракаҳои иттилоотии тарҳрезишуда фаъолона ширкат намояд.

Вобаста ба қазияи таҳрифи таърих тавассути шабакаи CNN ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар ҷумҳурии ҳамсоя ба мо – Ӯзбекистон қувваҳои манфиатдори ӯзбек тарошидани олимони тоҷик даҳсолаҳо боз вуҷуд доранд. Масалан, «13 декабри соли 2024 дар Маркази маданияти исломии Ӯзбекистон дар назди Девони вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон мизи мудаввар дар бобати офариниши симои ягонаи алломаҳои бузург баргузор гардид» [406]. Қайд гардид, ки 100 чеҳраи муваффақи гузаштаи ин сарзаминро ба насли имрӯза ва ҷаҳониён муаррифӣ намуда, дар баланд бурдани имиҷи миллат ва давлати худ, тарбияи насли нав дар пайравӣ ба бузургон, саҳмгузор бошанд. Киҳо ба садгонаи бузургони онҳо шомил мешавад, ягон рӯйхате дар сомона ҷой дода нашудааст. Вале аз оне ки пас аз он мизи гирд шабакаи телевизионии CNN олимон Абуалӣ

ибни Сино, Ал-Хоразмӣ ва Ал-Фарғониро ҳамчун намояндаи миллати ӯзбек муаррифӣ намуд, метавон тахмин намуд, ки ин амал натиҷаи ҳамон барномаи Маркази маданияти исломӣ буда метавонад. Ҳайати маркази мазкур бо роҳбарии Фирдавс Абдухолиқов зимни сафар ба Британияи Кабир бо масъулони бахши тиҷоратии BBC Фред Дурман ва Тамара Уоллш 1-уми декабри соли 2024 мулоқот намуда, онҳоро «дар таҳияи филм ва наворҳо дар бораи зиндагиномаи алломаҳои зодаи Ӯзбекистон» [505] ба ҳамкорӣ даъват карданд. Бояд қайд кард, ки ниҳодҳои Ӯзбекистон бо телевизиони «Евронюс» низ ҳамкорӣ доранд ва санаи 13 ноябри соли 2024 сомонаи Маркази маданияти исломии Ӯзбекистон хабар дод, ки «ба наздикӣ силсилаи наворҳои махсуси муаррифгари дастовардҳои кишвар ва аҷдододони бузурги халқи ӯзбек ва мероси гаронбаҳои онҳо» [504] аз тариқи шабакаи «Евронюс» нашр мегардад.

Дар хусуси ҳамкориҳои шабакаи CNN бо мақомоти амрикоӣ борҳо муҳаққиқон ва рақибони он ибрози назар намуданд. Масалан, замони Ҳукумати президент Клинтон дурудароз инъикос намудани авзои Югославияро барномаи муштараки маъмурияти Клинтон ва таҳлилгарони CNN барои дур кардани таваҷҷуҳи мардум аз «парвандаи ҷанҷолии Моника Ливински» [376] тахмин мекарданд.

Шубҳае ба миён меояд, ки шояд CNN дар қазияи таҳрифи миллати Ибни Сино метавонад, яке аз ҷонибҳои навбатии барангезандаи низоъ миёни миллати тоҷик ва ӯзбек бошад, зеро ҳамгироӣ ва равобити хуби кишварҳои Осиёи Миёна ба манфиати бархе давлатҳо нест. Дигар ин, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз такягоҳҳои Русия ба шумор мераванд, ки дар замони низоъи мусаллаҳона бо Украина манбаи ашёи стратегӣ, яъне пахта мебошанд. Ҷониби Русия борҳо ҳушдор дода буд, ки рақибони ӯ мехоҳанд дар Осиёи Марказӣ нооромиҳоро барпо намуда, бо ин амал ба ҳама зарари бузург расонанд. Сиёсати тафриқангезона ва тоҷикбадбинии Шуравӣ, ки боиси табартақсими Осиёи Марказӣ гардида буд, имрӯз заминае барои барангехтани фитна ва ранҷиш миёни миллатҳои минтақа гаштааст. Аз ин рӯ, масъулон, олимон, рӯзноманигорон ва сокинони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ба

чунин дасисаҳои бегонагон фиреfта нагарданд ва пайи мустаҳкам намудани дӯстӣ ва ҳамкориҳои нав бошанд. Намояндаи миллати тоҷик будани аксари бузургони Осиёи Марказиро муаррихон ва олимони воқеънигори на танҳо тоҷик, балки бархе аз олимони ӯзбек ва ҷаҳон кайҳо муайян намудаанд, дигар ҳоҷат ба баҳсе нест. Замони пайдоиши миллати ӯзбек ба асри XV рост меояд ва даъвои онҳо барои алломаҳои то асри XV комилан ғайримантиқӣ аст, вале агар ҳадаф аз ин баҳсҳо ва даъвоҳо тарбияи насли нав дар пайравӣ аз Абуалӣ ибни Сино ва дигар бузургон бошад, пас ҳеҷ зарурати тағйир додани миллати бузургон вуҷуд надорад, зеро осори илмии онҳо ба ҳама дастрас буда, тоҷикон дар омӯзиши осори ин бузургон ба дигар миллатҳо ҳеҷ монеае нагузоштааст.

Имрӯз замоне расидааст, ки манфиатҳои миллӣ, таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллиамонро бо роҳҳои дипломатӣ низ дар саросари ҷаҳон ҳифз намоем. Тоҷикистон ба созмони ЮНЕСКО бояд масъалаи қабули санади байналмилалиеро пешниҳод намояд, ки дар асоси он комиссияи вижаи ин созмон баҳсҳои илмӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои миллии халқу миллатҳоро баррасӣ намуда, ҳақро ба ҳақдор расонад.

Дар баробари ВАО-и байналхалқӣ ҳоло шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо, сомонаҳои интернетӣ ва Ютубканалҳо дар фазои иттилоотии глобалӣ хеле фаъол буда, то як андоза рақиби ВАО-и ҷаҳонӣ гардидаанд. Маълум гардид, ки масъалаҳои миллӣ дар фазои маҷозӣ хеле зиёд баррасӣ мегарданд. Муаллифони чунин контентро нафарони оддӣ, шахсиятҳои машҳури олам ва ё кишваре, созмонҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва ё давлатӣ, идораи ВАО-и миллӣ, ВАО-и байналхалқӣ, инчунин ҷонибҳои номаълум ташкил медиҳанд. Баҳси бузургони намояндаи миллатҳои Осиёи Марказӣ дар Ютуб хеле густурда идома дорад, ки офарандагони чунин контентҳо аз нафарони одӣ сар карда то расонаҳои миллӣ ва байналхалқиро ташкил медиҳанд. Ютубканали Телевизионии ҷамъиятии Русия–ОТР силсилаи мавод доир ба ҳаёт ва фаъолияти Ибни Сино, Умари Хайём ва дигар бузургони форсу тоҷикро намоиш дод. Зиндагиноми Ибни Сино ҳанӯз 5 моҳ пеш аз маводди CNN ба канал гузошта шудааст. Дар он Ибни Синоро ҳамчун олим ва файласуфи араб муаррифӣ намуданд, вале тоҷик буданашро гӯё

«фаромӯш кардаанд». Муаррихи рус Михаил Смолин дар барномаи «Место встречи» шабакаи НТВ 22 январи соли 2025 иброз дошт, ки «пеш аз ташкилшавии СССР миллати қазоқ ва ӯзбек вуҷуд надошт ва Ҳукумати Шуравӣ аз ҳисоби қавмҳои алоҳида ин миллатҳоро офарид» [502]. Ин суханҳо норозигиро дар Қазоқистон ва Ӯзбекистон бавуҷуд овард ва ҳатто сухангӯйи Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия Захароваро лозим омад, ки суханҳои Смолин мавқеи шахсии олим буданро шарҳ диҳад. Аз таҳқиқ маълум гардид, ки чунин мавод нисбати миллатҳои сокини Осиёи Марказӣ солҳои охир бештар гардидааст ва ин баёнгари он аст, ки бозингарони рақобатҳои геополитикӣ бо тафриқаандозӣ миёни миллатҳои минтақа мехоҳанд, мавқеи худро мустаҳкам намоянд.

15 ноябри соли 2024 ба Қонун «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» [429] тағйирот ворид карда шуд, ки тибқи он акнун шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандие, ки ба истиқлоли давлатӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти ин кишвар таҳдид мекунанд, инчунин боиси бадбинии байнимиллатҳо, низои мазҳабӣ ё бадном кардани шаъну шарафи халқи Ӯзбекистон, амалҳои ошкоро даъват ё содир намудани чунин кирдорҳо мебошанд, будубоши онҳо дар Ӯзбекистон номақбул дониста мешавад. Чунин ашхос аз Ӯзбекистон ронда шуда, вуруди онҳо ба муддати 5 сол манъ карда мешавад. Пас моро низ зарур аст, ки чунин муқарраротро дар санади дахлдори худ қабул намоем. Хабарнигори тоҷик Шервони Умриддинро барои филм дар хусуси нақшаи тахрибсозии хона – музейи устод Садриддин Айнӣ дар шаҳри Самарқанд, вазъи мактабҳои тоҷикӣ ва забони тоҷикӣ дар Ӯзбекистон «5 сол аз ҳаққи вуруд ба Ӯзбекистон маҳрум кардаанд» [507], ки амали ӯ назар ба барангезандагони фитнаҳои миллӣ ва «дуздони бузургони тоҷик» андак аст.

Масъалаи ҷанги иттилоотӣ ва хатарҳои мавҷудаи он ба миллати тоҷик ва минтақаро Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон ҳанӯз дар суханронии худ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик соли 2012 таъкид намуда буданд, ки ба вазъияти имрӯза низ дахл дорад: «Дар шароити ҷаҳонишавӣ барои пешбурди

манфиатҳои худ ва паст задани манфиати дигарон давлатҳо, ҳизбу созмонҳо ва гурӯҳҳои алоҳида ба муқобили ҳамдигар муборизаи иттилоотиро торафт вусъат медиҳанд. Дар ин росто солҳои охир дар сомонаҳои гуногуни интернет бар зидди кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Тоҷикистон як маъракаи огоҳона ва муғризона идома дорад» [484].

Ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва бузургони миллат амали зарурӣ аст, вале ба мисли «хасдуд» зуд шуълавар гашта, хомӯш истодан дуруст нест. Ба андешаи шоир ва рӯзноманигор Азиз Сангин: «CNN ҳамон дасти корозмуда ва заминасозест, ки нахустин донаҳои заҳрогини ихтилофоту душманиҳоро ба ҷуғрофиёи даргириҳои минбаъдаи мавриди ниёзи Ғарб пош медиҳад» [397]. Бояд қайд намуд, ки аксари навиштаҳо ва назарҳои мо дар интернет бо забони тоҷикӣ буда, танҳо хонандаи ватанӣ аз он огоҳ мешаванд. Андешаи муҳаққиқон Ш.Б. Муллоев ва И.Г. Божко «ВАО ҳамчун василаи асосии татбиқи сиёсати иттилоотӣ» [327]-ро мо низ ҷонибдорӣ менамоем ва зарур мушуморем, ки расонаҳои ватанӣ ба масъалаи мазкур бештар таваҷҷуҳ намоянд. Бо забонҳои русӣ ва англисӣ низ доир ба ин масъала мавод нисбат ба солҳои пеш бештар гардид, вале ҳамоно ин камтаъсир аст. Чунки аудиторияи саҳифаҳо ва каналҳои тоҷикони ватандӯст дар саросари олам кам буда, ба андозаи аудиторияи CNN нест. Аз ин рӯ, дар ин гуна маъракаҳо аз хидмати блогерони тоҷик, эронӣ ва афғонистонӣ, ки аудиторияи зиёд доранд ва бо шахсиятҳои шинохтаи ҷаҳон ошно ҳастанд, истифода намудан ва бо блогерони машҳури ҷаҳонӣ ҳамкориро ба роҳ мондан ба манфиат аст. Ҳамчунин дар сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳо шарҳҳои дуруст ва илман асоснокро ҷой дода, ба муқобили маъракаҳои иттилоотӣ ва ё ахбори нодуруст вокуниш намудан ҳам саҳмгузорӣ дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ мебошад, ки онро бояд ҷомеаи мо ҷонибдорӣ намояд.

4.2. Набардҳои иттилоотӣ дар журналистикаи байналхалқӣ

Таърихи инсониятро таърихи ҷангҳо низ меноманд ва чунини руҳия дар тамоми соҳаҳои ҳаёт асрҳо таъсири худро гузоштааст. Аз он ҷумла, дар адабиёт, таърих, иқтисод, сиёсат, фарҳанг ва иҷтимоиёти халқҳои ҷаҳон нишоне аз ҷангҳо

ҷой дорад. Бо пайдоиши матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма ҷангҳо хусусияти худро дигар намуданд. Истифода гардидани ВАО барои бурдани тарғибот на танҳо дар замони ҷангҳо, балки дар замони осоишта ба муқобили давлатҳои рақиб боиси пайдоиши намуди нави ҷанг – ҷанги иттилоотӣ гардид. «Ҷанги иттилоотӣ ин таъсиррасонии нақшавӣ ба тамоми системаи иттилоотиву иртиботии душман ё рақиб ва давлатҳои бетараф ба мақсади ташаккул додани фазои мусоиди ҷаҳонии иттилоотӣ барои гузаронидани амалиётҳои сиёсӣ мебошад, ки назорати аксари ин фазоро таъмин менамояд» [312, с. 30]. Агар қаблан ҷанги иттилоотиро бештар кишварҳои абарқудрат истифода мекарданд, ҳоло тамоми кишварҳо ба андозаи васеъ ё маҳдуд ҷанги иттилоотӣ мебаранд. Ҷанги иттилоотӣ ба андозаи васеъ маънои онро дорад, ки кишваре ошкоро ба муқобили кишвари дигар муборизаи иттилоотӣ мебарад. Ҷанги иттилоотӣ ба андозаи маҳдуд ба он маъност, ки кишвар бо ягон кишвари дигар зиддияти шадид надорад, вале ба муқобили тарғиботи бегонагон ва ҳимояи имиҷи кишвар дар ҳолати зарурӣ садо баланд менамояд ва ҳамзамон ба таври ноаён ва ё пинҳонӣ ҷангҳоии иттилоотиро роҳандозӣ менамоянд. Силоҳи асосӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ сухан аст ва чунин ҷангҳо тавассути ВАО амалӣ карда мешавад, зеро маҳз ВАО қудрати таъсиррасонӣ ба тафаккур ва тағйирёбии шуури ҷомеаро дорад. Одамон дар зери таъсири тарғиботи ВАО қарор мегиранд. Аз ин ҷост, ки «ҷомеаи Ғарб ба ҳар чизе, ки тарғиботи расмӣ ва расонаҳои «мустақил» мегӯянд, бовар мекунад» [227]. Ҳарчанд ҳангоми бозтоби ҳодисаҳои доғи байналхалқӣ ВАО-и кишварҳои Ғарбӣ хеле кам воқеиятро ошкор месозанд.

Ҷангҳои иттилоотӣ ҳанӯз қабл аз ҷангҳои воқеӣ оғоз мегарданд ва давлатҳои абарқудрат аз ин усул бештар кор мегиранд. ИМА аз ин усули ғасби кишварҳо васеъ истифода менамояд. Аз он ҷумла, «пеш аз ғасби Афғонистон дар соли 2001 Радиои «Садои Амрико» ҳаҷми барномаҳояшро ба забони дарӣ ва пашту афзоиш дод» [72, с. 24]. Инчунин радиои «Озодӣ» низ барои Афғонистон ба пахши гуфторҳо шуруъ кард.

Давлатҳои абарқудрат дар баробари иқтисод ва сиёсати кишварҳо ба фарҳанг ва маънавиёти дигар миллатҳо таъсир расонда, ҷомеаҳоро манипулятсия

намуда, роҳи худро барои тобеъгардонии кишварҳо ҳамвор менамоянд. Масалан, дар охири моҳи март ва аввали моҳи апрели соли 2007 дар ВАО-и ҷаҳон паём дар хусуси ҳуҷуми эҳтимолии ИМА ба Эрон нашр гардид, ки он мебоист рӯзи шашуми апрел анҷом дода мешуд. Он амалиёти ИМА Неш - 6 ном дошт, вале амалӣ нагашт. Ба он далел ин ҳуҷум иттифоқ наафтод, ки на танҳо дар Эрон, балки сокинони чандин кишварҳо муқобили ин мақсади ИМА садо баланд намуданд. Ҳатто эрониёни муқими ИМА новобаста ба он ки аз ҳукумати Эрон хушбин набуданд, ба дифоъ аз сарзамини аҷдодии худ садо баланд карда, дар кӯчаҳо эътироз намуданд.

ИМА аз ин амали худ сабақ гирифта, стратегияи муқобилият бо Эронро иваз намуда, фаъолияти эроншиносони худро тақвият дод ва ба таҳқиқи ҷойгоҳи «Шоҳнома» дар ҳаёти эрониён ва дигар паҳлуҳои ҳаёти онҳо таваҷҷуҳ намуд. Ҳамзамон теъдод ва навъҳои ВАО-и байналхалқӣ барои форсизабононро бештар намуда, тарғиботро густариш дод, эҳсоси бадбинии баъзе аз сокинони Эрон ва эрониёни Амрикоро нисбат ба ҳокимони Эрон ба вуҷуд овард ва эҳсоси ватандӯстиро дар зеҳни аудиторияи расонаҳои форсии худ коҳиш дод. ИМА инчунин тактикаи ҳамлаи худ ба Эронро иваз намуда, сабабгори ҷанги дувоздаҳрӯзаи Исроил ва Эрон гардид, ки аз 13 июни соли 2025 то 24 июн идома ёфт. Расонаҳои тарғиботии ИМА ба амалишавии ҳадафҳои он мусоидат намуданд, зеро акнун эътирозҳои эрониёни Амрико ба мисли соли 2007 кам ба назар мерасад ва хабарҳо дар хусуси норозигии иддае аз ҷомеаи эронӣ ба сиёсати ҳукумати Эрон дар расонаҳо паҳн мегардад. Писари шоҳи сарнагуншудаи Эрон дар сафи пеши эътирозгарони зидди ҳукумати Эрон қарор гирифта, аз Исроил ва ИМА тарафдорӣ намуд. Ҳадаф аз баёни ин нукот ҷонибдорӣ аз сиёсати ягон кишвар нест, балки амалан истифодаи ВАО-и байналхалқӣ дар муборизаҳои иттилоотӣ ва натиҷаи онро маълум намудем.

Аз ин бармеояд, ки масъалаи бақои кишварҳо ва миллатҳо дар баробари тавонмандиҳо ба доштани расонаҳои пуриқтидор ва амнияти фазои иттилоотӣ низ вобаста аст, чунки дар ҷаҳони пурихтилоф, воситаҳои ахбори оммаи байналхалқӣ ва интернет ҳамчун воситаҳои тавонои амалисозии ҳадафҳои

геополитикӣ ба таври густурда истифода гардида, дар чунин ҷангҳои иттилоотӣ ҳамон кишвар ва миллате бегазанд мемонад, ки тавоноии ҳимояи фазои иттилооти худ ва арзишҳои миллиашро дорад ва дар ин масир масъалаи таъсис ва рушди ВАО-и ватанӣ, бахусус расонаҳои байналхалқии худӣ масъалаи муҳим ба шумор меравад.

Мусаллам аст, ки расонаҳои байналхалқӣ дар иттилоърасонӣ ва баррасии авзои олам нақши бузург доранд. Миллионҳо нафар маҳз тавассути ахбори расонаҳо аз авзои олам бохабар гашта, дар заминаи маводди таҳлилии расонаҳои байналхалқӣ афкори онҳо шакл мегирад. Шинохти миллату қавмҳо, муаррифи кишварҳо ва ҳукуматҳо, навигариҳои иқтисод, сиёсат, фарҳанг, варзиш, ҳарбӣ, дипломатӣ, иҷтимоӣ, тиҷорати байналхалқӣ ва баррасии вазъи муосири олам дар меҳвари фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ қарор дорад. Профессор И.К. Усмонов ба ин назар аст, ки «ҷамъ овардани ахбори дунё барои он даркор аст, ки аз як тараф таваҷҷуҳро ҷалб кунад, аз тарафи дигар, ахборро ба диди худ мувофиқ намояд» [128, с. 317].

Инъикоси низоъҳои яроқнок ба яке аз мавзуъҳои доимии ВАО мубаддал гардидааст ва ин барои журналистони байналхалқӣ ба самти асосии фаъолияташон мебошад, зеро теъдоди чунин моҷароҳо торафт бештар ва печида гардидааст. Санаи 25 августи соли 2025 қувваҳои ҳарбии Исроил ба шифохонаи Носир дар шаҳри Хон Юнуси Навори Ғазза ҳамла намуданд ва 20 нафар кушта шуданд, дар миёни онҳо панҷ хабарнигор низ буд. «Тақрибан 50 нафари дигар маҷрӯҳ шуданд, аз ҷумла беморони вазнин, ки таҳти табобат қарор доранд» [428]. Ҳодисаи мазкур ба панҷ воқеияти хеле гуногуни телевизионҳои байналхалқӣ табдил ёфт. Аз ҷумла, Би-би-си кӯшиши мавқеи бетарафии расмиро то андозае нигоҳ дошта, даъвоҳои баҳсбарангези ҳарду ҷонибро пешниҳод намуда бошад ҳам, талош намудааст, «таваҷҷуҳро аз воқеият ба масъалаҳои баҳснок» [531] равона намояд. Телевизиони CNN як нақли башардӯстона ва эҳсосиро пешниҳод намуд, ки ба ранҷу азобҳои ашхоси ғайринизомӣ тамаркуз кардааст ва ҳамзамон гузоришро дар заминаи сиёсати ИМА нашр намуд. Телевизиони Ал-Ҷазира ин ҳодисаро ҳамчун «ҷанги наслкушӣ» [530] инъикос намуд ва дар гузориши мазкур

тарафдории ошкоро аз Фаластин ҷой дошта, бештар аз сарчашмаҳои фаластинӣ истифода шуда, тарафи муқобили низоъ – амалиёти ҳарбии давлати Исроил маҳкум гардидааст. Телевизиони байналхалқии Чин - CCTV дар гузориши худ «кумакҳои башардӯстонаи Чин» [538] ба Ғаззаро инъикос намуда, Чинро ҳамчун як бозингари беғарази ҷаҳонӣ муаррифӣ кард. Телевизиони «Россия-1» ҳодисаро нодида гирифта, ба ҷойи он нақши ИМА дар буҳрони Ховари Миёнаро баррасӣ карда, иттилоотро аз зовияи сиёсати зиддиғарбии Русия пешниҳод намудааст. Ҳамаи ин баёнгари он аст, ки ҷанги иттилоотиро кишварҳои абарқудрат «барои амалисозии ҳадафҳои геополитикии худ» [313, с. 268] анҷом медиҳанд.

Муайян гардид, ки «пахши гузориш дар бораи як ҳодиса аз тарафи шабакаҳои телевизионии байналхалқӣ пешниҳоди иттилооти воқеӣ нест, балки инъикоси ҳодиса дар доираи сиёсати иттилоотии редаксия ва манфиатҳои миллӣ шакл мегиранд» [364, с. 227]. Ҳарчанд расонаҳо дар инъикоси низоъҳо ва буҳронҳои башарӣ аз усулҳои гуногуни инъикос истифода намоянд ҳам, принсипҳои ба дигарон зарар нарасонидан ва рӯйдодро беғаразона, воқеъбинона ба ҷомеа пешниҳод сохтан хеле муҳим буда, ҳамзамон журналистон «набояд ба эҳсосот дода шаванд» [217, с. 245]. Аммо на ҳамеша журналистон ва расонаҳо ба ин принсипҳо содиқ ҳастанд.

Ҷанги иттилоотиро абарқудратҳо на танҳо дар арсаи байналхалқӣ амалӣ мекунанд, балки дар дохили кишвари худ низ анҷом медиҳанд, ки ҳар яке ҳадаф ва усулҳои хосси худро дорад. Ҷангҳои иттилоотӣ дар арсаи байналхалқиро давлатҳои абарқудрат ба хотири таҳти таъсири худ даровардани на танҳо ҳокимияти дигар кишварҳо, балки аҳолии он кишварҳо, муборизаҳои геополитикӣ бо рақибони худ, ба вуҷуд овардани нооромиҳо ҷиҳати ба даст овардани суди бештар, заиф намудани ҳокимияти давлатҳои рақиб ва дигар ҳадафҳои ғаразноки сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологии худ амалӣ мекунанд. Ҷангҳои иттилоотии дохилӣ ба аҳолии худи кишвар равона гардида, мақсади муқобилият бо таҳоҷуми иттилоотии бегонагон, назорат намудани фазои иттилоотӣ, ором намудани исёнҳо ва буҳронҳои мавҷуда, равона намудани қаҳру ғазаб ва нафрати ҷомеа ба сӯйи рақибони дохилӣ ва хориҷиро дорад.

Ҳамзамон давлатҳои абарқудрат қабл аз ҳуҷум ба хоки кишваре на танҳо аҳолии кишвари худ, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналхалқиро бовар мекунонанд, ки ба амнияти миллии онҳо кишваре ва ё ҳаракате дар ҷаҳон таҳдид дорад. Чунин усули ҷанги иттилоотӣ ба хотири пешгирӣ аз муқобилияти аҳолии кишвар ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад ва агар зиддият оғоз гардад ҳам, он камтаъсир хоҳад буд. Таҷрибаи ҷанги ИМА дар Ветнам исбот намуд, ки сабаби шикасти ин кишвар аз норозигии шаҳрвандони худ оғоз ёфта, ВАО-и амрикоӣ дар он нақши муҳиммро бозиданд. Маҳз ҳамин боис гардид, ки ИМА дар ҷанги Ироқ ва дигар амалиётҳои ҳарбии минбаъдаи худ инъикоси онҳо дар ВАО-ро таҳти назорат гирифта, воридшавии намояндагони ВАО-и номақбул ба сиёсати ИМА-ро ба маҳалли руйдодҳо манъ намуд.

Омӯзгор ва журналисти байналхалқӣ Тюкин Михаил Вячеславович чунин мешуморад, ки «Дар шароити «ҷанги сарди нав» иттилооти байналхалқӣ ба дастгоҳи таъсиррасонии давлатҳо ва созмонҳои гуногун баҳри расидан ба мақсад ва вазифаҳои стратегӣ буда, журналистон танҳо ҳамчун бозингарони муборизаҳои иттилоотӣ амал мекунанд» [60, с. 6].

Дар ҷангҳои иттилоотии байналхалқӣ масъалаи ҳуқуқи инсон, ақаллиятҳои қавмӣ ва ҳифзи демократия ҳамчун шиор аз тарафи абарқудратҳо ба муқобили давлатҳои мавриди таваҷҷуҳ истифода мегарданд. Илова бар ин масоили динӣ низ дар сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ зиёд баррасӣ мегарданд, ки ин амалҳо ҳадафмандона ба роҳ монда шудаанд [294, с. 70] Ҳамкориҳои ВАО-и байналхалқӣ бо давлатҳои абарқудрат дар ҷангҳои иттилоотӣ аз ҷониби муҳаққиқон исбот шудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқони араб Шафел Алӣ ва Шаиф Ҳусейн дар мақолаашон фаъолияти шабакаи телевизиони байналхалқии Алҷазираро таҳлил намуда, ҳамдастии ин шабака бо Раёсати марказии кашшофии ИМА ва мақомоти Исроилро муайян карда, доир ба ҷойгоҳи шабакаи мазкур дар нооромии кишварҳои Араб дар соли 2011 қайд намуданд, ки якҷоя бо телевизионҳои Ғарбӣ Алҷазира «дар эҷоди афсонаи «Баҳори араб» ҳамчун инқилоби сирф демократӣ алайҳи зулм дар минтақа саҳм гузоштааст» [391]. Чунин ҳолатро соли 2011 сарзамини Либиё низ дошт. Ҳанӯз қабл аз оғози ҳуҷуми

НАТО ба ин кишвар соли 2011 телевизионҳо ва дигар расонаҳои Ғарбӣ дар хусуси риоя нагардидани ҳуқуқи инсон ва ба ҳалокат расондани садҳо нафар аҳолии осоишта дар шарқи Либиё аз ҷониби қувваҳои ҳукуматӣ мавод нашр намуданд, ки бештар аз саҳнаҳои созмондодашуда иборат буда, ягон далели исботшуда надоштанд. Новобаста ба ин дар асоси маводди расонаҳои машҳур Шурои амнияти СММ қиҳати муҷозоти роҳбарияти Либиё қарор қабул карда, имконият фароҳам овард, ки ИМА ва иттифоқчиёнаш аҳдофи геополитикии худро дар Либиё пиёда намоянд.

Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва боз гаштани сарҳадҳо барои расонаҳо тариқи интернет, иртиботи моҳвораӣ ва мобилӣ боиси он гардид, ки расонаҳо аз дастгоҳи ёрирасон ба сохтори марказии ҷангҳои иттилоотӣ мубаддал гарданд. Акнун ҷангҳои муосирро бе иштироки ВАО тасаввур кардан ғайриимкон гардид ва роҳ ёфтани саҳнаҳои сохтаи ҷангҳо ба як амали маъмулӣ табдил ёфт. Ба андешаи муҳаққиқ М. А. Муқимов «Дар ИМА барои бурдани ҷанги иттилоотӣ аз воситаҳои ҳозиразамони иртиботӣ истифода мекунанд. Аз ҷумла, соли 2015 дар офиси пахши барномаҳои радиои «Аврупои озод/Озодӣ» дар Прага медиадепартаменти рақамӣ (DIGIM) таъсис дода шуд, ки ҳадафаш бурдани ҷанги иттилоотӣ дар шабакаҳои иҷтимоии «ВКонтакте», «Одноклассники», «Facebook» ва «Twitter» мебошад» [313, с. 269].

Бояд қайд намуд, ки халқи тоҷик борҳо мавриди таҳоҷуми иттилоотии аҷнабиён қарор гирифтааст, ки тавассути мубаллиғон, матбуоти туркию тоторӣ, русӣ, форсӣ ва ӯзбекӣ дар ибтидои асри XX, бо воситаи радиоҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ аз солҳои чилуми асри XX ва истифодаи расонаҳои интернетӣ ва моҳвораӣ дар замони муосир анҷом дода шуданд ва ҳамоно идома дорад. «Муборизаи иттилоотие, ки бар зидди мо аз аввали солҳои 90-уми асри гузашта шуруъ кардаанд, фақат як ҳадаф дорад: паст задани мақому мартабаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, бадном кардани миллати тоҷик ва дар ниҳояти кор руҳафтодаву ноумед сохтани мардуми мо ба ояндаи худ» [454]. Воқеан шикастани ҳадафҳо, ормонҳои миллӣ ва бовариҳои одамон аз дохил яке аз вазифаҳои ҷанги иттилоотӣ мебошад. Ҷанги иттилоотӣ ба шуури

аҳолии кишварҳо нигаронида шуда, онҳоро моил менамояд, ки ягон идеяро пазируфта, дигаронашро рад намоянд. Албатта, одамон бештар ҳамон идеяеро мепазиранд, ки расонаҳои мавриди истифодаашон ба онҳо талқин менамоянд. Моҳияти ин масъаларо раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон, доктори улуми фалсафа С. Ятимов дар мақолаи худ «Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ» таҳлил намуда, қайд менамояд, ки шуури одамон осебпазир буда, он дар зери таҳти таъсири зиёди тарғиботи ВАО инкишоф меёбад. Инчунин С. Ятимов таъкид менамояд, ки «дар структураи шуури рӯзмарра, ҳамакнун беш аз пеш ҷузъиёти хориҷӣ, бегона қувват мегирад» [395].

Бояд қайд намуд, ки ҷанги иттилоотӣ дар журналистикаи байналхалқӣ ин истифодаи захираҳои журналистӣ ва дигар захираҳои ВАО ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои гуногуни муқараршуда, аз ҷумла тавассути нашри иттилооти бардурӯғ, манипулятсияи шуури ҷомеа ва таъсир расонидан ба раванди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҷаҳон ва ё давлати мавриди таваҷҷуҳро дар бар мегирад. Дар ҷанги иттилоотӣ барои эҷоди симои муайяни душман ё таҳмил кардани ғояҳои мушаххас аз воситаҳои гуногуни муборизаҳои иттилоотӣ, аз он ҷумла ҳамлаҳои киберӣ, ҷангҳои равонӣ, ҳамлаҳои рахнагарӣ, ҷангҳои электронӣ, таблиғот ва дезинформатсия дар шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мекунанд. Ба қавли муҳаққиқ Алиризо Талхобӣ: «Бадеҳист «ҷанги равонӣ» барои заиф кардани иродаи миллатҳо тарроҳӣ шудааст» [119, с. 8]. Ҳадафи асосии ҷанги равонӣ бе истифодаи қувва таслим намудани миллате мебошад ва дар ин самт ВАО силоҳи асосӣ ба шумор рафта, чунин ҷанг метавонад даҳсолаҳо идома намуда, қадам ба қадам миллатеро тобеи худ намоянд. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҷанги равонӣ дар як давраи муайян роҳандозӣ мегардад, ки ин ҳама аз дастандаркорони он вобаста аст.

Ҷанбаҳои асосии ҷанги иттилоотӣ дар журналистикаи байналхалқӣ инҳоянд:

1. Паҳн кардани иттилооти бардурӯғ ва хабарҳои сохта дар олам:

Ин яке аз тактикаи асосие ба шумор меравад, ки ба эҷоди нофаҳмиҳо тавассути коста гардонидани эътимод ба расонаҳои миллӣ ва манбаъҳои иттилооти ватанӣ нигаронида шудааст.

2. Идоранамоии ноаёни афкори ҷомеаи байналмилалӣ:

Бавуҷуд овардан, иваз намудан ва идоранамоии ноаёни афкори ҷомеаи байналмилалӣ дар хусуси масъалаҳои мушаххас, созмон додани тасаввуроти ба мавқеи худ мувофиқ доир ба рӯйдодҳо, масъалаҳо ва вазъияти мавҷуда мақсади асосии манипуляторҳо ба шумор меравад.

3. Созмондиҳии тасвири манфӣ дар зеҳни ҷомеаи ҷаҳонӣ:

Аз ВАО барои бадном намудани рақибон дар саросари олам васеъ истифода мебаранд, новобаста ба он ки онҳо сиёсатмадоранд, ниҳодҳои давлатӣ ё созмонҳои алоҳидаанд. Аз ҷумла, кишвареро ҳамчун меҳвари бадӣ ба олам муаррифӣ менамоянд ва ё симои сарвари кишвареро зишт баҳогузорӣ менамоянд.

4. Воситаи фишороварӣ ба кишварҳо:

Ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорату иқтисод, нақлиёт, энергетика ва кишоварзӣ аз самтҳои муҳимми робитаҳои муосири Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба шумор мераванд. Инчунин масоили ҷалби сармояи давлатӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорат, саноат, мошинсозӣ, коркарди муштараки маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маводди доруворӣ ва бунёди неругоҳҳо аз мавзуъҳои дигари музокироти ҳайатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон буданд. Илова бар ин ҷонибҳо густариши ҳамкорӣ дар сохтмони муштараки неругоҳҳои бодию офтобиро яке аз самтҳои судовари робитаҳои ояндаи ду давлат номиданд. Бояд қайд кард, ки Тоҷикистон ва Ӯзбекистон нақша доранд дар оянда ҳаҷми

гардиши молро ба 2 миллиард доллари ИМА расонанд. Аз соли 2016 инҷониб миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон беш аз 50 санад бо иштироки сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба имзо расиданд. Дар маҷмуъ беш аз 220 заминаи қарордодиву ҳуқуқӣ миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар сатҳи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ имзо шудааст.

Бинобар иттилои АМИТ «Ховар»: «Дар заминаи тавсеаи ҳамкорӣ ҳоло 400 корхонаи муштараки саноатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон фаъолияти пурсамар доранд» [515]. Соҳибкорону сармоягузорони ду давлат бо истифода аз захираву имконоти мавҷуда ҳамкории тиҷоратиро зина ба зина густариш медиҳанд.

Муаллифони бахши тоҷикӣ ва ӯзбекии радиои «Овози тоҷик» зимни баррасии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба робитаҳои таърихан муштарак, умумиятҳои фарҳангию маънавии тоҷикон ва ӯзбекон, инчунин анъанаҳо ва дӯстии чандинасраи ду миллатро ба эътибор гирифта, пайваста ба шунавандагони худ эҳтироми якдигар, тақвияти муносибатҳои некро талқин менамоянд. Дар баробари муаллифони барномаҳо, инчунин мусоҳибон низ ба масъалаи дӯстии миллатҳо таваҷҷуҳ намуда, ба насли нав ҳифзи анъанаҳои хуб ва меҳмоннавозии тоҷикон ва ӯзбеконро таъкид менамоянд. Инчунин ба монандиҳои зиёди ин ду миллат дар миёни дигар халқҳои Осиёи Марказӣ ишораҳо мекунанд. Дар ин масъала қаблан аллома Бобоҷон Ғафуров чунин қайд намуда буданд: «хусусияти маданияти моддӣ, урфу одат, санъат ва ҳунарҳои халқии тоҷикону ӯзбекон чунон наздиканд, ки гоҳо дар байни онҳо фарқ гузоштан мумкин намешавад» [24, с. 7]. Муҳаққиқи тоҷик Иброҳим Усмонов низ ба муносибатҳои дӯстонаи тоҷикон ва ӯзбекон аз замонҳои қадим то ба ҳол таъкид карда, ба ин назар аст, ки «онҳо дар тӯли қарнҳо бо ҳамдигар дӯсту бародар гардиданд» [127, с. 3].

Дар бахши тоҷикӣ ва ӯзбекии радиои «Овози тоҷик» ба мавзуи равобити адабӣ ва дӯстии адибони классик ва муосири тоҷику ӯзбек таваҷҷуҳ намуда, тӯли солҳо чандин барномаҳои ба мисли «Дӯстӣ», «Пайванд», «Тоҷикистон ва ҷаҳон» омода ва пахш гардиданд. Дар барномаҳои мазкур шеърҳои дар жанри ширу

шакар эҷод намудаи шоирони тоҷик ва ӯзбек фаровон истифода шуданд. Аз ҷумла, аз ашъори шоири ӯзбектабори тоҷикистонӣ Ӯлмас Ҷамол» шеъри шоири ӯзбекистонӣ Абдулло Орипов зиёд дар барномаҳои радиои «Овози тоҷик» садо медиҳанд.

Тарануми дӯстии халқҳои тоҷик ва ӯзбек аз замони ошноии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ оғоз ёфта, дар тӯли асрҳо намояндагони аҳли адаби тоҷик ва ӯзбек ин анъанаро новобаста ба авзои сиёсии замон ҳамеша идома додаанд. Аҳли қалам на танҳо дар мавзуи дӯстии тоҷику ӯзбек шеъру достонҳо таълиф кардаанд, балки бо тарҷумаи осори адибони ҳамдигар дар муаррифии онҳо ва ҳифзи муносибатҳои дӯстона саҳми сазовор гузоштаанд.

Академик Абдуҷаббор Раҳмонзода дар мавзуи дӯстии халқҳои тоҷик ва ӯзбек силсилаи мақолаҳои илмӣ ва асари «Пайғоми дӯстӣ» -ро эҷод намуда, ба равобити ин халқҳо чунин баҳо додааст: «тоҷикону ӯзбекон ду халқе ҳастанд, ки тамоми арзишҳои ахлоқӣ, одобу рафтор ва ҷашну маросими онҳо муштараканд [456].

Зимни таҳқиқ маълум намудем, ки дар барномаҳои тоҷикӣ ва ӯзбекии радиои «Овози тоҷик» аз равобити дӯстонаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ борҳо ёдоварӣ намуда, насли навро ба пайравӣ аз онҳо талқин менамоянд. Ба андешаи устод Айнӣ «дар бештари масъалаҳои сиёсӣ фикрҳои Ҷомӣ ва Навоӣ аз як ҷо мебаромаданд» [6, с. 301]. Дар пайравӣ ба андешаи устод Айнӣ академик Абдуҷаббор Раҳмонзода чунин қайд намудааст: «дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек дар замони Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ ба таври шоиста рушд карда, хусусияти ибратомӯз касб намудааст» [457].

Воқеан ҳам ин ду адиб барои халқи тоҷик ва ӯзбек хидмати шоиста карда, имрӯз низ намунаи барҷастаи дӯстии халқҳо боқӣ мондаанд. Ба андешаи адабиётшинос А. Афсаҳзод «осори илмӣ ва адабии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ чун ситораҳои рахшони осмон фурӯзон буд ва то ҳоло анвори он кам нашуда меояд» [10, с. 57].

Хислатҳои неки дӯстонаи адибони классикро аҳли қалам дар асри XX ва XXI низ таҳким бахшиданд. Аз ҷумла, дар асри XX аз адибони тоҷик устод

Садриддин Айнӣ анъанаҳои неки чандасраи равобити дӯстонаи тоҷикон ва ӯзбеконро идома дода, дар ин ҷода хидмати бузургеро ба сомон расондааст. Маҳз ҳамин нуктаро ба эътибор гирифта, тариқи бахши ӯзбекии радиои «Овози тоҷик» барномаеро бо номи «Чеҳраҳои мондагор» доир ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ ва саҳми ӯ дар адабиёти тоҷик ва ӯзбек таҳия намуданд. Муаллифи барнома Зуҳриддин Умаров асарҳои устод Айниро дурдонаҳои бебаҳои адабиёти тоҷик ва ӯзбек шуморида, мусоҳиби ӯ Ҷумъаназар Умурзоқов устод Айниро ҳамчун таърихшинос, устоди маънавии халқи ӯзбек, нависанда, шоир, муаллим ва адиби халқи ӯзбек ва тоҷик, пайвандгари ду миллат эътироф намудааст.

Дарвоқеъ устод Айнӣ ба як идда адибони ӯзбек ҳаққи устодӣ низ дорад. «Устод Айнӣ, инчунин, донандаи хуби забони ӯзбекӣ буда, анъанаи зуллисонайниро идома додааст» [350]. Устод Айнӣ бо нашри мақолаҳои маорифпарварона ба забони ӯзбекӣ дар матбуоти Ӯзбекистон солҳои бистуму сиюми асри XX халқи ӯзбекро ба донишандӯзӣ даъват намудааст.

Бахши тоҷикии радиои «Овози тоҷик» низ дар мавзуи густариши муносибатҳои халқи тоҷик ва ӯзбек дар мисоли дӯстии намояндагони машҳури Тоҷикистон ва Ӯзбекистон силсилаи барномаҳоро омода намудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳунармандони тоҷик ва ӯзбек дар густариши дӯстӣ ва пайванди фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар баробари адибон саҳми бузург доранд, зеро онҳо ҳамчун сафирони фарҳангӣ миёни ҷумҳуриҳо барномаҳои ҳунарӣ анҷом дода, садои дӯстӣ ва оҳангҳои дилкаши бародариро дар фазои мамлакатҳо паҳн менамоянд. Маҳз ҳамин хидматҳои аҳли санъатро ба назар гирифта роҳбарияти Тоҷикистон ва Ӯзбекистон онҳоро бо мукофот ва унвонҳои давлатӣ қадрдонӣ намуданд. Ба андешаи муҳаққиқ Расул Ҳаитпур робитаҳои таърихии тоҷикону ӯзбекҳо нисбат ба дигар халқҳои Осиёи Миёна ба ҳам наздиканд ва «тақдири таърихи ин халқҳо ва маданияти онҳо пайвандии ногусастанӣ дорад» [384, с.73].

Равобити Тоҷикистон ва Ӯзбекистон на танҳо дар бахшҳои тоҷикӣ ва ӯзбекии радиои «Овози тоҷик», балки дар барномаҳои русӣ, англисӣ, арабӣ,

форсӣ, дарӣ ва ҳиндӣ низ инъикос мегардад. Теъдоди чунин барномаҳо дар моҳи апрели соли ҷорӣ бештар гардиданд, ки ба сафари Президенти Ӯзбекистон ба Тоҷикистон алоқаманд буданд.

Дар солҳои охир теъдоди сайёҳони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба кишварҳои ҳамдигар афзоиш ёфт. Ба гунаи мисол, соли 2023 аз Ӯзбекистон ба Тоҷикистон наздики 806 ҳазор ва «аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон қариби 2,2 млн нафар барои гардишгарӣ рафтаанд» [401].

Мувофиқи иттилои «Sputnik Ӯзбекистон» дар панҷ моҳи соли 2024 «беш аз 449800 нафар сайёҳи ӯзбекистонӣ аз Тоҷикистон ва 995300 нафар аз Қирғизистон боздид намуданд» [497] Дар нимсолаи аввали соли 2024 аз ҳама зиёд сайёҳони қирғизистонӣ 1057000 нафар ва дуюм сайёҳони тоҷикистонӣ 1046000 нафар аз Ӯзбекистон боздид намуданд. Дар ин давра «беш аз 3,5 миллион сайёҳ аз Ӯзбекистон дидан намуданд» [501]. Аз таҳлили омори сайёҳон бармеояд, ки Тоҷикистон пас аз Қирғизистон дуюмин кишваре аст, ки сайёҳони ӯзбекистонӣ бештар сафар карданд. Дар ҷамъи 10 кишваре, ки шаҳрвандонаш ба Ӯзбекистон бештар саёҳат намуданд Тоҷикистон дар мавқеи дуюм қарор дорад, ҳол он ки дар моҳи майи соли 2025 дар мақоми аввал қарор дошт. Дар шаш моҳи аввали соли 2025 ба Тоҷикистон беш аз 761 ҳазор сайёҳ омаданд. «Қаблан Агентии омор хабар дода буд, ки аз 307 ҳазор сайёҳе, ки дар 3 моҳи аввали соли 2025 ба Тоҷикистон омаданд, 64,1 фоизи онҳо аз Ӯзбекистон буданд» [445]. Дар маҷмуъ соли 2025 наздики 1,8 миллион нафар сайёҳи хориҷӣ аз Тоҷикистон боздид намуданд ва 1,6 миллион нафари онҳоро шаҳрвандони ИДМ ташкил доданд.

Дар барномаҳои радиои «Овози тоҷик» ба соҳаи сайёҳии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳи зиёд менамоянд. Бахши ӯзбекии радиои мазкур ҳам дар ин самт саҳмгузор аст. Масалан, журналист Зуҳриддин Умаров имкониятҳои сайёҳии Бадахшон, табиати нотакрори он, чашмаҳои шифобахш ва дигар мавзеҳои сайёҳии водии Вахонро дар як барномаи «Тоҷикистон – кишвари сайёҳӣ» ба забони ӯзбекӣ пешниҳоди шунавандагон намуд. Журналист дар хусуси чашмаҳои шифобахши Гармчашма, Авҷ, Биби Фотимаи Заҳро маълумоти фаровонро баён намуд.

Ҳамчунин, дар нашрҳои дигари ин барнома оид ба мавзеҳои таърихию фарҳангии кишвар, ба мисли Қалъаи Хуҷанд, шаҳри бостонии Истаравшан, Панҷакент, шаҳраки қадимаи Саразм, Қалъаи Ҳисор, Ҳулбук, мавзеъҳои сайёҳии Чилучорчашма, Ҳарфкӯл, Искандаркӯл, Чилдухтарон, Сари Хосор барномаҳои ҷолиберо таҳия ва ба самъи шунавандагони долиху хориҷи кишвар равонидааст, ки метавон гуфт як навъ зиёд шудани сайёҳони хориҷӣ, бахусус аз Ӯзбекистон мусоидат намудааст.

Бояд қайд кард, ки радиои «Овози тоҷик» тамоми паҳлуҳои равобити иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, адабӣ, илмӣ, тиббӣ, омӯзишӣ, варзишӣ, сайёҳӣ ва саноатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро бозтоб намудааст. Илова бар маводди расмӣ инчунин маводди таҳлилии кормандони радиои «Овози тоҷик» доир ба масъалаи мавриди таҳқиқ ба аудитория пешниҳод гардида, равобити Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар барномаҳои ахборӣ, таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ пешниҳоди аудитория гардиданд. Ҳамзамон аз тариқи радиои «Овози тоҷик» ҳамкориҳои илмӣ, сафарҳои сайёҳони тоҷик ва ӯзбек, консертҳои дӯстонаи ҳунармандони ҷумҳуриҳо, андешаҳои масъулон, коршиносони минтақа ва ҷаҳонӣ дар атрофи густариши равобити Тоҷикистон ва Ӯзбекистон васеъ инъикос гардидааст. Радиои мазкур маводди расмиро аз АМИТ «Ховар» истифода мекунад. Дар мавзуи дӯстии миллатҳо барномаҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ назари шахсиятҳои шинохтаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро ҷой медиҳанд, аммо сарфи назар аз он ки сафари сайёҳони тоҷикистонӣ ва ӯзбекистонӣ ба кишварҳои ҳамдигар афзудааст, мусоҳиба бо сайёҳони тоҷик ва ӯзбек хеле кам истифода шудааст. Шояд сабаби ба ин масъала кам таваҷҷуҳ намудани масъулони барномаҳо кам будани ҳайати эҷодии бахшҳои радиои «Овози тоҷик» ва имкониятҳои молиявӣ бошад.

Зимни таҳқиқ муайян намудем, ки дар барномаҳои ӯзбекӣ ва тоҷикии радиои мазкур аз ёрии адибони тоҷик ва ӯзбек, омӯзгорон ва фарҳангиён дар баррасии масъалаи дӯстии миллатҳо васеъ истифода намуда, дар ин самт саҳми арзанда гузоштанд. Дар баробари монандиҳо баъзе фарқият дар бахши ӯзбекӣ мавҷуд аст. Аз ҷумла, дар барномаҳои ӯзбекӣ ба сокинони ӯзбектабори ҷумҳурӣ

авзои ҷомеа, навигариҳои кишвар ва моҳияти дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат, қонунҳои ҷории кишвар фаҳмонда мешавад. Бахши тоҷикии радиои «Овози тоҷик» ҳам айнан чунин вазифаро анҷом медиҳад. Инчунин фаъолияти бахши тоҷикии радиои «Овози тоҷик» барои мустаҳкам намудани иртибот бо тоҷикони бурунмарзӣ ва таҳкими робитаҳои фарҳангӣ, адабӣ, таърихӣ, эҳё ва нигаҳдошти ҳувияти миллии тоҷикон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва дигар таҳдидҳо равона шудааст.

Баррасии масъалаҳои миллӣ дар журналистикаи байналхалқӣ аз масъалаҳои муҳимми соҳа ба шумор рафта, ба масъалаҳои миллӣ ВАО-и байналхалқӣ таваҷҷуҳи зиёд дошта, дар баробари муаррифии миллатҳо, тарғиби густариши ҳамгироӣ миёни миллатҳо ва равобити байналхалқӣ боз метавонад дар барангехтани кинаю адоват ва душманӣ миёни миллатҳо саҳм дошта бошад. Набардҳои иттилоотӣ дар журналистикаи байналхалқӣ махсусан дар асри XXI хеле авҷ гирифта, дар баробари ВАО-и байналхалқӣ шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо ва платформаҳои интернетӣ ҳамроҳ карда шуданд, ки дар саросари ҷаҳон аудитория доранд.

Инчунин дар ин боб муайян намудем, ки ВАО-и байналхалқӣ дар раванди инъикос ва таҳлили муносибатҳои байналхалқӣ фаъолона иштирок намуда, таъсири онҳо ба дипломатия ва равандҳои сиёсӣ зиёд буда, дар муколамаи байни фарҳангҳо ва муаррифии дастовардҳои дипломатӣ нақши бориз доранд ва натиҷаи мазкурро дар мисоли инъикоси равобити ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аз тариқи радиои «Овози тоҷик» таҳқиқ намудем.

БОБИ V
ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МУОСИРИ ТОҶИК: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО

5.1. Радиоҳои байналхалқӣ барои форсизабонон ва тоҷикон

Радио ҳамчун яке аз навъҳои воситаи ахбори омма дар ҳаёти одамон нақши зиёд дорад. Он вазифаи иртиботӣ, иттилоърасонӣ, тарғиботӣ, маърифатӣ ва тафреҳбахширо анҷом медиҳад. Барномаҳои радиоҳои байналхалқӣ ҷиҳати бурдани тарғиботи идеологӣ ба тафаккури аудитория равона мегарданд, ки «ҳадафҳои геополитикиро амалӣ менамоянд» [80]. Радиошунавонии байналхалқӣ ин пахши барномаест, ки ба аудиторияи байналхалқӣ нигаронида шудааст. Агар он дар нимаи аввали асри XX танҳо тариқи мавҷҳои радиоӣ амалӣ мегардид, баъдан он барои шунавандагони байналхалқӣ аз тариқи иртиботи кайҳонӣ, телевизиони моҳвораӣ ва ҳоло интернет дастрас аст.

Пахши барномаҳои радиоӣ барои хориҷиён аксаран аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад. Одатан маблағ тавассути вазоратҳои корҳои хориҷӣ ё вазоратҳои фарҳанг ҷудо мегардад. Масалан, дар солҳои аввали фаъолият ба радиои «Озодӣ» тариқи пинҳонӣ аз ҳисоби буҷаи Раёсати марказии кашшофии ИМА маблағгузорӣ мешуд ва ҳоло Конгреси ИМА сарпарастии онро ба уҳда дорад.

Тавре маълум аст, мавҷи радиоҳо дар ҳудуди кишвари муайян ва ё фазои байналхалқӣ паҳн мегарданд. Радиоҳои давлате, ки берун аз ҳудуди он мавҷ меафкананд, радиои хориҷӣ ва ё байналхалқӣ ном мебаранд. Сарфи назар аз ин онҳо вазифаҳои асосии ба ҳам монандро доранд: тарғибот ва ташвиқот, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ташаккули имиҷи кишвар, мустаҳкам намудан ва таҳкими робита бо ҳамватанону муҳоҷирон, омӯзиши забони миллӣ, дастгирии муносибатҳои тиҷоратӣ, ошноӣ бо таърих, фарҳанг, адабиёт ва имконоти сайёҳии кишвар. Дар давоми инкишофи радиошунавонӣ баъзе вазифаҳо иваз карда шуданд. Муҳаққиқон таърихи инкишофи радиошунавонии байналхалқиро

шартан ба се марҳила тақсим намуданд: «радиошунавонии байналхалқӣ (солҳои 1920 – 1940); радио ва телевизиони байналхалқӣ дар давраи ҷанги сард (1950–1990); марҳилаи муосир» [338]. Аммо дар ин даврабандӣ радиошунавонии давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ва пас аз он то соли 1950 ба эътибор гирифта нашудааст. Ҳол он ки дар ҳамин давра пахши байналхалқии радио афзуда буд.

Пайдоиши радиошунавонии байналхалқӣ дар миёнаҳои солҳои 1924 ва 1935 рост меояд. Масалан, аз 25 майи соли 1924 барномаҳои радиоии ИМА барои Америкаи Лотинӣ, Радиои Олмон ва Радиои Прага аз соли 1926 дар мавҷҳои дароз, радиои Би-Би-Си ва Радиои Нидерланд ба мустамликаҳои Британиё ва Ҳолланд дар Осиё ва Африка аз соли 1927 дар мавҷҳои кӯтоҳ, Радиои Полша аз соли 1928 дар мавҷҳои кӯтоҳ, Радиои Маскав аз соли 1929 дар мавҷҳои кутоҳ ва дароз, Радиои Ватикан аз соли 1933 дар мавҷҳои кӯтоҳ ба фаъолият шуруъ карданд.

Бояд қайд кард, ки аксарияти радиошунавонии хориҷии он давра ба ғайр аз барқарорсозии робита бо ҳамватанони бурунмарзӣ, муттаҳид намудани онҳо рисолату консепсияи дақиқи байналмилалиро надоштанд. Дар робита ба ин пажуҳишгари рус Ю. Е. Афанасев чунин назар дорад, ки то як андозае радиошунавонии хориҷии он замон «таъиноти «намояндагӣ» ё имиҷофариниро дошт» [177, с. 37].

Вале баъдан консепсияи дигари радиошунавонии байналхалқӣ пайдо шуд, ки вазифаи асосии он таблиғ буд. Чунин консепсия пеш аз ҳама ба комплексҳои радиошунавонии байналхалқии Олмон, Италия, Ҷопон, Британияи Кабир, Туркия, ИМА ва СССР дахл доштанд. Барои бурдани ҷанги иттилоотӣ радиоҳои алоҳида ташкил мешуданд. Аз ҷумла, Радиои «Садои дӯст» (Садои ошно) барои Афғонистон ташкил шуда буд. Инчунин «Радиои Кобули озод» [121, с. 94] намунаи дигар чунин радио аст, ки соли 1982 аз тарафи кишварҳои Ғарбӣ таъсис гашта, аз ҳудуди Покистон пахш мегашт. Дар солҳои 1979-1989 беш аз 30 шабакаи хориҷӣ барои Афғонистон бо забонҳои дарӣ, пашту, форсӣ ва дигар забонҳои халқҳои Афғонистон тарғибот мебурданд. Муҳаққиқ С.Г. Фогел

муайян намудааст, ки дар солҳои 1979-1989 «тарғиботи радиоӣ дар Афғонистон шакли афзалиятноктари таъсиррасонии иттилоотӣ ва равонӣ гардидааст» [377].

Радиошунавонӣ барои форсизабонон дар марҳилаи аввали инкишофи радиошунавонии байналхалқӣ заиф буд. Дар миёни радиоҳои байналхалқӣ радиои Би-Би-Си аввалин шуда бахши форсии худро таъсис дод. Пахши дигар радиоҳои форсизабони хориҷӣ ва байналхалқӣ дар марҳилаи дуюм ва сеюми инкишофи радиошунавонии байналхалқӣ сурат гирифт, ки аксарият ҳадафи таблиғотиро доранд. Муҳаққиқ М.А. Муқимов муайян намудааст, ки дар замони Шуравӣ тарғиботи хориҷӣ ба Тоҷикистон зиёд набудааст, вале «бо соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи абарқудратҳо ба он афзудааст» [193, с. 9].

Радиоҳои байналхалқӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои форсизабон мавқеи намоён доранд. Инчунин давлатҳои абарқудрат, баъзе давлатҳо ва созмонҳо мехоҳанд дар сарзаминҳои сукунати форсизабонон нуфузи бештар дошта бошанд ва ҳамзамон дар ташаккули афкори форсизабонони олам таъсири худро гузоранд. Радиоҳои форсизабони оламро метавон ба намудҳои зерин тақсимбандӣ намуд:

1.Радиоҳои давлатҳои форсизабон;

2.Радиоҳои форсизабони байналхалқӣ;

3.Радиоҳои форсизабони давлатҳо ва ё созмонҳои алоҳида;

4.Радиоҳои муҳоҷирони форсизабон.

Ба радиоҳои давлатҳои форсизабон радиоҳои Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон дохил мегарданд. Радиоҳое, ки аз ин кишварҳо ба забони форсӣ барои хориҷа барнома пахш менамоянд, барои муаррифии кишварҳои мазкур ба ҳамзабонон, барқарор намудани робита бо ҳамватанони бурунмарзӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ нигаронида шудаанд. Масалан, радиоҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон ба 35 забон, аз он ҷумла, форсӣ ва дарӣ барнома дорад. Инчунин ба забони иврит барои яҳудиҳо барнома пахш менамояд. Радиошунавонӣ дар Эрон соли 1926 оғоз гардида, соли 1946 бахши русии он таъсис ёфтаст. «Бахши радиошунавонии хориҷии Эрон расман соли

1956 ба фаъолият оғоз намуд» [540]. Радиошунавонӣ расман дар Тоҷикистон аз 10 апрели соли 1930 шуруъ гаштааст. Ба қавли муҳаққиқ М.А. Абдуллозода: «Бори аввал дар моҳи январи соли 1928 масъалаи ташкили нуқтаҳои радио ва аудиторияи оммавӣ масъалагузорӣ гардида, қарори дахлдор оид ба радиошунавонӣ қабул шуд» [210, с. 286]. Собиқадори Радиои Тоҷикистон С. Раҳматов оғози радиошунавонии хориҷӣ дар Тоҷикистонро «аз моҳи октябри соли 1949» [98, с. 23] қайд кардааст. Санаи дақиқи оғози радиошунавонии хориҷии Тоҷикистон дар замони шуравӣ 16 октябри соли 1949 ба ҳисоб рафта, он ба забонҳои форсӣ ва дарӣ аз идораи барномаҳои бурунмарзии Радиои Тоҷикистон роҳандозӣ гардида, ҳоло бо номи радиои «Овози тоҷик» идома пайдо кардааст, ки ҳамарӯза бо 8 забон барнома пахш менамояд. Аз ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ Ӯзбекистон низ бо забони форсӣ барнома пахш мекард, ки «соли 1947 аз Тошканд шунавонида мешуд» [118, с. 21]. Радиошунавонӣ дар Афғонистон соли 1925 ба забонҳои пашту ва дарӣ оғоз ёфта, соли 1931 ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ ва ҳиндӣ низ барномаҳо пахш гардиданд. Радиошунавонии хориҷии Афғонистон расман соли 1951 шуруъ шуда, ба забонҳои урду, дарӣ, пашту, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, русӣ ва арабӣ ба роҳ монда шуда буд. Моҳи майи соли 1987 ба забони форсӣ аз ҳудуди Афғонистон барои Эрон радиои коммунистии «Садои меҳнаткашони эронӣ» ба фаъолият шуруъ карда буд. «Солҳои 1997-1998 дар қаламрави Афғонистон радиои «Садои Тоҷикистони озод» фаъолият мекард, ки ба гурӯҳҳои мухолифини тоҷик таалуқ дошта, бо забони тоҷикӣ ва русӣ барои Тоҷикистон барномаҳо пахш мекард» [348].

Замина барои таъсиси **радиоҳои форсизабони байналхалқӣ** дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ гузошта шудаст. Британияи Кабир 28 декабри соли 1940 аз тариқи радиои Би-Би-Си ба пахши барномаҳои форсии худ шуруъ намуд. Иттиҳоди Шуравӣ 23 июни соли 1941 ба пахши барномаҳои худ барои кишварҳои Ховари Миёна ва Наздик оғоз намуд. Аввалин барномаҳои понздаҳдақиқаинаи радиои «Маскав» аз ахбори Совинформбюро иборат буд. Сабаби ба Эрон таваҷҷуҳ намудани Иттиҳоди Шуравӣ ва Британияи Кабир дар

он буд, ки роҳбарияти олмони фашистӣ кӯшишҳои истифода аз ин сарзаминро ба муқобили онҳо дошт. Вазъият дар моҳи сентябри соли 1941 дигаргун гашт, Британияи Кабир қисми ҷанубӣ ва СССР қисми шимолии Эронро таҳти назорати худ даровардand, то Олмон ба он ҷо роҳ наёбад. Дар ин давра ҳаҷми барномаҳои форсии радиои «Маскав» ба як соат расонда шуд, ки «муҳтавои онро маводди Совинформбюро ташкил медод» [233]. Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон радиошунавонӣ ба забони форсӣ аз Маскав бештар гардида, ҳаёти Шуравӣ ва дастовардҳои халқи Шуравӣ бештар тарғиб мегардид. Ҳаҷми барномаҳои форсӣ баъдан ба 3 соат дар як шабонарӯз расонида шуд. «Соли 1979 радиои «Маскав» дар вақти инқилоби исломии Эрон нақши муҳиммро иҷро кард» [258, с. 65]. Авзои кишварро ба таври фаврӣ ба аҳолӣ хабар медод ва радиои мазкур ба муқобили ҳукумати шоҳии Эрон ва ИМА тарғибот бурд. Барномаҳои радиои «Маскав» барои Афғонистон соли 1957 ба забони пашту оғоз гардид ва аз моҳи апрели соли 1967 барномаҳо ба забони дарӣ илова шуд.

Баъд аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ масъалаи таҳти таъсири худ даровардани Эрон ва Афғонистон барои абарқудратҳо хеле муҳим гардид ва дар ин росто тарғибот барои форсизабонон густариш ёфт. Британияи Кабир ва ИМА дар ин масъала хеле фаъол гаштанд. Баъзе аз радиоҳои байналхалқӣ бахшҳои тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ таъсис доданд, вале бархе аз онҳо танҳо бахши форсӣ кушоданд, ки ба мухотабони эронӣ, афғон ва тоҷик дар умум барнома пахш менамоянд. Чунин сиёсат аз он ҷо бармеояд, ки онҳо эронӣ, тоҷик ва афғонро як миллат мешуморанд. Мисоли ин расонаҳои Би-Би-Си шуда метавонад. Пахши доимии барномаҳои Би-Би-Си ба хориҷа дар соли 1932 оғоз гардидааст. Тарғиботи байналхалқии радиои Би-Би-Си дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон густариш ёфт ва «28 декабри соли 1940 пахши барномаҳои форсии Би-Би-Си шуруъ шуданд» [194, с. 50]. Он дар аввал ҳафтае ҳамагӣ 1 соат барнома пахш мекард. Барномаҳои бахши форсии Би-Би-Си ба аудитория дар Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон, ҷумҳуриҳои тоҷикзабони Осиёи Миёна ва дигар ҳудудҳои сукунати эрониён ва тоҷикон равона гардида буданд. «Ин шуъба барои он форсӣ ном гирифтааст, ки барномаҳояш ба мардуми Эрону Афғонистон

ва Тоҷикистон равона шудааст» [73, с. 42]. Мундариҷаи гуфторҳои радиои Би-Би-Си иборат аз ахбори дунё, тафсири рӯйдодҳои ҷаҳон буда, ин расона доир ба масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии сарзаминҳои Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон аҳаммияти зиёд медод. Доираи шунавонадагони гуфторҳои форсии радиои Би-Би-Си танҳо ба аудиторияи дар Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Чин, Покистон ва Ҳиндустон маҳдуд нашуда, балки дар Русия, ИМА, Канада, Олмон, Британияи Кабир, Австралия ва дигар сарзаминҳои иқомати муҳоҷирони форсизабонро фаро мегирад. Шуъбаи форсии радиои Би-Би-Си иборат аз бахшҳои Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон буд, ки ба забонҳои дарӣ ва пашту бахши Афғонистон барномаҳо омода менамуд ва бахши Эрону Тоҷикистон танҳо ба забони форсӣ барномаҳо омода менамуданд.

Дар оғози соли 2006 теъдоди кормандони шуъбаи форсии радиои Би-Би-Си дар Буш-ҳавс (Лондон) 60 нафар ва шумораи умумии кормандони шуъба бо хабарнигорони маҳаллиаш ба 150 нафар мерасид. Аввалин хабарнигори тоҷикистонии радиои Би-Би-Си журналисти шодравон Муҳиддини Олимпур мебошад, ки ҳамкориашро бо Би-Би-Си дар охири соли 1989 шуруъ намуда буд. Соли 1991 намояндагии радиои Би-Би-Си дар Тоҷикистон боз гардид. Роҳбарии намояндагии мазкурро шодравон М. Олимпур то замони марги худ 12 декабри соли 1995 ба зимма дошт. Дар намояндагии мазкур журналистони зиёди тоҷик фаъолият намуданд. Дар соли 2015 як қисме аз кормандони намояндагии Би-Би-Си дар Душанбе ихтисор гардиданд. Дар ҳоли ҳозир Суҳроби Зиё ҳамчун хабарнигори телевизиони форсии Би-Би-Си фаъолият дорад.

Сайти форсии Би-Би-Си (bbcpersian.com) моҳи майи соли 2001 таъсис дода шуд, ки вай аз 5 саҳифаи ҷудогона иборат буд. Дар дохили сайти мазкур бо хатти кириллӣ то соли 2015 саҳифаи тоҷикӣ фаъол буд, ки ин боиси бештар гардидани хонандагони тоҷик ва он ҳамчунин ба як манбаи иттилооти ВАО-и Тоҷикистон табдил гардида буд.

14 январи соли 2009 дар соати 13:25 ба вақти Лондон, телевизиони форсии Би-Би-Си ба пахши барномаҳо оғоз намуд. Телевизиони мазкур бештар

хусусияти иттилоотӣ дошта, тақрибан нисфи барномаҳои онро ахбор ташкил медиҳад. Дар ин телевизион ба ҷуз аз барномаҳои хабарӣ, барномаҳои мухталиф ва таҳлилӣ низ пахш мешавад. Бахши ҷаҳонии Би-Би-Си пас аз 82 соли фаъолият бахши радиои форсии худро 31 марти соли 2023 баст. Барномаи ниҳоии радиои форсӣ рӯзи 26 марти соли 2023 пахш гардид. Бастани бахши форсии Би-Би-Сиро барои эҷоди як созмони муосир, сода ва рақамӣ роҳбарият мувофиқ донистанд. Бахши ҷаҳонии Би-Би-Си хабар дод, ки аз ҳисоби бастани бахшҳои форсӣ ва арабӣ расонаи мазкур ҳамасола 28,5 миллион фунт стерлинг маблағи худро сарфа мекунад ва он як қисме аз барномаи бузурги ширкат ҷиҳати сарфаи буҷет ба андозаи 500 миллион фунт стерлиг аст. «Корпоратсия инчунин истеҳсоли мундариҷаи радиоиро ба 10 забони дигар, аз ҷумла чинӣ ва ҳиндӣ қатъ мекунад» [526].

ИМА ба 61 забон барномаҳои радиоӣ ва телевизиониро дар фазои иттилоотии олам интишор менамояд, ки тавассути Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) роҳандозӣ мегардад. Муҳаққиқон ба ин назаранд, ки «пахши барномаҳои хориҷии ИМА як воситаи сиёсати байналмилалӣ мебошад» [338].

Радиоҳои «Садои Амрико», «Озодӣ», «Афғонистони озод» ва «Фардо» аз ҷамъи расонаҳои амрикоие ҳастанд, ки ба забонҳои форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ тарғиботи ин кишварро барои Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон ба роҳ мондаанд ва онҳо таҳти назорати Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) фаъолият доранд. «24 майи соли 1942 радиои расмии Ҳукумати ИМА «Садои Амрико» ба пахши барномаҳо ба забонҳои олмонӣ ва итолиёӣ шуруъ намуд» [193, с. 16]. Ҳоло «Садои Амрико» бузургтарин расонаи амрикоии дар формати чандрасонаӣ фаъолияткунанда аст, ки «пахши барномаҳои форсии худро моҳи апрели соли 1979, яъне ҳудуди ду моҳ баъд аз вуқуъи инқилоби исломӣ дар Эрон оғоз намудааст» [204, с.167]. «Садои Амрико» дар соли 1984 ба пахши барномаҳои телевизионии худ оғоз намуд. Соли 1996 барномаҳои гибридӣ, яъне барномаҳои муштараки радио ва телевизионии «Садои Амрико» дар ҳамкорӣ бо ширкати Уорлднет ташкил гардид, пас аз бахши арабӣ дар соли 1998 бахши форсӣ низ аз ин усули пахш истифода намуд. Ба андешаи Н.А. Зиков: «ҳадафи

асосӣ бештар намудани доираи фарогии аудитория: шунавандагон, бинандагон ва истифодабарандагони интернет, смартфон, планшет, компютер ва ғайра мебошад» [254]. «Садои Амрико» махсус барои Ҷумҳурии исломии Эрон тавассути телевизиони шабонарӯзии «Садои Амрико 365» (VOA 365) намоишҳои худро пахш менамояд. «Муҳтавои он тавассути шабакаи моҳворавӣ, радио, сомона (www.ir.voanews.com) ва шабакаҳои иҷтимоӣ дастрасанд» [548]. Барномаҳои телевизиони мазкур 6 соат аслӣ буда, 18 соати дигар такроран пахш мегарданд. Ҳарчанд «Садои Амрико» бахши тоҷикӣ надошта бошад ҳам, вале шуруъ аз солҳои 2000-ум дар Тоҷикистон мухбирони бахши дарии «Садои Амрико» фаъолият доранд. Нурангез Рустамзода аз соли 2022 то соли 2025 ҳамчун мухбири бахши мазкур дар Тоҷикистон фаъолият дошт. «Садои Амрико» илова ба забони форсӣ ҳамчунин ба забонҳои курдӣ, урду, пашту ва дарӣ барои халқҳое, ки ба оилаи забонҳои эронӣ шомиланд, барнома дорад.

Радио «Озодӣ» дуюмин расонаи форсизабони ИМА аст, ки он ҳам ҳоло таҳти назорати USAGM қарор дорад. «Бояд қайд намуд, ки радиои Аврупои Озод дар 23 кишвар ба 27 забон, аз ҷумла бо забони форсӣ радиои Фардо ва бо забони тоҷикӣ радиои «Озодӣ» -ро таъсис додааст» [417].

Пахши барномаҳои радиои «Озодӣ» ба забони тоҷикӣ соли 1954 ҳафтае се маротиба дар ҳаҷми 5 дақиқа шуруъ шудааст. Бахши тоҷикӣ дар аввал дар ҳайати бахши ӯзбекӣ буд ва соли 1956 дар редаксияи «Туркистон» барномаҳои ӯзбекӣ, туркманӣ, тоҷикӣ, қазоқӣ ва қирғизиро муттаҳид карданд. Ҳаҷми барномаҳои тоҷикӣ дар он вақт ба 10 дақиқа ҳафтае се маротиба расонида шуд. Нахустин корманди барномаҳои тоҷикии радиои «Озодӣ» Камол Олтой ва Мир Сарвар журналистони касбӣ набуданд ва дар асоси маводди дигар шуъбаҳои Радиои «Озодӣ» ва матбуоти русӣ мавод омода мекарданд ва ночор забони русиро омӯхтанд.

Аввалин журналисти касбии бахши тоҷикии радиои «Озодӣ» яҳудии бухороӣ Маркиел Даниэл буд ва тахаллуси Музаффар Орифиро дар радиои мазкур дошт ва ӯ «собиқ корманди рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» буд» [80]. Пас аз он ки Музаффар Орифӣ аз Иттиҳоди Шуравӣ ҳиҷрат намуд, ӯро ба радиои

«Озодӣ» ба кор даъват карданд. Музаффар Орифӣ ба амрикоиҳо дар хусуси миллати тоҷик ва нуфузи онҳо маълумот дода, пешниҳоди ташкили бахши алоҳидаи барномаҳои тоҷикиро намуд. Ба ӯ муяссар гардид, ки соли 1977 шуъбаи махсуси тоҷикиро дар радиои «Озодӣ» таъсис диҳад. Ҳамкории журналистон аз Тоҷикистон бо радиои «Озодӣ» аз аввали соли 1995 оғоз ёфт ва даҳҳо журналистон дар он фаъолият намуданд ва ҷамъе то ҳанӯз дар ин расона кор мекунанд.

Пас аз фурӯ пошидани Иттиҳоди Шуравӣ ҳаҷми барномаҳои радиои «Озодӣ» дар бахши тоҷикӣ зиёдтар гардида, се соат дар як шабонарӯзро ташкил медоданд ва баъдан ҳаҷми барнома боз ҳам зиёд гардида то ба шаш соат расонида шуданд. Барои тақвияти тарғиботи худ дар ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ роҳбарияти радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» лоиҳаи навбатии худро бо номи Умури ахбори Осиёи Марказӣ роҳандозӣ карданд вале ин амали худро зери шиори фароҳам овардани шароит ба ҷамъоварӣ, интишори озоди ахбор ва мадад ба расонаҳои Осиёи Марказӣ пардапӯш намуданд. Дар Умури ахбори Осиёи Марказӣ зиёда аз 10 нафар журналистони варзида фаъолият доранд, ки ба забонҳои миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ балад ҳастанд. Дар асоси лоиҳаи мазкур маводди иттилоотӣ, суратҳо аз макони ҳодисаву рӯйдод ва маводди видеоӣ ба таври ройгон нашр карда мешавад ва нусхаи онҳо ба почтаи электронии журналистон ва идораҳои расонаҳои кишварҳои Осиёи Марказии обуначии онҳо равон карда мешавад.

Маводди радиои «Озодӣ» илова ба сомонаи худи радио – http://www.ozodi.org боз дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷумла, фейсбук, твиттер, ютуб ва инстаграм дастрасанд. Сомонаи радиои мазкур чандрасонаӣ буда, дар он маводди матнӣ, аудиоӣ ва видеоӣ ҷойгир шудаанд. Инчунин тариқи подкаст ва RSS ба маводди расонаи мазкур дастрасӣ пайдо намудан мумкин аст. Инчунин аз тариқӣ «Ozodi TV» ва аккаунтҳои он дар Ютуб - «Ozodivideo» ва «Ахбори Тоҷикистон» ахбори Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон пахш мегардад.

Саҳифаи радиои «Озодӣ» дар фейсбук санаи 27 сентябри соли 2011 кушода шуда, дар санаи 23 апрели соли 2025 беш аз 607000 обуначӣ дошта, маводди онро

208000 нафар писандиданд. Радиои «Озодӣ» 1,8 миллион обуначӣ дар шабакаи инстаграм дошта, 19,9 ҳазор мавод интишор намудааст. Ютубканали радиои «Озодӣ» - Ozodivideo 2,47 миллион обуначӣ дошта, то санаи 23 апрели соли 2025 беш аз 33000 навор нашр намудааст, ки як навори сертамошобинтарини он дар давоми 6 сол таваҷҷуҳи беш аз 12 миллион тамошобинро ба худ ҷалб намудааст. «Моҳи декабри соли 2002 бахши форсӣ муштаракан бо радиои «Садои Амрико» барои Эрон радиои «Фардо»-ро таъсис доданд» [80]. Радиои «Озодӣ» дар ибтидои соли 2002 радиои «Озодӣ» барои бурдани ҷанги иттилоотӣ нашри гуфторҳои худро ба Афғонистон шуруъ кард ва он радиои «Афғонистони озод» ном гирифт. Журналистон Ҳошими Муманд ва Самеъ Аббос аз бахши тоҷикии радиои «Озодӣ» ба он шуъба гузаштанд. Новобаста аз он ки расонаҳои тарғиботии ИМА хеле фаъол ҳастанд, Президенти нави ИМА –Доналд Трамп аз замони оғози фаъолият дар соли 2025 ба коҳиш додани хароҷоти буҷаи ИМА ва сарфа намудани маблағҳо як қатор ислоҳотро дар ИМА ва ниҳодҳои он роҳандозӣ намуд. Яке аз он тасмимҳо ихтисори будҷаи Созмони ҷаҳонии расонаҳои ИМА, бастани «Садои Амрико» ва ихтисори будҷаи радиои «Озодӣ» дар моҳи марти соли 2025 мебошад. «Фармони Доналд Трамп дар бораи ихтисори бахши аъзами будҷаи Ҳукумати федеролии Амрико на танҳо ба расонаҳои форсизабон дахл дорад. Тибқи ин фармон, будҷаи Созмони ҷаҳонии расонаҳои ИМА ва шаш созмони марбут ба фаъолияти шаҳрвандӣ шадидан маҳдуд карда шудааст» [482]. Дар пайи ин фармон сару садоҳо бештар гардид ва роҳбарияти расонаҳои мавриди назари Ҳукумати ИМА ва бархе журналистон аз болои ин фармон ба додгоҳ шикоят бурда, иҷроиши онро боздоштанд.

Радиои «Эрони озод» ба забони форсӣ лоиҳаи дигари радиои «Аврупои Озод»/Радиои «Озодӣ» буд, ки тирамоҳи соли 1998 барои тарғибот ба ҷавononи Ҷумҳурии Исломии Эрон таъсис дода буданд. Барномаҳои радиои мазкур муддати 5 сол хабар ва мусиқиро тариқи мавҷи кӯтоҳ барои Эрон пахш намояд ҳам, комёб нагашт, зеро ҳаҷми барномаҳо кам буданд. Аз 19-уми декабри соли 2002 радиои навтаъсиси ИМА - радиои «Фардо» барои Ҷумҳурии Исломии Эрон ба таври шабонарӯзӣ бо забони форсӣ ба нашри ахбор, мусиқӣ маводди таҳлилӣ

шуруъ намуд. Радиои «Фардо» масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро бештар инъикос намояд ҳам, ба мавзуъҳои варзишӣ, мусиқӣ ва муд низ мавод нашр мекунад ва ҳамзамон саҳифаҳои худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ дорад. Масъулини радиои «Фардо» аз маҳбубияти расонаи мазкур ифтихор намуда, онро «расонаи форсизабонони дунё» [318, с. 281] низ муаррифӣ мекунад.

Маводди радиоҳои форсизабон ва тоҷикии байналхалқӣ дар ВАО-и Тоҷикистон низ бознашр мегарданд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки радиоҳои байналхалқӣ низ ба фазои иттилоотии Тоҷикистон ворид гаштаанд. Пас аз он, ки дар соли 2015 радиои Би-Би-Си ба коҳиш додани теъдоди кормандони худ дар Тоҷикистон шуруъ кард ва баъд аз қатъ шудани бахши форсии радио дар соли 2023 мавқеи радиои мазкур дар фазои иттилоотии Тоҷикистон коҳиш ёфт. Аммо дар даҳсолаи аввали асри XXI мавқеи радиои «Озодӣ» дар Тоҷикистон нисбат ба расонаҳои русӣ афзуд. «Радиои «Озодӣ» дар байни шунавандаҳои тоҷик нуфузи зиёд дорад» [315, с. 268]. Дар ин масъала Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зинатуллоҳ Исмоилзода ба ин назар аст: «Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Русия низ барои нуфузи иттилоотии худ доираи сохторҳои иттилоотиашонро вусъат бахшидаанд» [260, с. 4].

Радиои байналхалқии «Мавҷи Олмон» аз 3 майи соли 1953 ба фаъолият шуруъ карда, аввалан тариқи радио, сипас тавассути телевизиони ҳамном ва ҳоло ба 32 забон дар сомонаи худ контент нашр менамояд. Бахши форсии радиои мазкур аз соли 1964 ва бахши дарии он аз соли 1970 фаъолият дорад. Муҳаққиқ Анҷум Маҳмуд муайян намудааст, ки «пахши барномаҳои «Мавҷи Олмон» дар кишварҳои исломӣ зиёд гардидааст» [218, с. 283]. Аз ҷумла, расонаи мазкур ба забонҳои туркӣ, дарӣ, форсӣ, пашту, урду ва дигар забонҳо барои мусалмонон мавод интишор менамояд.

Агентии иттилоотии байналхалқии «Россия сегодня» дар тобеъияти худ радиои «Sputnik»-ро дорад, ки меросхӯри радиои «Маскав» ва «Голос России» мебошад. Радиошунавонии Иттиҳоди Шуравӣ аз тариқи радиои «Маскав» ба 75 забон, аз он ҷумла пашту ва дарӣ амалӣ мегардид. Ҳоло радиои байналхалқии «Sputnik»-и Русия ба зиёда аз 30 забони дунё барнома пахш мекунад. Радиои

байналхалқии «Sputnik» барои ҳар як кишвари пахш номи он давлатро дар охири номи худ илова намудааст. Масалан, бахши тоҷикии ин радио «Sputnik – Тоҷикистон» ном дорад. Радиои байналхалқии «Sputnik» фаъолияти худро аз 10 ноябри соли 2014 дар заминаи радиои «Голос России» идома медиҳад. Радиои мазкур сомонаҳои чандрасонаӣ дошта, бо радиои «Озодӣ» рақобат дорад. Сомонаи форсии радиои «Sputnik» ба ду бахши бузург – Эрон ва Афғонистон тақсим мешавад. Сомонаи тоҷикии он ҳам фаъол аст.

Радиои «Sputnik» барои таҳқими робита ба Ҷумҳурии Исломии Эрон бештар талош дорад, зеро Федератсияи Русия ва Эрон ҳамкориҳои худро густариш дода истодаанд. 10 августи соли 2023 муовини раиси Оҷонсии Тасними Эрон Абдуллоҳ Абдуллоҳ ва Василий Пушков, мудири ҳамкориҳои байналмилалии «Sputnik» миёни ду расона як ёддошти ҳамкорӣ имзо карданд. Иван Захаров, сардори Раёсати кор бо кишварҳои Ховари Миёнаи Сарраёсати Муттаҳид оид ба пахши хориҷии «Sputnik» таъкид кард: «Мо дар «Sputnik» ва дар бахши форсӣ талош мекунем, ҳама рӯйдодҳоро дар заминаи ҳамкориҳои ду кишвар инъикос ва нашр кунем» [491].

Радиошунавонии байналхалқии Фаронса ҳанӯз аз соли 1937 шуруъ шудааст. Радиои байналхалқии Фаронса (Radio France Internationale - RFI соли 1982 таъсис ёфта, соли 2011 барҳам хӯрд ва ҳоло вай ба ширкати «Франс Медиа Монд» тааллуқ дошта, ба 16 забон барнома пахш мекунад. Аз ҷумла, аз соли 1990 бахши форсии радио фаъол аст.

Бахши форсии Радиои байналхалқии Фаронса (Radio France Internationale - RFI) ҳамчун манбаи муҳимми иттилоотӣ ва фароғатӣ барои ҷомеаи форсизабонон хидмат мекунад. Ин радио як қатор барномаҳои фарогиреро пешниҳод мекунад, ки хабарҳо, мусиқӣ ва дигар муҳтавои фарҳангиро дар бар мегирад. Садоқатмандии он барои расонидани мундариҷаи босифат онро ба як платформаи муҳим барои шунавандагоне табдил додааст, ки дар ҷустуҷӯйи маълумоти боэътимод ва фароғатии гуногунанд.

Рисолати аслии бахши форсии радиои байналхалқии Фаронса таъмини матолиби наву дақиқ дар мавзуъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ аст.

Хадамоти хабарии шабонарӯзии ин шабака кафолат медиҳад, ки шунавандагони он аз охирин таҳаввулоти Эрон, Афғонистон, Фаронса ва дар саросари ҷаҳон огоҳ бошанд. Ин ҷараёни доимии ахбор ба шунавандагон кумак мекунад, ки аз рӯйдодҳо ва тамоюлҳои муҳимме, ки ба ҷаҳони онҳо таъсир мерасонанд, огоҳ бошанд. Илова бар барномарезии хабарнигории RFI Persian интихоби ғании муҳтавои фарҳангӣ ва мусиқиро пешкаш мекунад. Аз тариқи шабакаи мазкур мусиқии баёнгари фарҳанги ҷаҳонии форсизабонон пахш мегардад ва дар баробари он гуфторҳое нашр мешаванд, ки мавзуъҳои гуногуни фарҳангиро меомӯзонанд ва дар хусуси ҳунар ва суннатҳои кишварҳо ва ҳавзаҳои сукунати форсизабон маълумот медиҳанд.

Радиои форсии Фаронса ҷонибдори мусоидат ба муколама ва табодули афкор аст. Ин радио бо фароҳам овардани як платформа барои баҳсҳо ва андешаҳо, ба назари мутавозин ва беғаразона ба рӯйдодҳои ҷаҳонӣ мусоидат намуда, табодули фарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмиро байни шунавандагони худ ташвиқ мекунад.

Радиои байналхалқии Чин (China Radio International), ки радиостансияи бурунмарзии Ҳукумати Чин мебошад, 3 декабри соли 1941 таъсис ёфтааст. Ин радио бо бештари забонҳо яке аз расонаҳои мукаммал ва маъмултарин дар ҷаҳон маҳсуб мешавад. Радиои Байналхалқии Чин дар соли 2025 барномаҳои худро ба 65 забон дар саросари ҷаҳон пахш мекунад. Барномаҳои ин радио бо роҳҳои гуногун ва чандрасонаӣ, тавассути радио, телевизион, интернет ва телефони мобилӣ ба шунавандагон пахш мешаванд.

То моҳи апрели соли 2014 Радиои байналхалқии Чин тавонистааст 97 филиал, 24 студияи таҳияи барномаҳо, 13 Донишкадаи Конфутсий, 40 намояндагӣ дар хориҷа ва 6 канали радиои FM дар кишвар таъсис ва роҳандозӣ кунад. «Радиои байналхалқии Чин бо 160 ширкати радиоии ҷаҳон ҳамкориро ба роҳ мондааст, ки бо шарофати ин 98 фоизи шунавандагони радио барномаҳоро бо забони миллӣ шунида метавонанд» [231, с. 144].

Бахши форсии Радиои Байналхалқии Чин аз соли 1957 ба фаъолият шуруъ кард. Барномаҳои ин бахш ҳамарӯза ним соат дар кишварҳои Эрон, Афғонистон,

Тоҷикистон ва Покистони Шимолӣ пахш мешаванд. Дар ҳоли ҳозир дар ҳамкорӣ бо «Радиои Фарҳанг»-и Эрон барномаҳои радиои байналмилалии Чин дар саросари Эрон пахш мешаванд.

Вебсайти бахши форсӣ бо номи Persian.cri.cn низ моҳи октябри соли 2003 расман фаъол шуд. Барномаҳои бахши форсӣ ҳамарӯза ним соат дар Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ва манотиқи шимоли Покистон шунида мешавад ва ҳар як бахши ин барнома дар як рӯз ду бор такрор мешавад. Ҳудуди бист корманди чиниву эронӣ дар ин шуъба кор мекунанд ва барномаҳои он хабару рӯйдодҳои байналхалқӣ, иттилооти фарҳангӣ, ҳаёти мусулмонони чинӣ, энсиклопедияи Чин, сайри Чин, мусиқӣ ва омӯзиши забони чиниро дар бар мегиранд.

Сомонаи форсии Радиои байналхалқии Чин (CRI) расман 26 декабри соли 2003 ба фаъолият оғоз кард. Мундариҷаи ин сомона мавзуъҳои зиёдеро дар бар мегирад, аз ҷумла фарҳанги чинӣ, ҳаёти мусулмонони чинӣ, мусиқӣ ва омӯзиши забони чинӣ, ки дар байни онҳо барномаи таълимии забони чинӣ аз ҷониби шунавандагон хеле хуб пазируфта шудааст. Дар ҳоли ҳозир шумори боздид аз сомонаи форсӣ ҳар моҳ наздик ба 1 миллиону 200 ҳазор нафар мерасад.

Бахши форсии Радиои байналхалқии Чин бо шунавандагони зиёде аз манотиқи мухталифи ҷаҳон иртибот доштааст. Дар соли 2009 ба шуъба аз шунавандагони худ ҳудуди 3500 мактуб ворид шудааст, ки беш аз 85 дарсади онҳо дар шакли почтаи электронӣ буданд. Аксари мактубҳои ирсолшуда аз Эрон, Афғонистон ва Покистон мебошанд.

Бахши форсии Радиои байналхалқии Чин бо таҷрибаи беш аз 50-сола ба пешрафтҳои бузурге ноил шудааст ва ба далели пазируфтани густурдаи бисёре аз барномаҳои ин бахш ба як пули муҳимми иртибот миёни Чин ва шунавандагони форсизабон табдил шудааст. «Имрӯз Радиои байналхалқии Чин дар назди худ вазифаи созмондиҳии имиҷи мусбати кишварро дар арсаи байналхалқӣ бо ёрии «қувваи нарм» ба зимма гирифтааст» [380].

NHK («Ниппон Хосо Кёкай») яке аз ширкатҳои машҳури радио ва телевизиони ҷопонӣ аст, ки «аз 1-уми июни соли 1935 радиошунавонии хориҷии худро фаъол намуд» [383]. Соли 1944 радиошунавонии хориҷии Ҷопон ба 24

забон дар ҳаҷми 33 соату 5 дақиқа дар як шабонарӯз фаъол буд, аз ҷумла забони форсӣ. Баъд аз мағлубияти Ҷопон дар Ҷанги ҷаҳонии дуюм радиошунавони хориҷӣ як муддат қатъ гардид ва баъдан идома пайдо кард, вале танҳо соли 1991 барномаҳои форсӣ дар радиои ҷопонӣ эҳё гардид ва теъдоди забонҳои хориҷӣ ба 22 адад расид. Дар соли 2016 теъдоди забонҳои радиои мазкур то ба 18 забон ихтисор гардид, вале бахши форсӣ ва урдузабони он фаъолияти худро идома доданд. Ҳоло «хадамоти байналхалқии NHK тавассути телевизион, радио ва интернет ба тамоми ҷаҳон фаъолият дорад» [525]. NHK World Radio Japan сиёсати иттилоотии худро дар асри нав тағйир дода, бештар ба нашри навигариҳои Ҷопон, муаррифии дастовардҳои он ва фарҳанги ҷопонӣ таваҷҷуҳ дорад, инъикоси авзои ҷаҳон ба мавзуи дуюмдараҷа табдил ёфт. Шуруъ аз якшанбеи 30 марти соли 2025 барномаҳои форсии радиои мазкур дар басомади мавҷи кӯтоҳ ва вақти пахши моҳвораи Hotbird тағйир дода шуд, акнун барномаи шомгоҳӣ дар соати 14:30 бо вақти Теҳрон, 13:00 ба вақти Теҳрон ва 13:00 ба вақти Кобул дар басомади нави 17830 кҲс пахш мешавад. Барномаи саҳарӣ инчунин баъд аз ним соат тавассути шабакаи ҷаҳонии радиоии Eutelsat HOTBIRD 13G дар соати 4:30 UTC, 8:00 ба вақти Теҳрон ва 9:00 ба вақти Кобул пахш мешавад. Сомонаи радиои мазкур ба 21 забон, аз он ҷумла форсӣ фаъол аст.

Радиоҳои форсизабони давлатҳо ва ё созмонҳои алоҳида. Дар баробари кишварҳои абарқудрат баъзе давлатҳо бахши форсиро дар радиоҳои худ ташкил намуданд. Чунин радиоҳо барои бурдани тарғибот дар байни форсизабонон, муаррифии кишвар ва тарғиби сиёсати давлатҳои алоҳида барои форсизабонон мебошад. Инчунин давлатҳои рақиб тавассути чунин радиоҳо ҷанги иттилоотиро алайҳи форсизабонон анҷом медиҳанд. Аз миёни кишварҳои форсизабон аз ҳама бештар нисбати Эрон чунин ҳамлаҳои иттилоотӣ роҳандозӣ мегарданд. Мисоли ин радиои форсизабони Исроил аст.

Радиошунавонӣ ба забони форсӣ дар Исроил аз соли 1949 [472] ва ба шеваи яҳудии бухороӣ аз соли 1975 оғоз шудааст. Аз моҳи майи соли 1957 бахши форсии радиои Исроил фаъолият дорад. Ба назари В.И. Месамед бахши форсии

радиои «Кол Исраэл» соли 1958 оғоз шудааст, вале ӯ танҳо фаъолияти расмиро дар назар дорад.

Давлати Исроил тавассути радио нисбати Эрон ҷанги иттилоотии фаъол мебарад. Дар ин самт бештар ба мухолифони Ҳукумати Эрон минбар дода мешавад. Дар шароите, ки Эрон ва Исроил ба ҳам бархурди ҳарбӣ намуданд, тарғибот дар радиои мазкур авҷ гирифта, иттилооти ғаразнок зиёд интишор мегардад. Ҳамчунин давлати Исроил тавассути роҳандозии «қувваи нарм» мехоҳад тасаввуроти эрониёнро нисбати Исроил тағйир диҳад. Аз ҷумла чунин амал мекунад: «Дар барномаҳои ахборӣ ба ҳаёти аҳолии одӣ бештар таваҷҷуҳ менамоянд. Таҳлили болоравии арзиши имрӯзаи маҳсулоти хӯрокворӣ дар муқоиса бо арзиши солҳои қаблӣ пешниҳод мегардад» [284, с. 191]. Инчунин сиёсати Ҳукумати имрӯзаи Эрон дар барномаҳои радиоии ин кишвар маҳкум мешавад, то ки боварии мардум коҳиш ёбад (М.С.).

Ба истиснои бахши форсӣ Исроил радиошунавонии хориҷиро ба дигар забонҳо дар мавҷи кӯтоҳ соли 2013 қатъ карда, нимаи моҳи майи соли 2017 антенаҳои мавҷҳои кӯтоҳро нобуд кард. Мавҷи радиои «Садои Исроил» аз маркази Явне, шаҳре дар наздикии Тел-Авив пахш мегардид. Ҳоло Исроил радиошунавонии хориҷии худро дар мавҷҳои миёна аз шаҳри Явне боз эҳё намуд. ««Галей Сахал» радиои қувваҳои мусаллаҳи Вазорати мудофиаи Исроил буда, аз аввали соли 2024, дубора дар мавҷҳои миёна ва якбора дар ду басомад – дар мавҷи асосӣ - 1287 кҲс (бо иқтидори 100 кВт) ва дар мавҷи 945 кҲс, ки соли 2005 пахши барномаҳоро дар соли 2005 қатъ карда буд, ба пахши барномаҳо шуруъ кард» [427].

Давлати дигаре ки барои форсизабонон тарғибот мебарад ин Туркия аст. 18-уми майи соли 2015 шабакаи байналмилалии TRT World ба кор шуруъ кард. «Аз моҳи январи соли 2022 Ширкати радио ва телевизиони Туркия бо 41 забон барнома пахш мекунад» [436], ки 18 шабакаи телевизионии миллӣ ва байналмилалӣ, 19 радио ва платформаҳои хабарии рақамиро дар бар мегирад. Ширкати мазкур дар интернет вебсайти худро www.trt.net.tr ба туркӣ ва забонҳои дигар дорад.

Шабакаи давлатии радио ва телевизиони Туркия, рӯзи сешанбе 17 декабри соли 2024 ба таври расмӣ бахши форсии худро оғоз кард. Мудири кулли ширкат Зоҳид Собачи бар аҳаммияти забони форсӣ дар густариши робитаҳои фарҳангӣ ва минтақавӣ таъкид кард. Вай иброз намуд, ки бахши форсии Ширкати телевизион ва радиои Туркия «ҳадафи таҳкими равобити туркҳо ва форсизабононро ба унвони як минбари муътамад дорад» [541].

Ҳарчанд ҳадаф аз ташкили телевизиони форсиро пайванди муштараки фарҳангӣ, густариши ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ номида бошанд ҳам, дар асл Туркия иқтидори ҳарбӣ ва иқтисодии худро вусъат дода, сарзаминҳои қаблии Империяи Усмониро барқарор карда, нуфузи худро дар Эрон, Афғонистон ва Осиёи Марказӣ мустаҳкам намудан мехоҳад. Телевизиони форсӣ барои амалӣ намудани чунин ҳадафҳо барои Туркия хидмат хоҳад кард.

Арманистон яке аз давлатҳои дигаре аст, ки пахши радиоро ба забони форсӣ ба роҳ мондааст. «Радиои Ереван дар ибтидои мавҷудияти худ (солҳои 20-30) ба забонҳои арманӣ, русӣ ва туркӣ ва қисман ба курдӣ барнома пахш мекард [343]. Ба ғайр аз арманӣ, радиои ҷамъиятии Арманистон ҳоло ба 14 забон, аз ҷумла форсӣ ва курдӣ барнома пахш менамояд. Сомонаи радиои ҷамъиятии Арманистон ба забони форсӣ низ фаъол буда, рубрикаи алоҳидае бо унвони «Эрон» дорад, ки тамоми рӯйдодҳои Эрон ва ҳамкориҳо бо ин кишвар дар ин бахш ҷой дода мешавад. Арманистон ва Эрон равобити хуб доранд ва ҷониби Арманистон тавассути радиои форсӣ ба таҳкими ин робитаҳо талош дорад.

Пахши барномаҳои хориҷии «Радиои Боку» бори нахуст 20 июли соли 1941 ба кор даромад. То солҳои 80-ум ҳаҷми барномаҳои хориҷӣ аз Боку дар як шабонарӯз тақрибан шаш соатро ташкил медод, ки аз он 45 дақиқа барномаҳои форсӣ буд. Тақрибан соли 2018 пахши мавҷи миёнаи радиои «Садои Озарбойҷон» қатъ шуд ва ин радио танҳо дар моҳвора ва интернет боқӣ монд.

Ба ғайр аз радиоҳои давлатҳои алоҳида боз созмонҳои динӣ низ барои форсизабонон радио таъсис доданд. Радиои ҷаҳонии порсӣ - Persian World Radio намунаи радиои динӣ мебошад. Ташкилоти масеҳии «Миссион нетворк нюс – MNN Радиои ҷаҳонии порсиро таъсис дод» [551]. Радиои мазкур як радиои

Аз пажуҳиши масоили илмии таҳқиқоти худ ба чунин хулоса омадем:

1. Маълум гардид, ки новобаста ба шарҳу тавзеҳи гуногуни олимон журналистикаи байналхалқӣ тавсифи умумӣ дошта, вазифаҳои огоҳ намудани аудитория аз руйдодҳои олам, муаррифии кишварҳо дар арсаи байналхалқӣ, таҳлили вазъияти давлатҳо барои аудиторияи ВАО-и байналхалқӣ, барои аудиторияи расонаҳои миллӣ баррасӣ намудани ҳаёти байналхалқӣ, бозтоби масъалаҳои умумиҷаҳонӣ ва тамаркузи таваҷҷуҳи аҳли башар ҷиҳати ҳалли проблемаҳои мазкурро ба анҷом мерасонад [10-М; 38-М].

2. Ба журналистони байналхалқӣ дар асри XX донистани кишваршиносӣ ва забони хориҷӣ дар баробари касби журналистӣ шарти асосӣ мебошад. Зимни таҳқиқ маълум гардид, ки дар асри XXI илова бар забондонӣ ва ҷуғрофидонӣ истифода аз техника ва технологияи муосири ВАО, омодагии доимӣ ба сафарҳои ногаҳонӣ, маҳорати баланди журналистӣ аз шартҳои асосии журналистикаи байналхалқии муосир гардидаанд. Журналистони байналхалқӣ дар ташаккули афкори ҷомеа оид ба масъалаҳои глобалӣ нақши хеле бузург доранд [6-М; 37-М].

3. Дар журналистикаи байналхалқии муосир вобаста ба дигаргуниҳои ҳаёти байналхалқӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар бахши таҳлили проблемаҳо, фаъолияти ВАО-и байналхалқӣ, бахши инъикос, қолаби пешниҳоди ахбор ва фаъолияти эҷодии журналистони байналхалқӣ тағйирот ба амал омад. Рушди интернет ва технологияи комуникатсионӣ ба густариши ВАО-

и байналхалқӣ мусоидат намуда, истифодаи роботҳо дар баъзе расонаҳои байналхалқӣ ба пайдоиши роботжурналистика мусоидат намуд. Таваҷҷуҳи зиёд ба мавзуъҳои экологӣ ва сайёҳӣ дар расонаҳои байналхалқӣ ба бахшҳои алоҳидаи журналистикаи байналхалқӣ табдил ёфтани онҳо гардид [9-М; 25-М; 32-М; 36-М].

4. Зимни таҳқиқ муайян гардид, ки дар журналистикаи байналхалқии муосир ҳамоно масъалаҳои аккредитатсияи журналистони байналхалқӣ, озодии сухан, рақобат миёни ВАО-и байналхалқӣ, миллӣ ва журналистикаи шаҳрвандӣ, риоя нагаштани ахлоқ ва этикаи касбӣ, дезинформатсия, истифодаи ВАО-и байналхалқӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ, коҳишёбии обеъктивият дар маводди расонаҳои байналхалқӣ, нақши журналистикаи байналхалқӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, коҳишёбии касбият дар журналистикаи байналхалқӣ, баррасии яктарафаи масоили глобалӣ аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мераванд [9-М; 27-М].

5. Вазъияти байналмилалӣ ва таҳаввулоти гуногун ба фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ асари худро мерасонад ва ба мувофиқшавии журналистони байналхалқӣ ба дигаргуниҳои қонунҳои давлатҳо ва таҳаввулоти бахш мусоидат менамояд. Мушкилоти ВАО-и байналхалқӣ ва сар задани ҳолатҳои ногувор дар журналистикаи байналхалқӣ аз масъалаҳои муҳимме ба ҳисоб мераванд, ки доимо ба баррасии асосҳои илмӣ -назариявӣ зарурат доранд [9-М; 28-М].

6. Журналистика аз давраи аввали пайдоиши худ хусусияти байналхалқӣ дошта, зуҳури журналистикаи байналхалқӣ ҳамчун як шохаи алоҳидаи журналистика аз таъсиси агентиҳои иттилоотӣ оғоз шуда, ВАО-и байналхалқӣ дар замони муосир аз муҳимтарин бахши на танҳо журналистика, балки ҳаёти байналхалқӣ гардидаанд [4-М; 7-М; 13-М].

7. Маълум гардид, ки зуҳур ва инкишофи журналистикаи байналхалқии тоҷик се марҳида дорад: Зуҳури журналистикаи байналхалқии тоҷик, журналистикаи байналхалқии тоҷик дар асри XX ва журналистикаи байналхалқии муосири тоҷик. Рӯзномаи «Бухорои шариф» на танҳо сарочозои журналистикаи чопии тоҷик аст, балки журналистикаи байналхалқии тоҷик аз он ибтидо гирифтааст [15-М].

8. Дар замони муосир ВАО-и Тоҷикистон бо беҳтар намудани имкониятҳои техникӣ ва роҳандозии усулҳои муосири паҳнсозии иттилоот ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид гардида, дар баробари истифодабарандаи маводди ВАО-и байналхалқӣ ба паҳнкунандаи иттилооти кишвар дар фазои иттилоотии ҷаҳон табдил ёфтанд [2-М; 3-М; 21-М].

9. Масъалаи муайян намудани нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи мусбати давлат ҳанӯз ҳам муассир буда, он ба равобити сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо таъсири амиқ мегузорад. Масъалаи шинохти кишварҳо дар арсаи байналхалқӣ хеле муҳим аст ва Тоҷикистон низ ба ташаккули симои мусбати кишвар ҳавасманд буда, дар ин самт аз хидмати ВАО-и байналхалқӣ, хориҷӣ, ватанӣ ва блогерҳои хориҷӣ бештар истифода менамоянд [11-М; 17-М; 33-М].

10. Масъалаи муаррифии кишварҳо дар журналистикаи байналхалқӣ аз мавзуъҳои муҳим ба шумор рафта, баррасии имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар ВАО-и байналхалқӣ боиси афзоиши сайёҳон ба ҷумҳурӣ гардида, таваҷҷуҳ ба трэвел журналистика дар кишвар афзуд, ки яке аз самтҳои ояндадори журналистикаи байналхалқӣ ба шумор меравад [12-М; 16-М; 19-М].

11. Пешниҳоди иттилооти саҳеҳ, эҳтиром ба арзишҳо ва дастовардҳои миллӣ, инъикоси беғаразонаи масоили миллӣ дар журналистикаи байналхалқии муосир дар баробари дигар меъёрҳои касбӣ аз муҳимтарин масъалаҳо ба шумор меравад, ки риоя нагардидани он боиси афзоиши ташаннуҷи сиёсӣ ва бад гардидани муносибатҳои байналхалқӣ мегардад [8-М; 18-М; 34-М].

12. Нақши ВАО-и байналхалқӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ як мушкили печида ва бисёрҷанба аст. Ҳалли он муносибати мусолиҳатомезро аз субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ ва муассисону журналистони расонаҳо тақозо мекунад, ки дар таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [18-М; 20-М; 31-М].

13. Дар ташаккули муносибатҳои байналхалқӣ журналистикаи байналхалқӣ нақши муҳиммро мебозад, аммо он метавонад дастгоҳи иттилооти бардурӯғ ва иғвоангез гардад, ҳосили амали он тафриқаандозӣ ва душманӣ мебошад. Радиои бурунмарзии Тоҷикистон «Овози тоҷик» дар муаррифии муносибатҳои

байналхалқии Тоҷикистон ва таҳкими равобити кишвар саҳмгузор аст [11-М; 14-М].

14. Муайян гардид, радиоҳои байналхалқии форсизабонони олам аз намудҳои зерин иборатанд: радиоҳои давлатҳои форсизабон, радиоҳои байналхалқи форсӣ, радиоҳои давлатҳо ва ташкилотҳои алоҳида ба забони форсӣ, радиоҳои муҳоҷирони форсизабон. Дар асри XXI рақобат барои фатҳи шуури форсизабонон беш аз пеш густариш ёфта, ба муҳиммтарин бахши тарғиботи байналхалқии кишварҳои абарқударат ва дигар давлатҳо мубаддал гаштааст ва зиёда аз 20 кишвар барои форсизабонон барномаҳои радиоӣ, телевизионӣ ва контентҳои интернетӣ таҳия ва пахш менамоянд [22-М; 23-М; 30-М].

15. Журналистикаи байналхалқии тоҷик аз ВАО-и байналхалқии Тоҷикистон ва ВАО-и байналхалқӣ ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ иборат аст, ки кишварҳо, созмонҳои гуногуни хориҷӣ ва муҳоҷирони форсизабон дар хориҷа таъсис додаанд. Фарқияти ВАО-и байналхалқии хориҷӣ барои форсизабонон, даризабонҳо ва тоҷикон аз журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон дар он аст, онҳо ҳамчун минбари тарғиботи дигар кишварҳо барои форсизабонон ба шумор мераванд. Журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон ба муаррифии кишвар, барқарорсозии робита ва ҳифзи ҳувияти миллии ҳамватанон ва ҳамзабонони муқими хориҷа, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи байналхалқӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотии ҷумҳурӣ дар муқобил ба тарғиботи хориҷӣ ва байналхалқӣ равона гардидааст [1-М; 22-М].

16. Бозтоби навигариҳои олам ва пешниҳоди маводди таҳлилӣ доир ба авзои байналхалқӣ дар расонаҳои Тоҷикистон бо роҳҳои нашри тарҷумаи мавод, бознашр бо забони асл (дар расонаҳои русӣ), таҳияи мавод бо истифодаи факту далелҳои ВАО-и байналхалқию хориҷӣ аз ҷониби журналистон ба роҳ монда шудааст [5-М; 24-М; 26-М; 35-М].

17. Ба яке аз субъектҳои фаъоли муносибатҳои байналхалқӣ дар самти баррасии проблемаҳои глобалӣ мубаддал гардидани Тоҷикистон, ҷонибдорӣ ёфтани ташаббусҳои байналхалқии Пешвои миллат, таваҷҷуҳ ба масоили

глобалӣ дар расонаҳои Тоҷикистон вусъат гирифта, нигоҳи ВАО-и байналхалқӣ ба Тоҷикистон афзуд [17-М; 29-М; 33-М].

18. Надоштани мухбирони худӣ дар хориҷа бинобар мушкилоти молиявӣ, интихоби нодуруст дар пешниҳоди рӯйдодҳои олам, надоштани таҳсилоти журналистии баъзе аз кормандони бахши ахбори хориҷӣ ва байналхалқӣ, бештар ба ахбори манфии кишварҳо таваҷҷуҳ намудани расонаҳои ватанӣ, ба назар нагирифтани аҳаммияти иттилоот барои аудиторияи ватанӣ ва байналхалқӣ, густариш ёфтани фаъолияти ВАО-и байналхалқӣ ва хориҷӣ дар фазои иттилоотии кишвар аз нукоти муҳими дигари таҳқиқ ба ҳисоб меравад [5-М; 22-М; 26-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАИ ТАҲҚИҚ

Барои беҳтар шудани вазъи ВАО-и байналхалқӣ дар Тоҷикистон ва рушди соҳа зарур медонем, ки як қатор тавсия, пешниҳод ва усулҳои корро қайд намоем:

1. Бахши ахбори англисии сомонаҳои ВАО-и Тоҷикистон, махсусан телевизиони «Ҷаҳоннамо» бештар гардад. Инчунин ба забонҳои чинӣ, туркӣ, ҳиндӣ, урду, дарӣ, уйғурӣ, ӯзбекӣ, қазоқӣ, қирғизӣ, туркманӣ, куриёӣ ва ҷопонӣ ба роҳ мондани сомонаҳо ба манфиати ҷумҳурӣ аст.

2. Барои беҳтар гардидани имиҷи кишвар корбурди усулҳои муосири пешниҳоди иттилоотро бамаврид медонем: Нашри бештари мақолаҳо ва мусоҳибаҳои шахсони расмӣ дар ВАО-и байналхалқӣ, нашри маводди таблиғотӣ дар расонаҳои байналхалқӣ, таъсиси намояндагиҳои хориҷии расонаҳои Тоҷикистон ва бештар намудани ҳамкорӣ бо расонаҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ, истифода кардан аз имкониятҳои ВАО-и байналхалқӣ зимни иштирок дар ҳамоишҳои байналхалқӣ, созмон додани саёҳати журналистони байналхалқӣ.

3. Нашри изҳороти расмӣ дар атрофи масъалаҳои муҳимми ҷаҳон, минтақа ва кишвар ба ташаккули имиҷи кишвар мусоидат менамояд. Вобаста ба масъалаҳои муҳимми кишвар, минтақа ва ё ҷаҳон мақомоти расмии кишварҳо мавқеи худро тавассути ВАО иброз намуда, манфиатҳои миллии кишвари худро ҳимоя менамоянд ва ё амалу пешниҳоди дигар субъектҳои муносибатҳои байналхалқиро ҷонибдорӣ менамоянд.

4. Пешниҳоди саривақтии иттилоот ба намояндагиҳои ВАО-и байналхалқӣ ва ватанӣ роҳи асосии пешгирӣ аз паҳншавии иттилооти ғаразнок аст.

5. Таъсиси маркази имиҷсозӣ дар таркиби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои зерсохтори он дар хориҷи кишвар. Чунин марказҳои имиҷсозӣ ва ё таблиғотӣ дар таҷрибаи давлатҳои абарқудрат ва дигар давлатҳо вуҷуд доранд ва дар сохтори ВКХ ва ташкилотҳои зертобеи он дар хориҷа таъсис додани он ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи

байналхалқӣ хеле муҳим буда, ин вазифаи пурмасъулро танҳо ба дӯши сафоратхонаҳои кишвар дар хориҷа гузоштан камсамар аст.

6. Дар ташаккули имиҷи мусбати кишвар ва миллат на танҳо масъулин, балки ҳар як шаҳрванд ва намояндаи миллат нақш гузошта метавонад. Аз ин рӯ, таъсиси мукофотҳо ва ҳавасмандгардонии муҳоҷирони тоҷик барои накӯкорӣ ва баланд бардоштани эътибору нуфузи миллат ва давлат дар хориҷа роҳандозӣ гардад. Нисбати онҳое ки эътибори миллат ва давлатро дар хориҷа паст мезананд, маҳдудият ба сафари хориҷӣ ба муддати то ду сол муқаррар гардад.

7. Мусоидат ба рушди журналистикаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон намудан хеле амалӣ зарурӣ аст ва дар ин самт истифода аз имкониятҳои журналистикаи чандрасонаӣ ва ҳамкорӣ бо блогерони муваффақи ватанӣ низ аз манфиат холӣ нест.

8. Расонаҳои байналхалқӣ ба хотири манфиатҳои молӣ ва сиёсати иттилоотии муассисонашон ба нашри иттилооти ғаразнок доир ба кишварҳо ва миллатҳо иқдом менамоянд. Дар муқобили чунин маъракаҳо аз хидмати блогерони тоҷик, эронӣ ва афғон, ки аудиторияи зиёд доранд ва бо шахсиятҳои шинохтаи ҷаҳон ошно ҳастанд, истифода намудан ва бо блогерони машҳури ҷаҳонӣ ҳамкориро ба роҳ мондан ба манфиат аст.

9. Муҳоҷирони кории тоҷик қишри осебпазир буда, фирефташавии онҳо аз тарафи ҳаракату созмонҳои иртиҷоӣ ва террористӣ боиси пастравии имиҷи миллат ва давлат гардид. Аз ин рӯ, омӯзиши саводи расонаӣ ба муҳоҷирони кории тоҷик тавассути ютуб, телеграм, фейсбук ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад. Инчунин наворҳои омӯзишӣ, дарсҳои забонҳои хориҷӣ, қоидаҳои сукунат дар хориҷа аз ҷониби ниҳодҳои дахлдор ва нафарони ватандӯст барои муҳоҷирон дар ютуб бештар нашр гардад, то ки ҷавонони мо аз гирдоби тарғиботи бегонагон раҳо ёбанд ва бозичаи дасти хадамоти махсуси дигар кишварҳо ва созмонҳои ғайриқонунӣ нагарданд. Илова бар ин расонаҳои миллиро зарур аст, ки ҷиҳати пешгирии чунин авзоъ ахбори Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳонро сари вақт тавассути воситаҳои ахбори омма, махсусан саҳифаҳои худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ пешниҳоди аудитория намоянд, то ки

ҷомеаи мо ба ахбори дурӯғин бовар накунанд ва эътимодашон нисбати ВАО-и ватанӣ бештар гардад.

10. Ҷиҳати беҳтар намудани омодагии касбии журналистони байналхалқӣ дар факултети журналистикаи ДМТ зарур аст, ки ҳамкориро бо ВКХ ҶТ густариш дода, таҷрибаомӯзиҳои донишҷуёнро дар муассисаҳои ин ниҳод дар дохили кишвар ва хориҷа роҳандозӣ намоянд. Барои самаранок гардидани ин самт, зарур меояд, ки дар асоси озмуни эҷодӣ ба ихтисоси журналистикаи байналхалқии ДМТ донишҷӯ интихоб карда шавад, зеро на ҳамаи онҳое ки аз тариқи имтиҳонҳои Маркази миллии тестӣ ба донишгоҳ қабул мешаванд, барои тайёр кардани кадрҳои сатҳи байналхалқӣ ҷавобгӯянд. Ҳамзамон ВКХ ҶТ метавонад барои таъмини кадрҳои журналистӣ квотаи вазоратро ташкил намуда, бо донишҷӯёни оянда шартномаи сеҷонибаро имзо намояд.

11. Факултет ва шуъбаҳои журналистиро зарур аст, ки барои тарбияи журналистони байналхалқии таҳлилгар ҳамкориро бо журналистони таҳлилгар ва марказҳои таҳлилию омӯзишии Вазорати корҳои хориҷӣ ва Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монанд.

12. Барои беҳтар гаштани инъикоси рӯйдодҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар расонаҳои Тоҷикистон иҷрои чунин пешниҳодҳоро зарур мешуморем:

– Ҳангоми интихоб ва таҳияи ахбори хориҷӣ ва байналхалқӣ ба муҳиммияти он барои аудиторияи тоҷикистонӣ бояд аҳаммият дод;

– Бояд хатмкардаҳои факултет ва шуъбаҳои журналистӣ дар бахши ахбори хориҷии шбакаҳои телевизионӣ ба кор гирифта шаванд;

– Ҳар як рӯйдоди хориҷие, ки марбут ба тоҷикон ва тоҷикистониён аст, ҳатман инъикос гардад. Ин боиси бештар шудани аудитория ва афзудани эътибори расонаҳои ватанӣ дар кишвар мегардад;

– Ба журналистони телевизон, радио ва матбуоти даврӣ, ки омодасозии ахбори хориҷӣ ва байналхалқӣ машғул мебошанд, дар хусуси сиёсати хориҷии ҶумҳурииТоҷикистон ва таҳияи иттилооти байналхалқӣ машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ гузаронида шавад.

– Зарурати ташкили идораи ахбори хориҷӣ ва байналхалқӣ дар назди Кумитаи телевизион ва радио дар заминаи муттаҳид намудани шуъбаҳои ахбори хориҷии телевизионҳои давлатӣ ба миён омадааст. Чунки онҳо дар алоҳидагӣ фаъолият доранд ва барои ба мавқеи Тоҷикистон мувофиқ пешниҳод намудани рӯйдодҳои ҷаҳон ва пешгирӣ аз роҳёбии тарғиботи дигар кишварҳо ташкили чунин марказ зарур аст;

– Расонаҳои ватанӣ новобаста аз шакли моликият зимни инъикос ва таҳлили авзои олам ба масъалаи бумисозии мавод аҳаммияти бештар диҳанд;

– Ҳамкорӣ дар бахши табодули мустақими иттилоот бо расонаҳои дигар кишварҳо ва байналхалқӣ роҳандозӣ гардад;

13. Ҷорӣ кардани таълими фан ё ихтисоси «Трэвел-журналистика» дар факултети журналистика ва ё шуъбаҳои журналистии донишгоҳҳои Тоҷикистон.

14. Дар сохтори радиои «Овози тоҷик» тағйирот ворид карда шавад ва дар заминаи он расонаи байналхалқии интернетии Тоҷикистон бо номи «Садои Тоҷикистон» таъсис дода шавад. Таъсиси бахши чинӣ, ҷопонӣ, куриёӣ, қирғизӣ, урду, пашту, қазоқӣ, испанӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, ӯзбекӣ, русӣ, англисӣ, ҳиндӣ, арабӣ, форсӣ ва тоҷикӣ хеле зарур аст.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

I. Санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ:

1. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=32904&compareid=32904 (Санаи дастрасӣ: 16.05.2025).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» аз 18 июли соли 2017, № 1450 [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-сайёҳӣ (Санаи дастрасӣ: 14.07.2024)
3. Положение об аккредитации корреспондентов средств массовой информации иностранных государств на терретории Республики Таджикистан № 103, 1995 – 27 январ // Справочник: правовая основа журналистики [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 472 с.

II. Адабиёти илмӣ:

4. 25 қадам дар паҳнои олам [Матн] – Душанбе: Ирфон, 2016. – 219 с.
5. Азимов, А. Зеркало истории [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2019. – 60 с.
6. Айнӣ, С. Куллиёт ҷилди 11, китоби якум [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 508 с.
7. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
8. АПН: от Совинформбюро до РИА «Новости» [Текст] – М., 2001. – 192 с.
9. Атозода, М. «Бухорои шариф» ва ташаккули жанрҳои публитсистӣ [Матн] / М. Атозода. – Душанбе, 2020. – 68 с.

10. Афсаҳзод, А. Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 1980. – 223 с.
11. Баҳромзода, М.З. Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масоили об [Матн] / М.З. Баҳромзода. – Душанбе: Сино, 2018. – 112 с.
12. Баҳромзода, М.З. Баррасии об ҳамчун масъалаи глобалӣ дар матбуоти даврии тоҷик (2000-2018) [Матн] / М.З. Баҳромзода. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 224 с.
13. Беспалова, А.Г. История мировой журналистики [Текст] / А.Г. Беспалова, Е.А. Корнилов, А.П. Короченский, Ю.В. Лучинский, А.И. Станько. – Москва – Ростов-на-Дону: Издательский центр «МарТ», 2003. – 432 с.
14. Бобоев, Д. Махсусияти кор дар ВАО-и навин ва классик [Матн] / Д. Бобоев. – Душанбе: Пойтахт, 2018. – 124 с.
15. Бозоров, Н. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (Дар мисоли маводди маҷаллаи «Садои Шарқ») [Матн] / Н. Бозоров. – Душанбе: Пойтахт, 2014. – 184 с.
16. Боли сухан (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2004. – 78 с.
17. Ворошилов, В. В. История журналистики зарубежных стран [Текст] / В. Ворошилов. – СПб., 2000. – 64 с.
18. Ворошилов, В. В. Журналистика [Электронный ресурс] / В.В. Ворошилов. – Режим доступа: https://studfile.net/preview/3994750/page:2/ [Дата обращения: 10.12.2024].
19. Гоибова, Ф.М. Сайид Джамалиддин Афгани журналист и публицист XIX века [Текст] Ф.М. Гоибова. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – 200 с.
20. Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон [Матн] / П. Гулмуродзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 160 с.
21. Гулов, С. Амвоҷи сухан [Матн] / С. Гулов. – Душанбе, 2005. – 96с.
22. Гулов, С. Муқаддимаи журналистика [Матн]: Дастури таълимӣ / С. Гулов, М. Ҷумъаев. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 176 с.
23. Гулов, С. Истиқлолият ва журналистикаи тоҷик [Матн] / С. Гулов. – Душанбе: Маориф, 2025. – 168 с.

24. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе, 2008. – 870 с.
25. Дэннис, Э. Беседы о масс-медиа [Текст] / Э. Дэннис, Д. Мэррилл. – М.: Вагриус, 1997. – 383 с.
26. Журналистикаи байналхалқӣ I (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2008. – 64 с.
27. Журналистикаи байналхалқӣ II (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2009. – 64 с
28. Журналистикаи байналхалқӣ III (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2011. – 64 с.
29. Журналистикаи байналхалқӣ IV (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2012, – 136 с.
30. Журналистикаи байналхалқӣ V (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2013. – 144 с.
31. Журналистикаи байналхалқӣ VI (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2014. – 144 с.
32. Журналистикаи байналхалқӣ VII (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2015. – 160 с.
33. Журналистикаи байналхалқӣ VIII (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2016. – 160 с.
34. Журналистикаи байналхалқӣ IX (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2017. – 180 с.
35. Журналистикаи байналхалқӣ X (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2019. – 204 с.
36. Журналистикаи байналхалқӣ XI (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2021. – 162 с.
37. Журналистикаи байналхалқӣ XII (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2022. – 136 с.
38. Журналистикаи байналхалқӣ XIII (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2024. – 160 с.

39. Журналистикаи байналхалқӣ XIV (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2025. – 240 с.
40. Журналистикаи тоҷик ва масъалаҳои низоми нави ҷаҳон (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2004. – 96 с.
41. Журналистика дар Тоҷикистон. Маълумотномаи касбӣ барои журналистон [Матн]. – Душанбе: Арун, 2006. – 136 с.
42. Замони муосир ва журналистика (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе: Сино, 2011. – 166 с.
43. Зайниддинов, Н. Набзи Ховар [Матн] / Н. Зайниддинов. – Душанбе, 2006. – 142 с.
44. Залесский, Б. Л. Белорусская международная журналистика: особенности, тенденции, перспективы: учеб. метод. Пособие [Текст] / Б.Л. Залесский. – Минск: БГУ, 2014. – 374 с.
45. Зокиров, Г.Н. Сиёсатшиносӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Матбуот, 2003. – 614 с.
46. Ибодов, Д. Основы правовых знаний для журналистов Таджикистана [Текст] / Д. Ибодов. – Душанбе, 2004. – 368 с.
47. Ибраева, Г.Ж. Региональные конфликты и средств массовой информации: курс лекций [Текст]: Учебное пособия / Г.Ж. Ибраева. – Алмааты, 2001. – 258 с.
48. Имомзода, М. Роҳнамои ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / М. С. Имомзода, Ҷ.М. Саъдуллоев. – Душанбе, 2021. – 80 с.
49. Искандарӣ, Н. Нақши расонаҳо дар ҷалби сайёҳон [Матн] / Н. Искандарӣ. – Душанбе, 2010. – 116 с.
50. Истиқлолият ва журналистикаи муосир (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2006. – 94 с.
51. Калмыков, А. А. Интернет – журналистика [Текст] / А.А. Калмыкова, Л.А. Коханова. – М.: ЮНИТИ – ДАНА, 2005. – 383 с.

52. Конев, Е.Ф. Международная журналистика. Введение в специальность: Учебное пособие [Текст] / Е. Ф. Конев, И.И. Саченко. — Минск: БГУ, 2000. – 56 с.
53. Конев, Е. Ф. Международная журналистика. Введение в специальность [Текст]: учеб. пособие / Е.Ф. Конев. – Минск: БГУ, 2002. – 70 с.
54. Конев, Е.Ф.Теория и практика зарубежной журналистики: Пособие [Текст] / Е.Ф. Конев, И.И. Саченко, Т.Н. Дасаева. – Минск: БГУ, 2012. – 110 с.
55. Коновалов, В.Н. Век «Свободы» не слыхать. Записки ветерана холодной войны [Текст] / В.Н. Коновалов. – М.: Алгоритм, 2003. – 384 с.
56. Корконосенко, С. Г. Основы журналистики [Текст]: учебник для вузов / С.Г. Корконосенко. – М.: Аспект Прес, 2001. – 287 с.
57. Кузнецов, И.В. История отечественной журналистики [Текст] / И.В. Кузнецов. –М.: Флината: Наука, 2006. – 640 с.
58. Қутбиддинов, А. Хосияти публитсистика [Матн] / А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
59. Медеуова, Д. СМИ в условиях глобализации [Текст] / Д. Медеуова. – Алматы: ИД «Жибек жолы», 2003. – 264 с.
60. Международная журналистика: Материалы преподаватели кафедры международной журналистики СПбГУ 2016 – 2017 г.г./ А. С. Пую [и другие]. – СПб: Издательские решения, 2018. – 38 с.
61. Мирзоалӣ, С. Равзанаи иттилоотӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2007. – 68 с.
62. Мирзоалӣ, С. Хабар: аз Машриқ то ба Мағриб [Матн]: монография / С. Мирзоалӣ. –Душанбе, 2009. – 196 с.
63. Мирзоалӣ, С. Журналистикаи байналхалқӣ дар замони муосир [Матн] / С.Мирзоалӣ. – Душанбе, 2018. – 92 с.
64. Мирзоалӣ, С. Агентиҳои иттилоотӣ: дирӯз ва имрӯз [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2018. – 72 с.
65. Михайлов, С.А. Журналистика Соединенных Штатов Америки [Текст] / С.А. Михайлов. – СПб.: Изд-во Михайлова В.А., 2004. – 448 с.

66. Михайлов, С.А. Современная зарубежная журналистика: состояние, перспективы [Электронный ресурс] / С.А. Михайлов // Режим доступа: URL: https://evartist.narod.ru/text3/96.htm (Дата обращение: 10.06.2024).
67. Михайлов, С.А. Современная зарубежная журналистика: правила и парадоксы [Электронный ресурс] / С.А. Михайлов. – Режим доступа: https://evartist.narod.ru/text3/92.htm [Дата обращения: 17.07.2024].
68. Михайлов, С.А. Журналистика стран Северной Европы [Электронный ресурс] / С.А. Михайлов // Режим доступа: URL: https://evartist.narod.ru/text14/44.htm (Дата обращение: 17.07.2024).
69. Михайлов, С. А. Международное право и законадательство иностранных государств о СМИ [Текст]: Учебное пособие / С. А. Михайлов, С. Б. Никонов. – СПб.: С.-Петерб. гос. ун-т, филол. ф-т, 2012. – 150 с.
70. Мрочко, Л. В. Теория и практика массовой информации [Текст]: учебное пособие / Л.В. Мрочко. – М.: Флинта: МПСИ, 2006. – 240 с.
71. Муким, Д. Радио «Свобода»: ложь и правда [Текст] / Д. Муким. – Душанбе, 2005. – 180 с.
72. Муқим, Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Девиштич, 2006. – 71 с.
73. Муқим, Ҷ. Радиои Би-би-си: дирӯз ва имрӯз [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Девиштич. – 2006. – 144 с.
74. Муқим, Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он [Матн]: Дастури таълимӣ / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Озар, 2013. – 160 с.
75. Муқим, Ҷ. Журналистикаи мултимедиавӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2016. – 128 с.
76. Муқим, Ҷ. Тарғиботи радиои «Озодӣ» [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2018. – 100 с.
77. Муқим, Ҷ. Журналистикаи чандрасонаӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2019. – 168 с.
78. Муқим, Ҷ. Расонаҳои ҷаҳонии тарғиботии ИМА [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: ДДЗТ, 2021. – 177 с.

79. Муқим, Ҷ. Сутуннависӣ [Матн]: Дастури таълимӣ / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2022. – 76 с.
80. Муқим, Ҷ. Расонаҳои ҷаҳонии тарғиботии ИМА [Манбаи электронӣ] / Ҷ. Муқим // Низоми дастрасӣ: URL: https: //jovidmuqim.wordpress.com/2022/01/10/ расонаҳои-ҷаҳонии-тарғиботии-има (Санаи дастрасӣ: 17.02.2025).
81. Муллоев, Ш.Б. История таджикской журналистики [Текст]: учебно – методическое пособие для студентов отделения журналистики / Ш.Б. Муллоев. – Душанбе, 2009. – 119 с
82. Муродов, М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист. Қисми 1 [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 64 с.
83. Муродӣ, М. Метод ва методологияи таҳқиқи илмӣ [Матн] / М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 160 с.
84. Мухторӣ, Қ. Хадамоти матбуотӣ ва робита бо ҷомеа [Матн] / Қ. Мухторӣ. – Душанбе, 2015. – 128 с.
85. Набавӣ, А. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ («Бухорои шариф», «Самарқанд», «Ойина») [Матн] / А. Набавӣ. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 64 с.
86. Нуралиев, А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ. [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе, 2001. – 88 с.
87. Нуралиев, А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ [Матн] /А. Нуралиев. – Душанбе: Сурушан, 2001. – 224 с.
88. Нуралиев, А. Жарнҳои ахбории матбуот [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе: Девиштич, 2004. – 146 с.
89. Орлова, В. В. Глобальные телесети новостей на информационном рынке [Текст] / В. В. Орлова. – М.: Изд-во. «РИП-холдинг», 2003. – 168 с.
90. Панфилов, О.Таджикистан: Журналисты на гражданской войне (1992-1997) [Текст] / О. Панфилов. – М., 2005. – 564 с.
91. Полетаев, Э. Рӯзноманигории байналхалқӣ: роҳнамо барои муаллифон аз Осиёи Марказӣ [Матн] / Э.Полетаев. – Алматы, 2003. – 280 с.

92. Полный цикл лекций профессора, д.п.н. С.А. Михайлова в рамках курса «Международная журналистика» [Электронный ресурс] / С.А. Михайлов // Режим доступа: URL: http://studyjourn.blogspot.ru/2013/01/blog-post_7713.html (Дата обращение: 14.09.2022).
93. Поттер, Д. Рӯзноманигории мустақил [Матн] / Д. Поттер. – Душанбе: Матбаа, 2006. – 148 с.
94. Прохоров, Е. П. Журналистика и демократия [Текст] / Е. П. Прохоров – М., 2001. – 350 с.
95. Прохоров, Е. П. Введение в теорию журналистике [Текст] / Е. П. Прохоров. – М.; РИП – холдинг, 2002. – 322 с.
96. Рахимджон, Х.У. Этические нормы: теория и практика применения в таджикской журналистике [Текст]: монография / Х.У. Рахимджон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 176 с.
97. Расулиён, Қ. Таърихи матбуоти форсӣ – тоҷикӣ (нимаи аввали асри XX). Китоби II [Матн] / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2012. – 102 с.
98. Раҳматов, С. Минбари савту калом [Матн] / С. Раҳматов. – Душанбе: Статус, 2001. – 172 с.
99. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 364 с.
100. Редькина, Т. Ю. Трэвел-медиатекст: способы и приёмы речепорождения [Текст]: учеб. метод. пособие / Т.Ю. Редькина. – СПб, 2013. – 74 с.
101. Рустамзода, Д.А. Профессионально-этические проблемы радиожурналистики в условиях глобализации [Текст] / А.А. Рустамзода. – Душанбе, 2021. – 166 с.
102. Садуллаев, А. Горизонты публицистики [Текст] / А.Садуллаев. – Душанбе, 2009. – 308 с.
103. Саидов, З.Ш. Массовая информация и внешняя политика [Текст] / З.Ш. Саидов, А.З. Сабуров. – Душанбе: Сино, 1995. – 54 с.
104. Саидов, З.Ш. Таджикистан: внешнее политика и массовое информация (1993-1995г.г) [Текст] / З.Ш. Саидов, А.З. Сабуров. – Душанбе, 1997. – 76 с.

105. Сайидзода, З.Ш. Таджикистан: информационный ресурс, внешняя политика, имидж государства [Текст] / З.Ш. Сайидзода, Ф.З. Саидов. – Душанбе: Издательство «Иттилоот ва муошират», 2008. – 225 с.
106. Сайфиддинова, Г. А. Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврӣ [Матн]: Монография / Г.А. Сайфиддинова. – Душанбе: ҶДММ Нӯшбод, 2022. – 208 с.
107. Салимзода, О. Публитсистикаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода [Матн] / О. Салимзода. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 138 с.
108. Салихов, Н.Н. История журналистики стран Америки [Текст]: Учебное пособие / Н.Н. Салихов, А.Н. Нуралиев, М.М. Султанов. – Душанбе, 2013. – 203 с.
109. Самад, В. Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал [Матн] / В. Самад. – Душанбе: Маориф, 1991. – 224 с.
110. Сапунов, В.И. Зарубежные информационные агентства [Текст] / В.И.Сапунов. – М.: Изд-во Михайлова В. А., 2006. – 384 с.
111. Сафарзода, М. Имиҷсозӣ ва бренд дар журналистика [Матн]: дастури таълимӣ / М. Сафарзода. – Душанбе, 2023. – 76 с.
112. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт [Матн] / А. Саъдуллоев – Душанбе, 2000. – 256 с.
113. Саъдуллоев, А. Жанрҳои журналистикаи радио. Бахши дуюм: Жанрҳои таблиғӣ – публисистӣ [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 72 с.
114. Саъдуллоев, А. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2005. – 96 с.
115. Саъдуллоев, А. Нақвои нақотофарин [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2008. – 112 с.
116. Саъдуллоев, А. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. қисми 2. – Душанбе: Эҷод, 2010. – 112 с.
117. Соколова, М. В. История туризма [Текст]: учеб. пособие для студентов вузов / М. В. Соколова. – М.: Академия, 2012. – 352 с.

118. Сохибназарбекова, Р.М. Журналистика стран СНГ [Текст]: учебное пособие / Р.М. Сохибназарбекова. – Душанбе, 2008. – 102 с.
119. Талхобӣ, А.А. Тактикаҳои хабарӣ дар ҳуҷуми иттилоотӣ нисбати Эрон [Матн] / А.А. Талхобӣ. – Душанбе, 2013. – 104 с.
120. Тревел-журналистика: понятие, жанры, особенности профессиональной деятельности [Текст]: Колективная монография / А.С. Василенко, И.И. Карпенко, У.Перси, А.В. Полонский, В.И. Съедин / под ред. И.И. Карпенко. – Белгород: Политерра, 2019. – 124 с.
121. Усмонов, И.К. Печать и международная пропаганда [Текст] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 1990. – 120 с.
122. Усмонов, И. Таърихи матбуоти тоҷик [Матн] / И.К. Усмонов, Д. Давронов – Душанбе, 1997. – 160 с.
123. Усмонов, И. Назарияи публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 1999. – 100 с.
124. Усмонов, И. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Сино, 2003. – 65 с.
125. Усмонов, И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.
126. Усмонов, И.К. Журналистика – I. [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2005. – 480 с.
127. Усмонов, И. К. Правда о таджиках [Текст] / И.К. Усмонов –Душанбе, 2006. – 83 с.
128. Усмонов, И.К. Журналистика – III. [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2008. – 448 с.
129. Усмонов, И. Журналистика – IV. [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 474 с.
130. Усмонов, И.К. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ [Матн]: китоби дарсӣ / И.К.Усмонов, М.А. Муқимов, А. Қутбиддинов, Ҷ. Якубов, С. Мирзоалӣ ва дигарон. – Душанбе, 2011. – 200 с.
131. Усмон, И. Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон [Матн] / И. Усмон. – Душанбе, 2016. – 672 с.

132. Хоҷазод, С. Таърихи радиои Тоҷикистон [Матн] / С. Хоҷазод – Душанбе, 2006. – 144 с.
133. Хоҷазод, С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон [Матн] / С. Хоҷазод. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 288 с.
134. Ҳайдаров, Ф. Равзанаи нигоҳ (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн] / Ф. Ҳайдаров, С. Гулов, А. Қутбидинов. – Душанбе, 2015. – 108 с.
135. Ҳамидиён, И. Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо [Матн] / И. Ҳамидиён, Ф. Низом. – Душанбе, 2022. – 268 с.
136. Шарифзода, Қ. Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ [Матн] / Қ. Шарифзода. – Душанбе: Маориф, 2006. – 72 с.
137. Шарифзода, Қ. Мушкилоти озодии сухан [Матн] / Қ. Шарифзода. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 100 с.
138. Шарифзода, Қ. «Бухорои шариф»: назаре пас аз 100 сол [Матн] / Қ. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 100 с.
139. Шарифзода, Қ. «Газета (рӯзнома)» аз таърих, вазифаҳои иҷтимоӣ, таснифот ва сохтори редаксияи он [Матн]: Дастури таълимӣ / Қ. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 104 с.
140. Шукруллоев, Б. Жанри мактуб: рисолат ва имконот [Матн] / Б. Шукруллоев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 114 с.
141. Эшматов, З. Таъсис ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон [Матн] / З. Эшматов. – Душанбе, 2016. – 130 с.
142. Яқубов, Ҷ. Журналистикаи экологӣ [Матн] / Ҷ. Яқубов. – Душанбе, 2012. – 158 с.
143. Яқубов, Ҷ. Маърифати экологии журналист [Матн] / Ҷ. Яқубов. – Душанбе, 2021. – 132 с.

III. Адабиёт бо забонҳои хориҷӣ:

144. Arblaster, P. Posts, newsletters, newspapers: England in a European system of communications // Media History, 2005 11 (1/2): 21–36. // [Electronic source] // Access mode: URL:

https://www.tandfonline.com/doi/full/10.1080/13688800520003423 98?needAccess=true (access date: 07/15/2023)

145. Borm, J. Defining Travel: On the travel book, travel writing and terminology [Text] / J. Borm // Perspectives on Travel Writing / ed. by Glenn Hooper, Tim Youngs. – Aldershot: Ashgate, 2004. – P. 13-26.
146. Boston, R. The Essential Fleet Street: Its History and Influence [Text] / R. Boston – London: Blandford. 1990. – 192 p.
147. Brown, L. The Treatment of News in Mid-Victorian Newspapers// Royal Historical Society (Fifth Series). 1997 [Electronic source] / L. Brown. – URL:https://www.jstor.org/stable/3679186 (access date: 06/24/2023)
148. Brownlees, N. Spoken discourse in early English newspapers [Text] / N. Brownlees // News Networks in Seventeenth Century Britain and Europe11 (1/2): 69–85. – London, 2006. – 176 p.
149. Carlson, M. The robotic reporter: Automatedjoumalism and the redefinition of labor, compositional forms, and journalistic authority [Text] / M. Carlson // Digital Journalism. – 2015. – Т. 3. – № 4. 3. – P. 416-431.
150. Clarke, B. From Grub Street to Fleet Street: An Illustrated History of English Newspapers to 1899 [Text] / B. Clarke. – Aldershot: Ashgate, 2004. – 283 p.
151. Cocking, B. Travel Journalism: Europe imagining the Middle East', Journalism Studies. Taylor and Francis [Text] / B. Cocking. – 2009. P. 54-68. doi:10.1080/14616700802560500.
152. Fürsich, E. How can global journalists represent the 'Other'? A critical assessment of the cultural studies concept for media practice [Text] / E. Fürsich // Journalism: Theory, Practice and Criticism. — 2002. — № 3 (1). — P. 57−84.
153. Griffiths, D. Fleet Street: Five Hundred Years of the British Press [Text] / D. Griffiths – London: The British Library, 2006. – 458 p.
154. Hamilton, J. T. Accountability through algorithm: Developing the field of computational journalism [Text] / J. T. Hamilton, F. Turner // Report from the Center for Advanced Study in the Behavioral Sciences, Summer Workshop. – 2009. – P. 27-41.

155. Hanusch, F. The dimensions of travel journalism [Text] / F. Hanusch // Journalism Studies. — 2010. — Vol. 11, № 1. — P. 68−82.]
156. Hohenberg, J. Foreign Correspondence: The Great Reporters and their Times [Text] / J. Hohenberg New York: Syracuse University Press, 1993. – 502 p.
157. Kevin, W. International Journalism [Text] / W. Kevin – London: SAGE, 2011. – 216 p.
158. Mandaza, I. News from the Third World: Crossing the Barrier [Text] / I. Mandaza // Information/Crisis/Development: News from the Third World Ontario: University of Western Ontario, 1986. – 158 p.
159. Palmer, M. The British press and international news, 1851–99// Newspaper History: From the Seventeenth Century to the Present Day [Text] / M. Palmer – London: Constable, 1978. – 423 p.
160. Pietilainen, J. Foreign news and foreign trade: what kind of relationship? // International Communication Gazette 68(2): 217–28. [Electronic source] /J. Pietilainen // Access mode: URL: https://www.researchgate.net/publication/258137582_Foreign_News_and_Foreign_Trade_What_Kind_of_Relationship (Access date: 07/14/2023)
161. Rantanen, T. The Globalization of electronic news in the nineteenth century//Media, Culture & Society 19 [Electronic source] / T. Rantanen // // Access mode: URL: https://www.semanticscholar.org/paper/The-globalization-of-electronic-news-in-the-19th-Rantanen/37bdbc8f3e9924eb42aa16b0c416101d44bdea47 (Access date: 07/17/2023)
162. Read, D. The Power of News: The History of Reuters [Text] / D. Read. – Oxford: Oxford University Press, 1992. – 540 p.
163. Robertson, R. Globalization: social theory and global culture [Text] R. Robertson – London: SAGE Publications, 1992. – 224 p.
164. Santos, C. A. Perception and interpretation of leisure travel articles [Text] / C. A. Santos // Leisure Sciences: An Interdisciplinary Journal. — 2004. — Vol. 26, № 4. — P. 393–410.
165. Smith, A. Reflections and Refractions on the Flow of Information// Introduction to the Sociology of ‘Developing Societies’. - London: Macmillan Press, 1983.

[Electronic source] // Access mode: URL: https://link.springer.com/chapter/10.1007/978-1-349-16847-7_33 (Access date: 05/24/2023)

166. Smith, A. The Newspaper: An International History [Text] A. Smith –London: Thames & Hudson, 1979/ – 192 p.
167. Smith, A. The Geopolitics of Information: How Western Culture Dominates the World [Text] / A. Smith. – Oxford: Oxford University Press, 1980. – 192 p.
168. Stephens, M. A. History of News. [Text] / M. A. Stephens. Fort Worth, TX: Harcourt Brace. – 2007. – 356 p.
169. Sutherland, J. The Restoration Newspaper and its Development (2nd edn) [Text] / J. Sutherland. – Cambridge: Cambridge University Press, 2004. – 276 p.
170. Theroux, P. Tao of Travel [Text] / P/ Theroux. – Boston; New York: Mariner Books, 2012. – 292 p
171. Tunstall, J. Media Moguls [Text] / J. Tunstall, M. Palmer. – London: Routledge, 1991 – 268 p.
172. Van Dalen, A. The algorithms behind the headlines: How machine-written news redefines the core skills of humanjoumalists [Text] / A. Van Dalen // Journalism Practice. – 2012. – T. 6. – № 4. 5-6. – P.648-658.
173. Youngs, T. Travellers in Africa; British Travelogues, 1850–1900 [Text] / T. Youngs. – Manchester: Manchester University Press, 1994. – 235 p.
174. Zamith, R. The international journalism handbook. Concept, challenges and contexts [Text] / R. Zamith – Amherst, 2022. – 243 p.

IV. Диссертатсияҳо ва авторефератҳо:

175. Анҷум, М.А. Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии Аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»). Дисс…док. илм. фалсафа (PhD), док. ихтис. 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ [Матн] /А. М. Аҳмад. – Душанбе, 2026. – 170 с.
176. Атоев, М. Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф». Дисс. номз. илм. филол [Матн] / М. Атоев. – Душанбе, 2023. – 177 с.

177. Афанасьев, Ю.Е. Современное международное вещание: проблемно-тематическая структура информационно-аналитических программ радио «Свобода» на русском языке. Дисс. канд. филол. наук [Текст] / Ю. Е. Афанасьев. – СПб, 2005. – 206 с.
178. Баротов, И. И. Повышение международного имиджа государство в условиях изменяющегося мира: на примере Республики Таджикистан. Дис. канд. полит. наук [Текст] / И. И. Баротов. – Душанбе, 2020. – 162 с.
179. Баҳромзода, М.З. Нақши матбуоти даврии тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об. Дисс.док. илм. фалсафа (PhD), док. ихтис. 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ [Матн] / М.З. Баҳромзода. – Душанбе, 2021. – 191 с.
180. Гоибова, Ф.М. Публицистика Сайда Джамолиддина Афгани. Дисс... канд. филол. наук [Текст] /Ф.М. Гоибова. – Душанбе, 2015. – 181 с.
181. Гоибова, Ф.М. Публицистическая и просветительская деятельность Сайид Ахмад-хана и её роль в развитии индийской общественной мысли. Дисс. докт. филол. наук. [Текст] / Ф.М. Гоибова. – Душанбе, 2023. – 294 с.
182. Зегонов, О.В. Роль «глобальных» СМИ в мировой политике. Автореф. дис.канд. полит. наук. [Текст] / О.В. Зегонов. – М., 2009. – 30 с.
183. Зоириён, Б.Ш. Масъалаҳои байналхалқӣ дар публитсистикаи Абдулқосим Лоҳутӣ. Дисс. ном. илм. филол. [Матн] / Б. Ш. Зоириён. – Душанбе, 2023. – 194 с.
184. Искандарӣ, Н. Инъикоси проблемаҳои туризм дар расонаҳои Эрон. Дисс. ном. илм. филол. [Матн] / Н. Искандарӣ. – Душанбе, 2010. – 178 с.
185. Исмоилова, Ф.Қ. Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013) Дисс. ном. илм. филол. [Матн] / Ф.Қ. Исмоилова. – Душанбе, 2020. – 170 с.
186. Кианпур, Л. Профессиональная этика журналиста как теоретическое требование телевидения (на примере информационных програм телевидения ВВС (персидская) и телевидения ИРИ) Автореф. дис. канд. филол. наук. [Текст] /Л. Кианпур. – Душанбе, 2012. – 24 с.

187. Колесниченко, В. Г. Трансформации международной журналистики в качественной прессе в начале XXI столетия: российские реалии в международном контексте. Дисс. канд. филол. наук [Текст] / В.Г. Колесниченко. – М., МГУ, 2022. – 173 с.
188. Кулакова, В.В. Интернет в системе средств массовой информации Таджикистана. Автореф. дис. канд. филол. наук. [Текст] / В. В. Кулакова. – Душанбе, 2007. – 26 с.
189. Қудбиддинов, А. Ҳ. Публисистикаи Мирсаид Миршакар. Дисс... ном. илм. филол. [Матн] / А. Ҳ. Қудбиддинов. – Душанбе, 2004. – 155 с.
190. Ларионов, Е. А. Национальные новостные сети как актор современных международных отношений (на примере CNN и Russia Today) Автореферат дис. канд. полит. наук. [Текст] / Е. А. Ларионов. – Пятигорск, 2015. – 28 с.
191. Мирзоалӣ, С. Фаъолияти хабаргузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ИРНА ва РИА Новости) Дисс... ном. илм. филол. [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2007. – 142 с.
192. Мирзоева, Ф.М. Пайдоиш ва ташаккули сарчашмаҳои иттилоотии англисӣ дар Тоҷикистон. Дисс... ном. илм. филол. [Матн] / Ф.М. Мирзоева. – Душанбе, 2019. – 161 с.
193. Мукимов, М.А. История создания и развития Радио «Свобода». Дисс. канд. истор. наук. [Текст] / М. А. Мукимов. – Душанбе, 2003. – 180 с.
194. Муқимов, М.А. Воқеияти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва проблемаҳои инъикоси он дар воситаҳои электронии ахбори хориҷӣ (дар мисоли фаъолияти бахши тоҷикии Радиои «Озодӣ» ва бахши форсии Радиои Би-Би-Си). Дисс. док. илм. филол. [Матн] / М. А. Муқимов. – Душанбе, 2006. – 340 с.
195. Муминова, П.И. Современная международная журналистика: тенденции, проблемы и перспективы: (концептуально-функциональный анализ). Автореф. дис… док. филол. наук. / П.И. Муминова. [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL:

https://viewer.rusneb.ru/ru/000200_000018_RU_NLR_bibl_433404?page=7&rotate=0&theme=white (Дата обращение: 15.04.2025)

196. Никонов, С. Б. Неополитика в коммуникационном процессе внешнополитичесой деятельности государств. Дисс. док. полит. наук. [Текст] / С. Б. Никонов. – СПб, 2020. – 545 с.
197. Сабуров, А.З. Роль средств массовой информации в освещении международной деятельности Республики Таджикистан (1991-1995). Дисс. канд. историч. наук. [Текст] / А.З. Сабуров. – Душанбе, 1996. – 160 с.
198. Садуллаев, Д. М. Межгосударственная телерадиокомпания МИР как новый тип межгосударственного средства массовой информации в контексте интеграционных процессов СНГ. Дисс. док. филол. наук. [Текст] Д. М. Садуллаев. – Душанбе, 2013. – 315 с.
199. Саибназарова, Ш.М. Роль и место межгосударственной телерадиокомпании «Мир» в информационном пространстве Республики Таджикистана. Автореф. дис. канд. филол. наук. [Текст] / Ш.М. Саибназарова. – Душанбе, 2012. – 26 с.
200. Сано, А. Ғ. Мавқеи барномаҳои форсизабонҳо дар шабакаи чандфарҳангии «ШО»-и Канада. Дисс. ном. илм. филол. [Матн] / А. Ғ. Сано. – Душанбе, 2012. – 167 с.
201. Саъдуллоев, А. Мавзуи ҳозиразамон ва проблемаҳои инкишофи публитсистикаи советии тоҷик (дар мисоли эҷодиёти М. Турсунзода) Дисс. ном. илм. филол. [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 1976. – 178 с.
202. Сафаров, Х.Ҳ. Мавқеи воситаҳои ахбори оммаи Русия дар фазои иттилоотии Тоҷикистон. Дисс. ном. илм. филол. [Матн] / Х.Ҳ. Сафаров. – Душанбе, 2013. – 150 с.
203. Сохибова, Б.Н. Информация и ее интерпретация как фактор развития современного Таджикского телевидения (на примере Первого канала телевидения Таджикистана и информационного канала «Джахоннамо»). Дисс. канд. филол. наук. [Текст] / Б.Н. Сохибова. –Душанбе, 2015. – 171 с.
204. Талхобӣ, А.А. Ҳуҷуми иттилоотии расонаҳои байналмилалии форсизабон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон (дар мисоли «Садои Амрико», Радиои «Фардо»

ва Би-Би-Си) Дисс. ном. илм. филол. [Матн] / А.А. Талхобӣ. – Душанбе, 2013. – 183 с.

205. Усмонов, М.С. Отражение афганского конфликта XXI века в таджикской печати. Дисс. канд. филол. наук. [Текст] / М.С. Усмонов. – Душанбе, 2018. – 166 с.
206. Хомидов, Д.Б. СМИ в контексте информационной политики и информационной безопасности Республики Таджикистан. Автореф. дис. канд. филол. наук. [Текст] / Д.Б. Хомидов. – Душанбе, 2012. – 22 с.
207. Ҳамидиён, И.И. Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо. Дисс. док. илм. филол. [Матн] / И. И. Ҳамидиён. – Душанбе, 2024. – 381 с.
208. Яқубов, Ҷ.Н. Журналистика ва экология: муаммо ва пешомадҳо (дар мисоли маводди ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дисс... ном. илм. филол. [Матн] / Ҷ. Н. Яқубов. – Душанбе, 2009. – 169 с.

V. Мақолаҳои илмӣ

209. Абдуллоев, М.А. «Бухорои шариф»: трудный путь зарождения таджикской журналистики [Текст] / М.А. Абдуллоев // Актуалные проблемы журналистики: Сборник научных статей. – Душанбе, 2013. – С. 98-104.
210. Абдуллозода, М.А. Системные особенности радиовещания в Республике Таджикистан (на примере государственных радио) [Текст] / М.А. Абдуллозода // Вестник таджикского национального университет Серия филологических наук. – Душанбе, 2019. – № 1. – С. 285-290.
211. Абдуллоҳ, М.С. Вижагиҳои раванди ҷаҳонишавӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.С. Абдуллоҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ). – Душанбе, 2021. – № 3-4 (3-4). – С. 140-145.
212. Абдуҷабборов, М. Дипломатияи иттилоотӣ ва масоили ҳифзи амнияти иттилоотӣ дар шароити нави муносибатҳои байналмилалӣ [Манбаи электронӣ] / М. Абдуҷабборов // Низоми дастрасӣ: URL: https://mts.tj/diplomatiyai-ittiloot%d3%a3-va-masoili-%d2%b3ifzi-amniyati-

ittiloot%d3%a3-dar-sharoiti-navi-munosibat%d2%b3oi-bajnalmilal%d3%a3/ (Санаи дастрасӣ: 12.04.2023).

213. Азимов, А.Х. Нақши Мирзо Сироҷи Ҳаким дар танвири афкор ва бедории тоҷикон [Матн] / А.Х.Азимов, Н.У. Ғаффоров Н // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – № 3/8 (216). – С. 3-9.
